МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 659+07:323 (575.3)**

**САФАРЗОДА ҶУМАХОН МИРЗОШАРИФ**

# СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНӢ (ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои сиёсӣ Миралиён Қ.А.**

**Бохтар - 2026**

**МУНДАРИҶА**

**Номгӯйи ихтисораҳо................................................................................... 3**

**МУҚАДДИМА..................................................................................................... 4**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ**

1.1 Сиёсати иттилоотӣ: моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо......... 21

1.2 Сиёсати иттилоотии давлат ва хусусиятҳои бевоситаи он.................... 43

**БОБИ II. СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ВА ВОҚЕИЯТИ ОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ**

2.1. Сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа............................................................................. 68

2.2. Сиёсати иттилоотӣ ва меъёрҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .................................................................................. 89

**БОБИ III. СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН**

3.1. Самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ.............................................................................. 118

3.2. Дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳиммияти амаликунонии он.................................................. 139

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО.............................................................................. 158**

**Рӯйхати адабиёт.............................................................................................. 165**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия................................................... 184**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТИК – Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

СҲШ – Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

СААД – Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

ИТБ – Иттиҳодияи Байналмилалии Телекоммуникатсия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди иттилоотонии ҷомеа таҳким бахшидани истиқлолияти иттилоотӣ, ихтиёрдорӣ намудани фазои иттилоотӣ ва мустаҳкам намудани раванди иттилоотонӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили самараноки идоракунӣ аҳаммияти муҳимро касб мекунад. Масъалаи иттилоотонӣ барои ҳар давлат ва ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Иттилоотонӣ махсусияти қудрати сиёсиест, ки дар асри иттилоот ва ҷомеаи иттилоотӣ арзи ҳастӣ мекунад. Аз ин рӯ, вазъияти рушди аҳаммияти иттилоот дар Тоҷикистон ин таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ ва ё тобеияти иттилоотӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳамияти муҳими сиёсӣ ва стратегӣ дорад.

Истифодаи самараноки дастовардҳои илмиву техникии муосир, махсусан технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими зарфияти идорӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва таъмини рушди устувори иттилоотӣ шинохта мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти стратегӣ ва зарурати сиёсиву таърихии ин раванд, гузариш ба марҳилаи сифатан нави ташаккули низоми давлатдорӣ, ки дар он иттилоотонӣ, рақамикунонӣ ва низоми иттилоотӣ ҷойгоҳи калидӣ доранд, на танҳо хоси давраи муосир аст, балки шарти муҳимми таъмини рақобатпазирии миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти иттилоотии кишвар ба шумор меравад.

Сиёсати иттилоотӣ, хусусиятҳои амалишавӣ ва омили самаранокии идоракунӣ будани ин раванд як масъалаи муҳим ва муҳокиматалаб мебошад, ки ба тамоми ҷабҳаҳои сиёсӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус ба равандҳои муосири сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад. Дар ҷаҳони имрӯз, ки иттилоот ва технологияҳои муосир як ҷузъи асосии рушду ташаккул маҳсуб меравад, таҳлили баррасии сиёсати иттилоотӣ ва самаранокии амалии он ба таъмини устувории идоракунӣ ва инкишофи соҳаҳои мухталифи давлат такони ҷиддӣ дода метавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ба масъалаҳои рушди устувор ва ба роҳ мондани иқтидори миллӣ диққати хосса дода, ба мавзуи

сиёсати иттилоотӣ ва амалӣ намудани он, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои мубрам дар замони муосир амнияти иттилоотӣ мебошад, ки дар он таҳдидҳои навини киберӣ бояд мавриди пешгирӣ ва муқовимат қарор дода шавад. Ин ҳолат барои кишвари мо, муҳим арзёбӣ гардида дар раванди таъмини амнияти иттилоотӣ ба таври дуруст бояд баррасӣ карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити таҳаввулоти босуръати иттилоот ва технологияҳои муосири инноватсионӣ сиёсати иттилоотӣ омили муҳимми пешрафт буда, аз мадди таҳқиқоти олимону пажӯҳишгарон дур намонад. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи стратегист, ки сиёсати иттилоотӣ дар асоси равишҳои муосири идоракунии электронӣ, механизмҳои таҳкими шаффофият ва таъмини ҳифзи киберамният таҳия гардида, ба василаи таъсирбахши таъмини устувории фазои иттилоотии миллӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираи принсипҳои давлатдории миллӣ ва бо дарназардошти хатарҳои эҳтимолии шабакаҳои ҷаҳонӣ, амалӣ намудани сиёсати иттилоотии фарогир, ки ҳамзамон ҳадафҳои рушди устувор, амнияти иттилоотӣ ва маърифати шаҳрвандиро дар бар мегирад, ба унвони яке аз рукнҳои муҳимтарини стратегӣ ва амнияти миллӣ мавқеи хос пайдо менамояд.

Шароитҳои нави ҷаҳонӣ ва афзоиши вобастагӣ аз иттилоот дар равандҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба талаботи нав ба сиёсати иттилоотӣ бо мақсади мутобиқ сохтани амалҳои давлат, устувории ҷомеа ва амнияти иттилоотӣ дар муҳити рақамӣ ва глобалӣ мувофиқ шудааст. Пешбурди амалии сиёсати иттилоотӣ, ки бо ҳамоҳангсозии амалҳои идоракунӣ ва рушди рақамии кишвар алоқаманд аст,  метавонанд ба ҷомеа дар пешрафти идоракунӣ ва беҳтар намудани фаъолияти давлатӣ кӯмак расонанд. Тағйироти густурда дар сохторҳои идоракунии давлатӣ ва фазои рақамии ҷаҳонӣ зарураteро ба миён овардаанд, ки масъалаи таҳқиқ ва омӯзиши сиёсатҳои иттилоотонӣ ва идоракунии иттилоот дар доираи низоми миллӣ ба таври амиқ ва илмӣ таҳқиқу баррасӣ шавад. Метавон зикр кард, ки таҳқиқи

масъалаҳои марбут ба сиёсати иттилоотонӣ, механизмҳои татбиқи идоракунии иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотии кишвар дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад. Зеро танҳо дар заминаи омӯзиши илмӣ ва таҳлили амиқи равандҳои иттилоотӣ метавон асосҳои методологӣ ва амалии гузариш ба шаклҳои нави идоракунии давлатӣ ва ташкили фазои иттилоотии ҳимояшуда ва устуворро таҳия намуд. Ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунад, балки ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва амнияти иттилоотии аҳолиро низ таъмин менамояд.

Бинобар ин, масъалаи сиёсати иттилоотӣ ва дар амал татбиқ намудани он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳлил ва таҳияи стратегияҳои миллӣ марбут ба иттилоотонӣ дар сиёсат муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳқиқу пажӯҳиши масъалаи мазкур мубрамияти мавзуъро тасдиқ намуда, дар раванди идоракунии давлатӣ, танзими равандҳои сиёсӣ ва таъмини истиқлолияти иттилоотӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Фарқияти таҳқиқоти илмии мо аз пажӯҳишҳои дигар дар он аст, ки мо кӯшиш намудем, масъалаи сиёсати иттилоотониро дар шароити рушди технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, тақвияти аҳаммияти иттилоот барои давлат ва ҷомеа, баланд гардидани мақоми таъмини амнияти иттилоотӣ ба таври фарогир мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳем. Адабиёти дар раванди таҳқиқот истифодашуда ба 5 гурӯҳи зер гуруҳбанди шудаанд.

**Ба гурӯҳи якум** адабиёт, ки масъалаҳои гуногуни сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми самаранокии идоракунӣ, таъмини амнияти иттилооти ва рушди сиёсиву ҷамъиятии Тоҷикистон дохил мешавад. Пеш аз ҳама,  асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ворид гардида, дар омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои мухталифи инкишоф ва рушди давлату, ҷомеаи Тоҷикистон, дарёфти роҳу воситаҳои муҳимми таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотонии Тоҷикистон ҳамчун меъёр ва низоми

махсуси чорабиниҳо барои инкишофи Тоҷикистон мақоми хоссаро ишғол намудаанд.

**Ба гурӯҳи дуюми адабиёт**, сарчашмаҳои илмие дохил мешаванд, ки бештар ба инкишофи - ҷомеаи навини иттилоотӣ алоқамандӣ доранд. Аз ҷумла, миёни мутахассисон ва муҳаққиқони хориҷӣ корҳои илмии Э. Тоффлер [78; 79], Д. Белл [42; 141; 159], И. Валлерстайн [45], Н. Винер [48], Э. Гидсенс [51], Дж. Гэлбрейт [55], П. Дракер [56], Э. Дюркгейм [57], М. Кастелс [62; 147], Г.Д. Лассвелл [166; 167], Л. Туроу [80], Ф. Фукуями [82], С. Хантингтона [83] ва дигарон бештар бартарият дида мешавад.

Масалан, Э. Тоффлер дар андешаҳои пешгуёнааш тағйироти низоми ақидавӣ ва тасавуроти маънавии одамонро дар асоси такмил ёфтани фазои иттилоотӣ ва фарогирии он ишора карда буд. Тақвияти воситаҳои иттилоотпаҳнкунӣ, интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма таҳаввулоти маънавию психологӣ ва таърихиро дар бар мегирад.

Ба консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ, ки онро Д. Белл, В. Мартин ва дигар сиёсатшиносон таҳия кардаанд, тартиб додани сиёсати иттилоотони мумкин ва зарур аст. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир аксари мардум меҳнати иттилоотиро ба як ва ё якчанд тарз, дар ин ё он шакл ба амал мебароранд ва иттилоотро истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва амалӣ менамоянд, аз ҷумла шакли олии иттилоот - донишҳои иттилоотонӣ мебошад.

**Ба гурӯҳи сеюми адабиёт** дар бораи иттилоотикунонии ҷамъиятӣ корҳои илмии олимону мутахассисони рус ба монанди В.В. Василев, Т.Ю. Салутина [46], Н. А. Нарижний [105], С.А. Батчиков, С.Ю. Глазев [41], Н. Винер [48], М. Кастелс [62; 147], А.И. Ракитов [72], Д. Попов [60; 70; 155], К. В. Маркелов [133], В.В. Мистюков [135], Д.Ю. Шветс [140], А.М. Старостин [138], О.А. Городов [53] ва дигарон дохил мебошанд, ки корҳои таҳқиқотии онҳо бештар ба масъалаҳои сиёсати иттилоотӣ дар амал татбиқ шудани он вобастагӣ доранд.

Масалан, В.В. Василев ва Т.Ю. Салутина изҳори андеша доранд, ки иттилоотонӣ васеътар аз фаҳмише, ки бо истифодаи ҳаҷми таҷҳизоти компютерӣ ва технологияҳои нави инфокоммуникатсионӣ нигаронида шудааст мебошад. Он равандест, ки дараҷаи воридшавии ҷомеа ба фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сифати нави рушди иқтисодӣ дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми истеҳсол, коркард, тақсимот ва истеъмоли иттилоот ташаккул меёбад

Иттилооткунонӣ ин пур кардани фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадани бо технологияҳои нави иттилоотӣ, ки бо талаботи беруна ва талаботи дохилии ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти давлатро таъмин менамояд.

Ба андешаи онҳо асоси иттилоотониро коркард, таҳия, татбиқ ва натиҷагирии сиёсати иттилоотии давлат ташкил медиҳад. Сиёсати давлатии иттилоотӣ маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ташкилии давлат, ки ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии иттилоот нигаронида шудаанд, мебошад. Сиёсати иттилоотии давлатӣ соҳаи махсуси ҳаёти одамон бо такрористеҳсол ва паҳн намудани иттилооте мебошад, ки манфиатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро қонеъ карда, ба таъмини муколамаи созанда ва бунёдкоронаи байни онҳо ва намояндагони онҳо нигаронида шудааст.

**Ба гурӯҳи чоруми адабиёт**, метавон олимону пажуҳишгарони ватаниро ворид намуд, ки дар таҳқиқотҳои худ паҳлуҳои мухталифи сиёсати иттилоотиро ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳқиқотии олимони шинохтаи кишварамон П.А. Маҳмадов [68], С.С. Ятимов [86; 127; 128; 129], М.У. Хидирзода [84], П.А. Муҳаммадзода [153], Х.Қ. Сафарализода [116; 117] паҳлуҳои гуногуни сиёсати иттилоотонии давлат ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони соҳибистиқлолӣ баррасӣ гардидааст.

Масалан, профессор П.А. Маҳмадов амнияти иттилоотиро ҳамчун «ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот медонад, ки сатҳи ҳимояи онҳоро таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ инъикос мекунад» [68].

Ё ин ки дар мавриди робитаи илм бо амният С.С. Ятимов андешаҳои ҷолиб иброз намудааст. Ба қавли ӯ, «адабиётшиносӣ имкон дорад, мисли замони гузашта аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик барои таҳкими давлатдории миллӣ ва амнияти миллӣ тахассусмандона, бо масъулияти дарки рукнҳои конститутсионӣ истифода кунад. Дараҷаи таъмини амнияти миллӣ бо тамоми роҳу восита, маънии наздик гаштан ба илм, маориф ва фаҳми воқеии равандҳои ҷамъиятро дар назар дорад. Бе адабиёт расидан ба ин мақсад номумкин аст» [86].

Дар баробари ин, олимону пажӯҳишгарони кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ ба масъалаи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ таваҷҷуҳи, хосса зоҳир намуда, баъзе самтҳои онро ҳамчун объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додаанд.

Масалан, дар таҳқиқотҳои диссертатсионии Ф.А. Холиқов [139], А.Х. Ибодов [132], К.И. Сафиев [137], Ш.К. Раҳимзода [73] ва Н. Асламзода [89; 90] сиёсати иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. П.А. Маҳмадов дар рисола ва мақолаҳои илмии худ амнияти иттилоотии робитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро таҳқиқ намуда андеша дорад, ки «дар низоми амнияти миллӣ амнияти иттилоотӣ яке аз шаклҳои афзалиятноки он ба шумор рафта, ба сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат таъсири амиқ мерасонад» [68, с. 52].

Муҳаққиқи дигари ватанӣ А.Х. Ибодов менависад, ки «барои сохтану таъмин намудани имиҷи сиёсӣ матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма хеле таъсирбахш мебошанд. Аз ин рӯ, матбуоти даврӣ, радио, телевизион ва манбаҳои иттилоотии шабакаи интернет ҳамчун ниҳоди

муҳимми иҷтимоӣ воситаҳои асосии дар амал татбиқ намудани сиёсати иттилоотию имиҷии давлат бояд дониста шаванд» [132, с. 100].

Бояд гуфт, ки фазои иттилоотиро метавон муҳити фарогири иттилоот ва маълумотҳои мухталиф маънидод намуд. Пажуҳишгар Н. Асламзода дар таҳлилҳои хеш нишон медиҳад, ки «дар аксар доираҳои илмӣ ва академикӣ, ки масъалаҳои мухталифи иттилоот ва ҷомеаи иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва аз нигоҳи моҳиятӣ мехоҳанд фазои иттилоотиро шарҳ диҳанд, онро баробармаъно бо мафҳуми «киберфазо», яъне фазои маҷозии иттилоотӣ медонанд. Муносибати зикргардида нодуруст метавонад бошад. Зеро фаҳмиши «фазои иттилоотӣ» аз мафҳуми «киберфазо» васеътар аст. Агар моҳиятан «киберфазо» ифодакунандаи фазои маҷозие, ки иттилоот ва маълумот тавассути воситаҳои паҳнкунандаи онҳо дар олами маҷозӣ паҳн мегардад, бошад, «фазои иттилоотӣ» ба муҳити сирф «онлайнӣ - маҷозӣ» маҳдуд нест. Фазои иттилоотӣ метавонад, ҳам маълумотҳоро дар муҳитӣ «онлайнӣ» ва ҳам дар муҳити «офлайнӣ» ва «аналогӣ» дар бар гирад» [90, с. 183-184].

Ҳамин тавр, олимони ватанӣ бештар таваҷҷуҳи худро ба гуногунпаҳлуии камбудиҳои назариявӣ равона карда, дар муайян намудани қоидаи « сиёсати иттилоотӣ » ва рушди сиёсати иттилоотиро ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ дар ҷомеа, нуқтаи назари худро доранд. Ба андешаи мо айни ҳол, дар баҳсҳои илмии ватанӣ нақши элитаи сиёсӣ вобаста ба ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати иттилоотӣ чандон рушан нест. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи мазкур – бештар ба муайян намудани объект, предмет, мақсад ва фарзияи таҳқиқоти илмӣ вобаста мебошад.

**Гурӯҳи панҷуми адабиётҳо** асосан аз санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ҳамзамон ин санадҳо ба таври мустақим ба масъалаи ташаккул ва амалӣ гардонидани сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми идоракунии муосир ва амнияти миллӣ дахл дорад. Ин гурӯҳ аз лиҳози илмӣ амалӣ аҳаммияти калидӣ дошта, заминаи ҳуқуқию

институтсионалии рушди сиёсати иттилоотӣ ва механизми татбиқи амалии онро дар муҳити давлатӣ ва ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Санадҳои зикршуда на танҳо танзимгари муносибатҳои иттилоотӣ мебошанд, балки сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотро ҳамчун василаи стратегӣ ва воситаи таъминкунандаи суботу самаранокии идоракунии давлатӣ ифода менамоянд.

Қонунгузории соҳа, ки ба ин гурӯҳ шомил аст, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи фаъолияти иттилоотӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи амнияти миллӣ» ва дигар санадҳои ҳуқуқии марбут ба соҳаи танзими иттилоот, ба таҳкими асосҳои ҳуқуқии сиёсати иттилоотӣ мусоидат намуда, муносибатҳои муосири иттилоотиро дар сатҳи миллӣ ба таври ҳуқуқӣ таҳким мебахшад. Қонуни асосии соҳа – «Дар бораи иттилоот» – принсипҳои асосии муомилот бо иттилоотро муайян намуда, ҳуқуқу ухдадориҳои субъектҳои иттилоотӣ, тартиби паҳнсозӣ ва ҳифзи иттилоотро дар бар мегирад. Қонунҳои дигар бошад, масъалаҳои ташкилӣ, амниятӣ ва иҷтимоии сиёсати иттилоотиро танзим намуда, саҳми ниҳодҳои давлатӣ, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар ташаккули муҳити иттилоотии устувор мушаххас месозанд.

Дар баробари ин, як силсила стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи миллии сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008), Барномаи давлатии рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2021–2025, Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030 ва лоиҳаи Стратегияи амнияти иттилоотӣ, ба ҳайси манбаи муҳими таҳқиқотӣ ва заминаи амалисозии сиёсати иттилоотӣ шомили гурӯҳи мазкур мебошанд. Консепсияи мазкур самтҳои афзалиятнок, вазифаҳои стратегӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати иттилоотиро дар шароити муосир муайян намуда, равандҳои рақамисозӣ, идоракунии иттилоотӣ ва назорати давлатӣ бар муҳити иттилоотиро ҳамчун бахшҳои ҷудонашавандаи сиёсатгузории давлатӣ дар бар мегирад. Стратегияҳо ва барномаҳои амалкунанда дар навбати худ ба таҷдиди низоми идоракунӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ,

такмили малакаҳои иттилоотӣ ва таъмини ҳамгироии байнисоҳавӣ дар идоракунии иттилоотӣ равона шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохили ва берунӣ» (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш, таҳлилу баррасии асосҳои назариявию методологии омӯзиши сиёсати иттилоотонии давлат, хусусиятҳои муҳимми сиёсати иттилоотонӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва бархӯрдҳои иттилоотӣ, татбиқи сиёсати иттилоотӣ шарти зарурии фаъолияти давлат ва инкишофи ҷомеа, таҳлили амалияи сиёсати иттилоотонӣ ва воқеияти он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳо, меъёрҳо ва дурнамои рушди сиёсати иттилоотонӣ дар Тоҷикистон мақсади тадқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба мақсади таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ анҷоми вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- таҳлилу таҳқиқи заминаҳои назариявӣ-методологии масъалаи сиёсати иттилоотонӣ;
- таҳқиқи моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо оид ба сиёсати иттилоотонӣ;
- баррасии сиёсати иттилоотии давлат ва хусусияти бевоситаи он;
- омӯзиши ҳаматарафаи сиёсати иттилоотонӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ;
- асосноккунии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа;
- дида баромадани меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиш ва муайян намудани татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистон;

- баррасии самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ;

- таҳлилу таҳқиқи  муайяннамоии дурнамои сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии муҳимияти идоракунии он.

**Объекти таҳқиқот** сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** раванди татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва самаранокии идоракунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Сиёсати иттилоотӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ омили идоракунӣ барои Тоҷикистон метавонад, ҳамчун омили муҳим барои ба самаранокии сиёсати давлатӣ ва беҳтар кардани вазъи амнияти иттилоотӣ дар кишвар таъсир расонад. Бояд иброз дошт, ки  татбиқи самараноки сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ бо талаботи замони муосир хоҳад буд, ки барои қабули қарорҳои дуруст, беҳтар кардани раванди идоракунӣ ва рушди давлат метавонад, кумак расонад. Ҳамзамон инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ тақозо мекунад, ки сиёсати иттилоотии мамлакат ба системаи муосири иттилоотии байналмилалӣ мувофиқат кунад, ки дар натиҷа, ҳамоҳангии иттилоотӣ дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ беҳтар гардад.Вобаста ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ, татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон, метавонад на танҳо барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, балки барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ манфиатовар бошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** бештар таҳқиқоти намояндагони илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони хориҷӣ, амрикоиву аврупоӣ, олимони рус, донишмандон ва таҳлилгарони тоҷик, ки бевосита перомуни сиёсати

иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, иттилоотонӣ ва зарарути он дар шароити муосири таҳкими заминаҳои раванди идоракунии сиёсӣ бахшида шудаанд, диққат дода шудааст. Дар баробари ин, корҳои илмиву таҳқиқоти муҳаққиқон, таҳлилгароне, ки дар қолаби монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ омода гардидаанд, инчунин асарҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун манбаъҳои электронии интернетӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар диссертатсия дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии мавзуъ назарияҳои «идоракунии иттилоот», «идоракунии сиёсии рақамӣ», «неруи ҳушманд», «ҳукумати электронӣ», «иттилоотонии сиёсӣ», «амнияти иттилоотӣ-идеологӣ» ва ғ. истифода гардидаанд.

Дар баррасии масъалаи сиёсати иттилоотонӣ давлат ва аҳамияти он дар шароити муосири сиёсат ва идоракунии давлатӣ аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ: методи таърихӣ, таҳлиливу ташхиснамоӣ, институтсионалӣ, системанокӣ, муқоисавию хулосагирӣ, оянданигарӣ ва ғайра ба маврид истифода гардидааст.

Истифодаи методи таърихӣ имкониятро барои бештару хубтар омӯхтан ва таҳлилу баррасии хусусиятҳо ва марҳилаҳои таърихии ташаккули таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар шароити давлати Тоҷикистон фароҳам овардааст.

Истифодаи муносибати институтсионалӣ, системанокӣ ва пешбининамоиро барои таҳлили масъалаи нақши субъектони давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии иттилоотонӣ дар Тоҷикистон зарур шумо防ридем.

Бо истифода аз системаи муносибатҳои илмӣ ва методҳои таҳқиқоти илмӣ масъалаи сиёсати иттилоотонии давлат ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити глобаликунонии иттилоотӣ мавриди таҳқиқот ва натиҷагириҳои илмӣ қарор гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои рисолаи илмиро бо нуқтаҳои зерин асоснок намудан мумкин аст:

- таҳлилу таҳқиқи заминаҳои назариявӣ-методологии масъалаи сиёсати иттилоотонӣ дар диссертатсия ба амал баровarда шудаанд;

- моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо оид ба сиёсати иттилоотонӣ ба таври илмӣ ва васеъ таҳқиқ шудаанд;

- сиёсати иттилоотии давлат ва хусусияти бевоситаи он мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифтаанд;

- сиёсати иттилоотонӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ омӯхта шуда, ба он баҳои илмӣ-объективӣ дода шудааст;

- масъалаи баҳампайвастии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа таҳлил гардида, самтҳои рушди он нишон ва муайян карданд;

- меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҳлилҳои илмӣ асоснок карда шудааст;

- шароити татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистони омӯзиш ва муайян карда шудааст;

- самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

- дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, муҳимияти он барои таҳкими раванди идоракунӣ муаян ва асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун рукни муҳимми низоми сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, дар замони муосир аҳамияти хосса касб намудааст. Омӯзиши заминаҳои назариявию методологии масъалаи сиёсати иттилоотӣ шаҳодати он аст, ки ин мафҳум дорои хислати байнисоҳавӣ буда, бо мафҳумҳои идоракунии давлатӣ, амнияти миллӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва фарҳанги иттилоотӣ робитаи мустақим дорад. Дар ин замина, такя ба равишҳои илмӣ-назариявӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ин равишҳо на танҳо

асоси методологии таҳқиқро фароҳам меоранд, балки муносибати таҳлилӣ ва назариявию консептуалии сиёсати иттилоотиро низ муайян мекунанд.

2. Аз дидгоҳи назариявӣ, сиёсати иттилоотонӣ дар раванди таҳаввулу ташаккули худ аз шаклҳои суннатии таблиғоти сиёсӣ ба тарҳҳои мураккаби мубодилаи рақамии иттилоотӣ ва истифодаи алгоритмҳои таъсиррасонӣ гузашта, ба як воситаи муассири идоракунии сиёсӣ, таъсир ба шуури ҷамъиятӣ ва ташкилдиҳии фазои сиёсӣ, танзими раванду ҳодисаҳои сиёсӣ табдил ёфтаанд. Моҳияти сиёсати иттилоотонӣ дар он ифода меёбад, ки он воситаи асосии танзими муносибатҳои миёни давлат ва ҷомеа мебошад. Ҳамзамон, хусусиятҳои хоси он дар ҳамгироии он бо соҳаҳои амнияти иттилоотӣ, амнияти миллӣ ва равандҳои глобалӣ зоҳир мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати иттилоотонӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ бо таҳаввулоти назаррас ва гузариш аз тарҳи мутамарказ ба усулҳои муосири идоракунӣ тавсиф мегардад. Давлат бо қабули як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот», «Консепсияи миллии сиёсати иттилоотӣ» ва «Стратегияҳои амнияти иттилоотӣ» заминаи ҳуқуқию ташкилии сиёсати иттилоотиро гузоштааст. Воқеияти амалӣ дар ин марҳила бештар дар он зоҳир мегардад, ки сиёсати иттилоотӣ ба унсури муҳими идоракунии сиёсӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мубаддал шудааст.

3. Бо дарназардошти дигаргуниҳои ҷиддии дохиливу байналмилалӣ, бахусус таҳдидҳои киберфазоӣ, паҳншавии маълумоти носаҳеҳ ва фишорҳои иттилоотии хориҷӣ, сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як ҷузъи муҳими системаи амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Дар чунин раванд, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ на танҳо тавассути сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, балки бо роҳандозии сиёсати самараноки танзими иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мақомоти давлатӣ ҳаллу фасл мегардад.

4. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои миллии соҳаи рақамикунонӣ меъёрҳои муҳимми татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошанд ва дар асоси муҳити ҳуқуқии шаффоф, таъмини дастрасӣ ба иттилоот, танзими ҳуқуқии фаъолияти ВАО – и электрониву чопӣ ва истиқрори фазои ягонаи иттилоотии миллӣ тарҳрезӣ ва амалӣ мешаванд. Дар ин раванд, нақши ниҳодҳои давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО дар татбиқи муназзами он аҳамияти хосса касб мекунад. Татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар низоми идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба самаранокгардонии идоракунии сиёсӣ, оммавигардонии раванди қабули қарор, таҳкими низоми демократӣ ва идоракунии электронӣ, мустаҳкамнамоии шаффофияти сиёсӣ – идоракунӣ дар асоси фаъолияти пурсамари ниҳодҳои давлатӣ, таҳкими робитаи байни ҷомеаи маданӣ ва давлат равона гардидааст. Дар ин самт, истифодаи абзорҳои рақамӣ, ташаккули майдонҳо ва шабакаҳои иттилоотии давлатӣ ва рушди сомонаҳои интернетии расмӣ ба унсурҳои муҳими самаранокии идоракунии давлатӣ табдил ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаҳое, ки дар раванди омода кардани диссертатсия ба даст омадаанд, барои пажӯҳиши минбаъдаи масъалаи сиёсати иттилоотонӣ ва рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани рушди ҷамъиятӣ, махсусан, ҷиҳати таҳқиқи масъалаҳои мухталифи сиёсати иттилоотонӣ ва таҳияи он дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотонӣ  метавонанд, ҳамчун манбаи назариявӣ истифода шаванд. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои методологии консептуалии сиёсати иттилоотонӣ ва зарурати он барои инкишоф ва ташаккули соҳаҳои мухталифи давлат баррасӣ гардидааст. Инчунин, хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи амалии механизми татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат ва идоракунии сиёсӣ мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, имкон дорад, ки хулосаҳо, натиҷаҳои илмии таҳқиқот ва дар маҷмуъ, маводи диссертатсияро дар таълими фанҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ, аз ҷумла «Сиёсатшиносӣ», «Сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ», «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон», “Амнияти миллӣ” ба сифати таълими

курси махсусе бо номи «Сиёсати иттилоотонӣ» ва дар омӯзиши мавзуъҳои рӯзмаррае чун, татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонӣ барои рушди низоми идоракунии давлатӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо марказҳои таҳқиқотию пешбининамоӣ, тарҳсозии рушди устувор истифода намуд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсия дар коркарди иловагии консепсияҳо ва барномаҳои сиёсати иттилоотонии давлат, таҳкими механизми институтсионалии сиёсати иттилоотонӣ, консепсияҳои рушди иттилоотонии давлат, метавонад, истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқи илмиро метавон дар раванди таҳлил ва таълим ва баррасиҳои илмии масъалаҳои гуногуни, сиёсати иттилоотонии давлат, рушди сиёсии давлат дар заминаи ба роҳ мондани фаъолияти самараноки иттилоотонии аҳолӣ ва мустаҳкамнамоии асосҳои инкишофи сиёсати иттилоотонӣ дар самти рушди устувори сиёсӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ, таҳкими раванди идоракунӣ дар шароити таҳияи барномаҳо ва стандартҳои тақвият ва таҳкими сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Истифодаи хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои гуногуни пайваст ба сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ, рушду инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ, ҳимояи зарфияти илмиву техникӣ ва таҳкими раванди самаранокгардонии татбиқи сиёсати иттилоотонӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд.

Бояд гуфт, ки натиҷаҳои амалии таҳқиқотро бештар ҳангоми таҳия ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар бахши татбиқи сиёсати иттилоотонии Тоҷикистон, ҳимояи амнияти иттилоотӣ, метавон мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти тамоми институтҳои ҳокимияти давлатӣ, махсусан, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини амнияти миллӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии иттилоотонӣ мебошад. Дар шароити

муосири инкишофи ҷомеа, инчунин барои танзиму назорати амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои дурнамои рушд тавассути дар амал татбиқ намудани сиёсати самараноки иттилоотонӣ, дар татбиқи чорабиниҳои сатҳи институтсионалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат муҳим арзёби мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** воқеӣ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, интишороти муаллиф ва гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷрои нақшаи кории илмӣ–тадқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муҳақиқ роҳандозӣ шудаанд. Саҳми мустақилонаи унвонҷӯ дар баррасӣ, таҳлил, хулосагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, инъикос меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳолатҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи диссертатсия, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи натиҷаҳои мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 3 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 176 ададро ташкил медиҳанд.

# БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ

## 1.1. Сиёсати иттилоотӣ: моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо

Ҷомеаи муосирро аксаран ҷомеаи иттилоотӣ муаррифӣ мекунанд ва хусусияти муҳими он мутаҳаррики ҷомеа иттилоот ба ҳисоб меравад. Қудрати сиёсиро дар замони муосир вобаста ба ихтиёрдорӣ намудани иттилоот ва фазову қудрати иттилоотӣ андоза менамоянд. Шаклгирии тамаддуни иттилоотии асри XXI ва рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ боис ба он гардидаанд, ки тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, хусусан равандҳои сиёсии дохилӣ ва байналмилалӣ, таҳти таъсири амиқи  ҳамаҷонибаи равандҳои иттилоотӣ қарор гиранд.

Дар замони муосир, ки дар он иттилоот ба манбаи стратегӣ ва неруи таъсиррасонии сиёсӣ табдил ёфтааст, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба сифати унсури ҷудонашавандаи ташаккули фазои нави сиёсӣ ва идоракунӣ баромад мекунад. Онҳо дар ташаккули муносибатҳои байни давлату ҷомеа, таъмини шаффофият дар идоракунии давлатӣ, рушди босуръати ҳукумати электронӣ ва афзоиши сатҳи иштироки шаҳрвандон дар равандҳои қабули қарорҳои сиёсӣ нақши мубориз мебозанд. Таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки стратегия ва тадбирҳои мувофиқеро ба вуҷуд оранд, ки истифодаи самараноки технологияҳоро барои рушди самтҳои ҷомеа ва давлат таъмин намоянд. Дар ин замина, сиёсати иттилоотӣ, ки маҷмуи амалҳои мақсаднок ба ташаккул ва татбиқи стратегияҳои миллӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст, нақши муҳимро мебозад.

Сиёсати технологияҳои иттилоотонӣ доираи васеи масъалаҳо аз ҷумла рушди инфрасохтор, меъёрҳои ҳуқуқӣ то таъмини амният дар фазои рақамӣ ва ташаккул додани саводнокии рақамии аҳолиро фарогир аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ технологияҳои иттилоотӣ на танҳо як воситаи рушд, балки ба

унсури муҳими назорати сиёсӣ, инчунин омили ташаккули адолати иҷтимоӣ ва баробарии дастрасӣ ба иттилоот табдил меёбанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки муҳаққиқ Асламзода Н. чунин андеша дорад, ки «шароити муосири шаклгирии инкишофи муносибатҳо ва раванду падидаҳои ҳаёти ҷамъиятиро бе иттилоот ва таъсири воситаҳову механизмҳои иттилоотирасонӣ тасавур кардан аз имкон берун аст. Иттилоот қисми таркибии ҳаёт ва рузгори инсонҳо, сарчашмаи мазмун пайдо кардани рафтор ва фаъолияти одамон, асос ва заминаи қавии ба вуҷуд омадани идеяҳо ва тасавуротҳои маънавӣ, бунёди захираҳои зеҳнӣ ва мағзии ҷомеаҳои гуногун эътироф мешавад. Дар замони муосир, ки аксаран асри иттилоот ва ё ҷомеаи типи нав - ҷомеа иттилоотӣ муаррифӣ мегардад, муайян намудани чигунагии фазои иттилоотӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад» [81].

Дар назди давлат ва ҷомеаҳои мутамаддин масъалагузорӣ дар самти иттилоотонӣ ва таҳияву татбиқи сиёсати иттилоотӣ пеш меояд. Дар таҳқиқи масъалаи сиёсати иттилоотонӣ ва раванди амалишавии он зарурат ба мушаххас сохтан ва дарк намудани муносибатҳои методологӣ пеш меояд, ки мо бояд ҳатман онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Воридшавии босуръати технологияҳои муосири иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ таваҷҷуҳи васеи пажӯҳишгаронро ба худ ҷалб намуда, ҳам ба хусусиятҳои сохторӣ ва моҳияти падидаи иттилоотӣ ва ҳам ба паҳлӯҳои мухталифи таъсири он ба низомҳои иҷтимоӣ равона кардааст. Таҳқиқоти олимони муосир дар ин самт, ки бар пояи таҳлилҳои методологии пешина, ки дар солҳои 1970-ум таҳия ёфтаанд, асос гирифта, заминаи назариявии рушди ҷомеаи иттилоотиро фароҳам меоранд. Дар он солҳо кишварҳои ғарбӣ бо таваҷҷуҳи хосса ба масъалаҳои мураккаби гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба марҳалаи нави рушд ҷомеаи иттилоотӣ машғул буданд, ки ин раванд бо таҳлилҳои системавӣ, таърихӣ ва функсионалии равандҳои иҷтимоӣ ва иттилоотӣ таҳти омӯзишу таҳлил қарор гирифт. Ин таҳқиқот имкон медиҳад, ки муносибати мукаммал ва ҳамаҷониба нисбат ба таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба сохторҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои иҷтимоӣ

таҳия ва ба кор бурда шаванд, ки ин дар навбати худ саҳми назаррас дар такмили назарияҳои муосири ҷомеашиносӣ ва сиёсӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши амалӣ ва назариявии равандҳои иттилоотӣ ҳамчун омиле, ки ба тағйироти сохторӣ ва функсионалии ҷомеа таъсири амиқ мерасонад, барои таҳкими заминаҳои илмии таҳқиқоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Дар осори таҳқиқотии Д.Белл [42; 141; 159], М.Кастеллс [62; 147], Э.Тоффлер [78; 79] «аҳамияти фаъолияти равонӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, аҳамияти даврони пайдоиш ва рушди технологияи иттилоотиро барои таърихи башарият чи аз ҷиҳати амиқии тағйироти ба вуҷуд омада ва ҳам оқибатҳои истифодаи онҳо, таъсири компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ дар бораи пайдоиши падидаҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ ва аз ин рӯ, мутобиқшавӣ ба шароити нави технологӣ ишора карда шудааст».

Ин натиҷа имкон фароҳам меорад, ки бо назардошти таҳаввулоти ҷиддии назариявӣ дар самти омӯзиши равандҳои иттилоотӣ, зарурати таҳлили фарогир ва ҷамъоварии таҷрибаи муътамади амалии иттилоотонии ҷомеаро ба миён меорад, ки ин раванд бояд аз ҷиҳати техникии татбиқи технологияҳои муосир ва ҳам бо дарназардошти натиҷаҳои иҷтимоии густариши иттилоотӣ мавриди баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирад. Дар заминаи тавсеаи истифодаи васеи технологияҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолот, илм, маориф ва идоракунии давлатӣ, мушкилоти марбут ба ҳамкории инсон бо муҳити рақамӣ ва технологияи иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳими тадқиқоти илмии муосир табдил ёфтааст.

Раванди мазкур ба зуҳури маҷмуи нави масъалаҳо мусоидат намудааст, ки хусусияти бисёрҷанбаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсиро доро мебошад, - ҳамзамон дар баробари он, масъалаҳои танзим ва таъмини ахборотикунонӣ, ҳифзи манфиатҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати рақамии аҳолӣ низ ҷиҳатҳои муҳими ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки омӯзиши муназзам ва

назариявию амалӣ намудани чунин масоил барои ташаккули стратегияҳои муассири иттилоотонӣ, тарҳрезии сиёсатҳои давлатӣ ва таҳкими заминаҳои идоракунии муосири иттилоотӣ аҳамияти афзалиятнок пайдо мекунад.

Нимаи дуюми солҳои 90 - умро метавон ҳамчун марҳалаи муҳимми таҳаввулоти илмӣ ва сиёсӣ арзёбӣ намуд, ки бо тавсеаи афзояндаи доираи асарҳо ва таҳқиқоти дорои мазмун ва моҳияти амиқи сиёсиву фарҳангӣ хос мегардад. Дар ин давра, шаклгирии афкори илмӣ дар бораи падидаи нав ва амиқан фарққунандаи иттилоотӣ сурат гирифт, ки дар заминаи он муносибатҳои инсон бо муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ аз нав тафсир шуданд. Ин афкор ва равишҳои тозашакл асосҳои ҷиддии тағйиротро дар низоми робитаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ба вуҷуд оварда, заминаи илман асоснок барои оғози самтҳои нави пажӯҳишӣ дар бахшҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, фалсафа ва фарҳангшиносиро муҳайё сохтанд. Раванди мазкур дар посух ба мушкилоти навпайдошуда ва дурнамои иттилоотонии бахшҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, ба таври назаррас ба арзёбии дубораи таъсири муҳити иттилоотӣ ба сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд. Дар ин замина, равишҳои таҳлили иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар иртибот ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба тафаккур, муносибат ва ҷаҳонбинии инсон мавқеи марказӣ касб карданд.

«Дар баробари ин, муайян ва таҳлили таъсири иттилоотонӣ ба сифати зиндагии аҳолӣ аз вазифаҳои таъхирнопазир ва дар айни замон нокифоя инкишофёфтаи илми гуманитарӣ ва сиёсии ватанӣ мебошад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки иттилоотонӣ дар Тоҷикистон ҳамчун як падидаи воқеан мушоҳидашаванда танҳо дар ибтидои солҳои қарни ҳозир ба ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона ворид карда шуд. Истилоҳи «иттилоотонӣ» дар илм яке аз аввалин мафҳумҳое ба ҳисоб меравад, ки дар асри гузашта ворид гардид. Дар шароити Тоҷикистон онро ҳамчун раванде муайян кард, ки дар он механизмҳои иҷтимоӣ, технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо ҳам алоқаманд ба назар мерасанд» [69].

Дар баробари ин бояд гуфт, ки дарки раванди иттилоотонӣ дар Федератсияи Руссия асарҳои Р.Ф. Абдеев [38], В.Г. Горохов [99], И. Негодаев [106], А.И. Ракитов [72], А. Урсул [81], ки «дар он хусусиятҳои рушди минбаъдаи иттилоотии ҷомеа муайян ва тавсиф карда шудаанд».

«Мушкилоти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва паҳлӯҳои гуногун дар асарҳои Д.Авдиенко [130], С.Г.Кара-Мурза [102], И.Мелюхин [134], В.Никитов [69] ва Е.П.Семенюк [76] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст».

Дар шароити кишвари мо бештар ба масъалаи иттилоотонӣ ва аҳамияти он барои татбиқи сиёсат, қабули қарор, ба амал баровардани идоракунии давлатӣ ва сиёсӣ, таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ бештар олимон ва донишмандон ба монанди, Н.А.Муҳаммад, Сафарализода Х. Қ, Муҳаммадзода П.А. ва дигарон кор кардаанд.

Дар корҳои илмӣ таҳқиқотӣ масъалаи иттилоотонӣ бо мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ зич алоқаманди дорад. Он ба ғояҳо дар бораи прогресси иттилоотӣ, ба ном «асри иттилоот», ташаккули «муҳити иттилоотӣ» асос меёбад.Лейбин В.М. қайд мекунад, ки «Муошират ҳамчун унсури асосии ҷомеа эътироф шудааст, ки қодир ба ташаккули «тамаддуни ратсионалӣ» мебошад. Меъёри асосии сатҳи рушди ҷомеаи муосир аз ташаккул ва рушди ҳаҷми мубодилаи иттилоот байни субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ вобастагии калон дорад» [150, с. 90-94].

Масъалаи алоқамандии раванди иттилоотонии ҷомеа ва соҳаи муносибатҳои анъанавии сиёсӣ дар маркази таваҷҷуҳи донишҳои сиёсӣ қарор дорад. Аммо динамизм ва хусусияти бисёрҷанбаи раванди таъсири мутақобилаи иттилоот ва сиёсат боиси пайдоиши шаклу технологияҳои нав мегардад, ки мушкилоти ҷиддии дорои хусусияти назариявӣ ва амалиро ба миён меорад. Ба ибораи дигар, иттилоотонӣ на танҳо ба соҳаи муносибатҳои сиёсӣ таъсири созанда мерасонад, балки боиси як қатор мушкилот ва оқибатҳои манфӣ низ мегардад, ки вокуниши муносиби ҷомеаи коршиносон ва мақомоти давлатиро тақозо мекунанд. Сиёсатшиносӣ, инчунин амалияи

идоракунии сиёсӣ на ҳама вақт қодиранд ба тамоюлҳои нави рушди коммуникатсияҳои иттилоотӣ дуруст ҷавоб диҳанд. Вобаста ба ин, масъалаи ифодаи муҳим ва натиҷаҳои амалӣ бояд ҳамеша дар доираи назари сиёсатшиносии ватанӣ бошад.

Иттилоотонӣ раванди фароҳам овардани шароити мувофиқ ва мусоид баҳри қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии ҷомеа дар асоси ташаккул истифодаи захираҳои иттилоотӣ мебошад.

Дар 50 соли охир таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ, махсусан муҳаққиқони соҳаҳои сиёсӣ, идоракунӣ ва амниятшиносӣ, ба таҳқиқи равандҳои марбут ба рушди воситаҳои ахбори омма ба таври бесобиқа афзудааст. Ин раванд заминаи мусоиди таҳлилро дар самти дарки моҳияти таъсири ВАО ба механизмҳои ташаккули ҷомеаи муосир, табдили равандҳои сиёсӣ ва танзими муҳити идоракунӣ ба вуҷуд овардааст. Дар доираи таҳқиқоти муосир, васоити ахбор на танҳо ҳамчун манбаи иттилоърасонӣ, балки ҳамчун унсури фаъоли шаклдиҳандаи сиёсат ва фазои иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ мегарданд, ки дар раванди ташкил ва идоракунии муносибатҳои сиёсӣ ва ташаккули тасаввуроти умумӣ нақши калидӣ мебозанд.

Дар доираи сиёсатшиносӣ, мисли дигар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, таваҷҷуҳ ба механизмҳои паҳнсозӣ, қабул ва таҳлили иттилооти сиёсӣ, ки бевосита ба ҳадафҳои ниҳоии соҳиб шудан, нигаҳдорӣ ва таҳкими қудрат равона шудаанд, марҳила ба марҳила афзоиш меёбад. Дар ин раванд, ВАО ба унсури ҷудонашавандаи низоми муосири идоракунии сиёсӣ табдил ёфта, робитаи мустақими давлатро бо ҷомеа, таъсиргузорӣ ба афкори умум ва шаклдиҳии муҳити сиёсии устувор таъмин менамояд.

Дар ҷаҳони рақобатноки иттилоотӣ, ки дар он паҳнсозии иттилоот ва дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ ҳамчун абзори таъсиррасонӣ ба фазои иҷтимоиву сиёсӣ арзиш пайдо кардааст, сиёсати муосирро бидуни иштироки воситаҳои ахбор - телевизион, радио, матбуот ва платформаҳои рақамӣ – тасаввур кардан номумкин гардидааст. Идеяи маъруфи Френсис Бэкон - «Дониш қудрат аст» - ки тамоми муҳтавои рушди иҷтимоиву фарҳангии

Аврупои асри XX-ро шиносонома бахшидааст, дар марҳилаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аҳамият ва мазмуни нав касб намуда, ҳамчун пояи идеологии ҷаҳони рақамӣ хидмат мекунад.

Сиёсати иттилоотонӣ як мавзуи рӯзмарраи инкишофи донишҳои сиёсии муосир мебошад, аз ин рӯ барои доираҳои илмии сиёсӣ ва қудратҳои сиёсӣ – стратегӣ, идоракунии давлат ва дар маҷмуъ сиёсат муҳим арзёбӣ мегардад.

Иттилоот восита ва қувваи бузург баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати давлатӣ нақши арзанда мегузорад. Ҳамзамон инкишоф ва бавуҷуд омадани иттилоот ва воситаҳои иттилоотонӣ, ба ташаккули фазои нави иттилоотӣ имкон доданд, раванди идоракунии давлатӣ, такмил, саривақт амалӣ шудани барномаҳо ва стратегияҳои рушди давлатӣ арзи вуҷуд наоянд. Қудрат ва нақши иттилоот ва воситаҳои иттилоотонӣ дар замони муосир ба андозае аҳамияти стратегӣ касб намудааст, ки дар баъзе ҳолатҳо бо нерӯи ҳастаӣ муқоиса мегардад. Агар нерӯи ҳастаӣ барои таъмини рушноӣ ва гармӣ дар ҳаёти инсонӣ ихтироъ шуда бошад, аммо дар шароити истифодаи нодуруст метавонад ба офатҳои фалокатбор ва харобиҳои бузурги инсонию табиӣ омил гардад, пас иттилоот низ дорои ҳамин хусусияти дугона мебошад. Аз як тараф, иттилоот ҳамчун манбаи бебаҳои пешрафт ва рушди ҷамъиятиву сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон ва мусоидат ба шаклгирии ҷомеаи демократӣ хизмат менамояд. Аз тарафи дигар, дар ҳолати истифодаи назарфиребӣ ва ғаразнок, он метавонад ба ноустувории сиёсӣ, барангехтани низоъҳо, таҳрифи воқеият ва халалдор сохтани суботи сиёсӣ мусоидат кунад. Иттилоот ва воситаҳои иттилоотонӣ низ метавонад, дар як вақт вазифаи такмилдиҳи ва созандагиро ба амал бароранд ва аз ҷониби дигар метавонанд омили дигаргуншавии ғоявию идеологӣ, хароб гардидани вазъи амнияти миллӣ, бегонагии оммаи мардум аз тамаддун ва ҳувияти миллӣ, таҳдид ба низоми иттилоотӣ - идоракунӣ ва киберфазои давлат гарданд. Дар фазои иттилоотӣ мушоҳида мешавад, ки омма ба иттилоотҳое назар ва таваҷҷуҳ мекунанд, ки ҷанбаи ахлоқӣ надоранд.

Дар шароити муосири рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва густариши шабакаҳои иртиботӣ, васоити ахбори омма ба яке аз абзорҳои калидии таъсиррасонӣ ба шуури сиёсӣ, шаклдиҳии афкори ҷомеа ва танзими равандҳои идеологӣ табдил ёфтаанд. Пурсиш дар бораи он ки ВАО дар оянда ҳамчун силоҳи пурзӯри идеологӣ ва воситаи муборизаи геополитикӣ миёни давлатҳо амал хоҳанд кард ё ба унвони механизми ҳифзи иттилоотӣ ва омили таъмини субот ва амнияти маънавии миллионҳо нафар хидмат хоҳанд намуд, посухи возеҳ пайдо накардааст. Ин раванд то ҳадди бузург вобаста ба муҳтавои сиёсати иттилоотии интихобнамудаи давлат ва сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа мебошад. Сиёсати иттилоотӣ на танҳо маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва техникӣ, балки инъикоси маданияти сиёсӣ ва сатҳи рушду инкишофи сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандист. Тарзи ташаккули сиёсати иттилоотӣ, механизмҳои танзими фазои иттилоотӣ ва ҳадафгузориҳои стратегӣ дар соҳаи иттилоот, дар ниҳоят, муайян менамоянд, ки ВАО ҳамчун воситаи ташаккули шуури шаҳрвандии созанда ва ё воситаи тақсиму таҳрикдиҳандаи ихтилофоти иҷтимоӣ амал мекунанд.

Аз назари профессор И. В. Радиков: «Аз назорати сиёсӣ озод, фарҳанг ва иттилоот ташаккул ёфта наметавонад. Васоити ахбори омма аксар вақт нақши харобиоварро мебозанд. Онҳо воситаҳои иттилооте мебошанд, ки бо кӯшиши рӯзноманигорон образҳо ва намунаҳои манфии этникӣ, ақидаҳои экстремистӣ ва бегонаситезиро паҳн мекунанд» [113, с. 92; 114].

Биёед ба баррасии равишҳо барои фаҳмидани сиёсати иттилоотонӣ, ки дар адабиёти муосир мавҷуданд, муроҷиати илмӣ намоем. Ҳанӯз дар соли 2001 китоби «Илм дар бораи иттилоот ва сиёсати иттилоотӣ» («Информациология и информационная политика» [70; 155]) ба табъ расида буд, ки муалифи он В.Д. Попов ба ҳисоб мерафт.

Таърифи сиёсати иттилоотонии давлатиро, ки дар ин асар ба таври маҷмуӣ оварда шудааст, чунин аст: «Соҳаи махсуси ҳаёти одамон, ки такрор бо такрор ба паҳн кардани иттилооте, ки манфиатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро қонеъ мекунад ва ба таъмини муколамаи созанда байни давлат,

одамон ва дар маҷмуъ ҷомеа равона шудааст, сиёсати иттилоотонӣ ном бурда мешавад» [70, с. 21].

«Сиёсати иттилоотӣ маҷмуи ҳама чорабиниҳо, қонунҳо, муқаррарот ва сиёсати дар шакли амалишавандагии оммавии давлатиест, ки эҷод, истифода, нигоҳдорӣ, дастрасӣ ва иртибот ва паҳн кардани иттилоотро ташвиқ мекунад, масъалаҳои назоратшавандагии фазои иттилоотӣ ва ихтиёрдорӣ кардани онро танзим мекунад» [70]. Он ҳама гуна амалияи сиёсиро, ки ба қабули қарор ба хотири иҳоташавандагии фазои иттилоотиро фаро мегирад.

Дар низоми сиёсати иттилоотии муосир як қатор масъалаҳои калидие мавҷуданд, ки моҳият ва самти амалӣ шудани сиёсати давлатиро дар соҳаи иттилоотонӣ муайян менамоянд. Аз ҷумла, муҳимтарин паҳлӯҳои он ба истифодаи иттилоот ҳамчун воситаи демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инчунин тиҷоратикунонии равандҳои иҷтимоӣ иртибот доранд. Сиёсати иттилоотонӣ ҳамчун бахши муҳими сиёсати умумимиллӣ, маҷмӯи масъалаҳоро дар бар мегирад, ки бо шаклгирии муҳити рақамии муосир ва таҳкими ҷанбаҳои ҳуқуқии он алоқаманд мебошанд. Дар ин росто, масоили марбут ба рақамикунонии муносибатҳои сиёсӣ, танзими мақсадноки равандҳои идоракунӣ, муайянсозии қоидаҳои гардиши иттилоот, таъмини озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот, ҳифзи махфияти маълумот ва амнияти иттилоотӣ, инчунин механизмҳои идоракунии равандҳои дастрасӣ ва паҳнсозии иттилооти оммавӣ мавқеи марказӣ доранд. Сиёсати иттилоотонӣ на танҳо аз рӯи миқёси танзим, балки аз нигоҳи ҳадафҳои стратегӣ ва фарҳанги сиёсие, ки дар он татбиқ мешавад, ба тарзи махсус ташаккул меёбад. Ин сиёсати маҷмуӣ категорияҳои муҳимми иттилоотро фаро мегирад, ки барои амнияти сиёсӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ аҳамияти принсипиалӣ доранд. Аз ҷумла, ахбор ва маълумот дар бораи равандҳо ва вазъияти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ паҳн мешаванд, ҳамчун унсурҳои муҳими сиёсати иттилоотӣ эътироф мегарданд. Сиёсати иттилоотӣ бояд тавре тарҳрезӣ ва амалӣ гардад, ки тавозуни муътадили миёни озодии иттилоот ва

танзими оқилонаи он, ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва таъмини амнияти иттилоотии миллӣ таъмин карда шавад. Танҳо дар ин ҳолат, он метавонад ба таври муассир ба раванди демократикунонӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди устувори давлат хидмат намояд.

Дар ташаккули давлат ва ҷомеаи муосир, таҳким ва такмили системаи сиёсии муосир масъалаи мустаҳкамгардонии сиёсати иттилоотонии давлат аҳамияти авалиндараҷаро соҳиб аст. Барои давлат ва системаи сиёсии муосир зарурати аз назари консептуалӣ ва методологӣ асоснок намудани он барои инкишофи давлат ва ҷомеа пеш меояд. Консептуаликунонии баҳси сиёсати иттилоотонӣ барои давлат ва механизми амаликунандаи он имкон медиҳад, ки вазифаҳои амалӣ аз назари назариявӣ ҳаллу фасли самаранок ва саривақтии худро ёбанд, тарҳҳо ва формулаҳои муваффақи татбиқи сиёсати иттилоотонӣ муайян ва барои давлат пешниҳод карда шавад. Тарҳрезикунии намунаи муваффақи он ба вуҷуд ояд.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва вобаста будани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз иттилоот ва воситаҳои иттилоотонии аҳолӣ, сиёсати иттилоотӣ мушкили марказии ҷомеаҳои иттилоотӣ мебошад. Вақте ки миллатҳо аз ҷомеаи муосир ба баъдимодернизм мегузаранд, масъалаҳои иттилоотӣ рӯз аз рӯз муҳимтар ва аҳаммиятноктар мегардад. Мувофиқи ақидаи сотсиолог Д. Белл [141], «он чизе, ки ҳоло муҳим аст, на қувваи мушакҳои хом ё энергия, балки иттилоот аст» [141]. Гарчанде ки ҷамъият то андозае ба иттилоот асос ёфтаанд, ҷомеаҳои иттилоотӣ тақрибан пурра аз иттилооти шабакавӣ ва технологӣ таркиб ёфтааст. Тавре ки М.У. Порат, аввалин муҳаққиқи истилоҳи «сиёсати иттилоотӣ» навиштааст: «Асоси пешрафти иттилоотӣ, далели ба вуҷуд омадани сатҳи нави ҷомеа – ҷомеаи иттилоотӣ компютер мебошад. Қобилияти идоракунӣ ва коркарди он дуршавии амиқро аз сатҳи ҷомеаи оддие, мо доштем нишон медиҳад қобилиятҳои инсонро барои идора кардан ва ташаккул додани ҳунарҳо ташаккул медиҳад. Омезиши компютер бо телекоммуникатсия, суханашро давом дода гуфт: шояд мушкилоти сиёсии оянда - ро ба миён оварад» [169].

Сиёсати иттилоотӣ дар доираи мавзуҳои таҳқиқотӣ, асосан дар осор ва пажӯҳишҳои олимони маъруфи соҳаи сиёсати иттилоотӣ, аз ҷумла К. В. Маркелов [133] ва В. В. Мистюков [135] васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин таҳқиқотҳо, гарчанде ки аксаран хусусияти соҳавию байнисоҳавӣ дошта бошанд, тавонистаанд доираи васеи масъалаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати иттилоотиро бо риштаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ пайваст ва таҳлил намоянд. Бо ин роҳ, онҳо имконият фароҳам овардаанд, ки мавзуи сиёсати иттилоотӣ аз ҷиҳати илмӣ ба таври фарогир ва систематикӣ баррасӣ ва таҳлил гардад, ки ин барои фаҳмиши беҳтари таъсири он ба сохторҳои давлатӣ ва равандҳои сиёсӣ дар ҷомеаҳои муосир аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти мазкур заминаи назариявӣ ва методологии устуворро барои таҳлили муфассал ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар сатҳи давлат ва ҷомеа фароҳам меорад.

«К. В. Маркелов сиёсати иттилоотии давлатро ҳамчун имконият ва қобилияти давлат барои расонидани таъсири ҳалкунанда ба соҳаи иттилоотӣ ва коммуникатсионии ҷомеа таъриф медиҳад» [133]. В.В. Мистюков қайд мекунад, ки «сиёсати иттилоотии давлатҳои муосир раванди ташаккулро аз сар мегузаронад» ва таърифи зеринро таҳия мекунад: «Сиёсати иттилоотӣ барномасозии мақсаднок, системавии давлат ва ҷомеаи пешрафти иҷтимоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ бо мақсади ташаккул ҷомеаи мукаммали шаҳрвандӣ мебошад» [133, с. 8]. Сиёсати иттилоотонӣ самти махсуси фаъолият ва ё худ сиёсати давлатист, ки асоси онро эҷод, ҷамъоварӣ, коркард, таҳия ва паҳн кардани иттилоот дар фазои иттилоотӣ ба хотири идоракунӣ, танзимнамоӣ ва сафарбарнамоии оммавии иттилоотии шаҳрвандон равона месозанд.

Дар шароити муосир ва таҳаввулоти мураккаби равандҳои сиёсӣ-идоракунӣ муҳокимаи сиёсати иттилоотии давлатҳо дар контексти мафҳуми «бархӯрди тамаддунҳо» хеле мувофиқ ва саривақтӣ ба назар мерасад. Ин истилоҳ, ки бори аввал аз ҷониби Самуэл Хантингтон дар соли 1996 дар

асари маъруфи худ «Бархӯрди тамаддунҳо ва барқарорсозии низоми ҷаҳонӣ» пешниҳод гардида, ҳарчанд дар маъноҳои гуногун ва тафсирҳои мухталиф таҳлил мешавад, ҳамоно ҳамчун рамзи муҳими таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Маҳз худи ин падида, ки дар симои воқеияти сиёсӣ ва фарҳангии гузашта ва имрӯз ифода меёбад, метавонад дар сиёсати иттилоотии давлатҳои мухталиф ва ҳатто фаротар аз он, ба шакли ғаразнок ва душманона дарк ва баҳо дода шавад. Дар натиҷа, бархӯрди фарҳангӣ ва иттилоотӣ ҳамчун василаи ташаккули низомҳои сиёсӣ ва идеологӣ метавонад дар муҳити ҷаҳонии рақамишаванда ба манбаъи нооромиҳои сиёсӣ ва таҳрикдиҳандаи низоъҳои дохилӣ ва байналмилалӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, таҳлил ва фаҳмиши амиқи ин маънидод дар заминаи сиёсати иттилоотии миллӣ ва байналмилалӣ барои таҳкими амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Имрӯз давлати миллӣ дар шароити мураккаби ташакули низом ва фазои иттилоотии ҷаҳонӣ қарор дорад. Барои давлатҳои миллӣ беш аз пеш назоратнамоии фазои иттилоотӣ дар шароити бархӯрди тамаддунҳо, таҳмилкориҳову тахрибкориҳои иттилоотӣ – ғоявӣ, таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва кибернетикӣ зарурати ҳатмӣ пайдо мекунад.

«Сиёсати иттилоотӣ дар як навъ фазои махсус амалӣ карда мешавад, ки онро дар адабиёти муосир бештар «фазои иттилоотӣ» меноманд. Дар маънои мураккаб, он ҷузъи иттилоотӣ ва коммуникатсионии ҳаёти ҷомеа аст, ки бояд ҳамчун меҳвар ва фазои асосии ҷомеаҳои муосири миллӣ ҳисобида мешавад. Фазои иттилоотӣ қисми таркибии фазои ҳаётии инсон ба ҳисоб рафта, фарогирӣ маҷмуи иттилоот, механизмҳои иттилоотрасонӣ мебошад. Фазои иттилоотӣ фазоест, ки дар ташаккули мафкура ва тасавуроти ғоявии одамон аҳамияти авалиндараҷа дорад» [90, с. 183].

«Фазои иттилоотӣ (рус. «инфосфера» [144] ва англ. «Infosphere» [145] – «инфо», «Info» маълумот, иттилоот ва «сфера», «sphere» фазо), як соҳаи метафизикии иттилоот, ки эҷоди иттилоот, ташаккул, такмили он, донишҳо ва иртибототро дар бар мегирад. Инфосфера неологизмест, ки аз ду калима

«иттилоот» ва «фазо» иборат аст. Дар фаҳмиши русӣ фазои иттилоотиро фазое, ки аз маҷмуи иттилоот, муносибатҳо дар бахши ба даст овардан, нигоҳ доштан, коркард кардан ва паҳн кардани иттилоот мебошад, дар назар дошта шудааст» [144].

«Фазои иттилоотиро метавон муҳити фарогири иттилоот ва маълумотҳои мухталиф маънидод намуд. Аксаран дар доираҳои илмӣ ва академикӣ, ки масъалаҳои мухталифи иттилоот ва ҷомеаи иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва аз нигоҳи моҳиятӣ мехоҳанд фазои иттилоотиро шарҳ диҳанд, онро баробармаъно бо мафҳуми «киберфазо», яъне фазои маҷозии иттилоотӣ медонанд. Муносибати зикргардида нодуруст метавонад бошад. Зеро фаҳмиши «фазои иттилоотӣ» аз мафҳуми «киберфазо» васеътар аст. Агар моҳиятан «киберфазо» ифодакунандаи фазои маҷозие, ки иттилоот ва маълумот тавассути воситаҳои паҳнкунандаи онҳо дар олами маҷозӣ паҳн мегардад, бошад, «фазои иттилоотӣ» ба муҳити сирф «онлайнӣ – маҷозӣ» маҳдуд нест. Фазои иттилоотӣ метавонад, ҳам маълумотҳоро дар муҳитӣ «онлайнӣ» ва ҳам дар муҳити «офлайнӣ» ва «аналогӣ» дар бар гирад» [90, с. 183-184].

«Метавон ба таври дигар ишора намуд, ки фазои иттилоотӣ ба муҳити зист, ба монанди биосфера, ки дар он объектҳои иттилоотӣ бо номи «инфорг» - ҳо (Inforgs) зиндагӣ мекунанд, ишора мекунад. Дар ҳоле ки киберфазо намунаи «домен» - и иттилоотист, фазои иттилоотӣ бо «домен» - ҳои иттилоотӣ бо муҳити сирф онлайн маҳдуд нест. Асосро дар фазои иттилоотӣ «инфорг» – ҳо ташкил медиҳанд. Онҳо як организми иттилоотӣ мебошад. Таркиби асосии онҳоро иттилоот ташкил медиҳанд. Ин организмҳои аз ҷиҳати иттилоотӣ таҷассумёфтаро агентҳои табиӣ - иттилоотӣ низ меноманд. «Инфорг» - ҳо аз ҷониби Лучано Флориди барои тавсифи он чизе, ки фазои иттилоотиро ташкил медиҳад, истифода шудааст».

Мафҳуми «фазои иттилоотӣ» аввалин бор дар соли 1970 аз ҷониби олим ва таҳлилгари сиёсӣ Кеннес Э. Боулдинг пешниҳод гардида, аҳамияти стратегӣ ва ҳаётии онро ҳамчун яке аз унсурҳои ҷудонашавандаи муҳити

табиӣ ва иҷтимоӣ таъкид намуд. Муҳаққиқ ба зарурати идоракунӣ, назорат ва тарҳрезии системавии фазои иттилоотӣ таъкид намуда, онро ҳамчун компоненти асосии системаи иҷтимоӣ, технологӣ ва фарҳангӣ муаррифӣ кард, ки дар ташаккул ва рушди ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад. Дар соли 1971 мафҳуми мазкур дар муҳокимаи китоби нашршуда дар маҷаллаи «Time Magazine», ки таҳти таҳрири Р. З. Шеппард буд, таҳлили назаррас ёфт ва фазои иттилоотӣ ҳамчун муҳити ҳаётиву иртиботӣ ба мисли зарурат ва муҳими об барои моҳӣ ва ҳаво барои парандагон арзёбӣ гардид. Ба гуфтаи Шеппард, бе мавҷудияти фазои иттилоотӣ наметавон фазои ҳаётии инсонро низ дарк намуд, зеро он муколама ва табодули доимии байни мардум ва сиёсатро бо иттилоот таъмин мекунад.

Дар соли 1980 футуролог ва таҳлилгари маъруфи фарҳангӣ Э. Тоффлер дар асари худ «Мавҷи сеюм» нақши ҳалкунандаи фазои иттилоотиро дар равандҳои иҷтимоӣ, шаклгирии тафаккури инсон ва низоми арзишҳои ҷамъиятӣ бо назардошти таҳаввулоти динамикии ҷомеа таъкид намуд. Тоффлер фазои иттилоотиро ҳамчун шакли нави муҳити иртиботӣ ва маънавӣ тасвир карда, он ҳамчун омиле барои ташаккул ва такмили низоми арзишҳои муосир, тағйироти сохтории фарҳангӣ ва инкишофи системаи иҷтимоӣ арзёбӣ карда мешавад. Пешрафтҳои беназири илмӣ ва технологияҳои муосир дар асри XXI фазои иттилоотиро ҳамчун муҳити асосии рушди иҷтимоӣ ва таъмини устувории сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муаррифӣ менамоянд, ки он боиси тақвияти иртиботот, васеъшавии имконияти иттилоотӣ, таҳаввулоти амиқи низоми маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа мегардад. Ин равандҳо дар маҷмуъ заминаҳои пойдори рушди устувори ҷомеа ва тақвияти амнияти иттилоотиро фароҳам меоваранд.

Э. Тоффлер дар таҳлилҳои футурологӣ ва пешбиниҳои хеш ба тағйироти низоми ақидавӣ ва тасаввуроти маънавии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин равандро дар заминаи такмили босуръати фазои иттилоотӣ ва густариши васоити паҳннамудаи иттилоот, аз ҷумла интернет ва дигар васоити ахбори омма, шарҳ додааст. Ин таҳаввулот на танҳо равандҳои

техникиро дар бар мегирад, балки таҳаввулоти маънавӣ, равонии ҷамъиятӣ ва рӯйдодҳои таърихиро низ ба вуҷуд овардааст. Дар ин замина, тартиб додани сиёсати иттилоотии муназзам ва мукаммал, ки бо консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ, ки аз ҷониби Д. Белл, В. Мартин ва дигар сиёсатшиносон таҳия шудааст, мувофиқ бошад,- аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар гуна сиёсати иттилоотӣ асосан бар принсипҳои коммуникатсияи оммавӣ бунёд ёфта, алоқаи оммавӣ ҳамчун шакли муошрати иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад, ки бе он ҳаёти иҷтимоии ҳар як ҷомеа ғайримумкин аст. Сиёсат низ дар заминаи муошират қарор дошта, аз қадим то ба имрӯз ҳамчун як намуди махсуси муошират шинохта шудааст. Ҳатто Арасту сиёсатро ҳамчун шакли махсуси муошират эътироф намуда, қайд кардааст, ки муошират дар худ ғояи некӣ ва манфиати умумиро дар бар мегирад ва ҳама шаклҳои дигар алоқаи иҷтимоиро фаро мегирад, ки махсусан муошрати давлатӣ ё сиёсӣ номида мешавад. Дар ин замина, иерархияи молҳо ҳамчун пояи асосии ҳокимияти давлатӣ муайян шуда, ҳар гуна муошират байни одамон, ки дар он мубодилаи иттилоот амалӣ мешавад, ҳамчун коммуникатсияи сиёсӣ шомил мешавад, зеро он бо иртиботи устувор ва фарогир бо мақоми давлатӣ мутобиқат дорад.

Дар соҳаи назарияи сиёсӣ муҳаққиқон Ю. Хабермас [125, с. 303–312] ва Н. Луман [104, с. 114–124], ба таҳлили дақиқу муфассали табиат ва махсусияти иттилоотӣ ва коммуникатсионии қудрати сиёсӣ пардохтаанд. Онҳо аҳамияти стратегии иттилоотониро ҳамчун унсури муҳими фаъолияти сиёсии давлат ва ҷомеа собит намудаанд. Аз нигоҳи назарияи муосири сохтори иҷтимоӣ, ки ҳадафмандона ба ташаккули ҷомеаи мутавозин тавассути истифодаи технологияҳои махсус равона шудааст, сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун унсури калидӣ ва аслӣ эътироф мегардад. Дар ин раванд, робитаи муназзами байни мақомот ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун заминаи бунёдии таъсиси низоми иҷтимоии муосир ва устувор баррасӣ мешавад. Ҷомеа ҳамчун системаи мураккаб институтсияҳои махсусро ташкил медиҳад, ки тавассути воситаҳои техникӣ иттилоотро истеҳсол, таҳлил ва

паҳн менамоянд, то равандҳои муошират ва мубодилаи иттилоот дар байни қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ бидуни маҳдудият ва бо суръати зарурӣ амалӣ гардад. Дар ин замина, воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ ҳамчун шакли асосии муошрати сиёсӣ нақши муассир мебозанд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки иттилоот дар фазои иттилоотии ҷамъиятӣ бо шумораи васеи субъектҳо бо мақом ва мавқеи гуногун паҳн гардад. Намудҳои сиёсати иттилоотӣ бо назардошти миқёсу мӯҳлати татбиқ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: гурӯҳи аввал, сиёсати кӯтоҳмуддат, ки бештар ба соҳаи илмҳои иттилоотӣ ва технологияҳои дахлдор тамаркуз дорад ва гурӯҳи дуввум, сиёсати стратегӣ ва дарозмуддат, ки бо масоили гуногун вобаста буда, дар доираи тадқиқоти васеъ ва мавзуоти гуногун таҳия мешавад. Дар ин контекст, сиёсати иттилоотӣ ҳудудҳои аниқ ва меъёрҳои арзёбӣ барои масъалаҳои вобаста ба эҷод, коркард, мубодила, дастрасӣ ва истифодаи иттилоот муқаррар менамояд. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун механизми институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ дар танзими равандҳои иттилоотӣ нақши муҳим мебозад ва барои таъмини амнияти иттилоотӣ, шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ заминаҳои воқеӣ фароҳам меорад. Ин равандҳо дар маҷмуъ ба таҳкими пояҳои ҷомеаи демократӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ саҳми назаррас мегузоранд.

«1. Барои пешгирӣ кардани хавфҳо (зарари молиявӣ аз истифодаи нопурра ва ҳамоҳангнашудаи иттилоот, сарфаи беҳудаи вақт, нокомии навоварӣ ва аз даст додани обрӯ);

2. Барои манфиатҳои мусбӣ, аз ҷумла гуфтушунид ва ошкорбаёнӣ дар байни шахсони масъули ҷанбаҳои гуногуни идоракунии иттилоотӣ ва ҷамъиятиву иҷтимоӣ;

3. Истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ, ба хотири самаранокии раванди татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ;

4. Қобилияти оғоз намудани тағйирот барои пешрафт дар муҳити тағйирёбанда ва ғайра» [60, с. 45].

Аз ҷиҳати назариявӣ, мубодилаи иттилоот яке аз унсурҳои фундаменталии раванди сиёсӣ-идоракунӣ ба шумор меравад, ки барои фаъолияти самараноки бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти ҳаётӣ дошта, хусусияти динамикӣ ва тағйирёбанда мебошад. Ин падида, бар асоси хосияти худ, шахсиятӣ ва статикӣ набуда, балки ҳамвора дар доираи равандҳои иҷтимоӣ бо таъсири манбаъҳо, каналҳои интиқол ва қабулкунандагони гуногун шакл мегирад. Муҳимияти ҳар як унсури раванд - иттилоот, манбаи он, василаи интиқол ва субъектҳои қабулкунанда - бо таваҷҷуҳи ҷиддӣ бояд таҳлил гардад, зеро ҳар кадоме нақши хос ва таъсири махсус ба муошират ва интиқоли маънавиёт ва иттилоот дорад. Дар контексти сиёсати иттилоотӣ, коммуникатсияи оммавӣ ҳамчун пояи динамикии равандҳои иттилоотӣ дар ҷамъият хусусиятҳои муайяне дорад. Якум, аудиторияи қабулкунандагони иттилоот аз нигоҳи шумора ва гуногунрангӣ васеъ буда, ҳамоҳангӣ ва якрангии комилро дар он дида намешавад, ки ин нишондиҳандаи табиати мураккаб ва бисёрҷанбаи муошрати оммавӣ мебошад. Гарчанде ки бо ин васила, ба вижа дар муҳитҳои рақамӣ ва интернетӣ номутобиқати шунавандагон қисман коҳиш меёбад, коммуникатсияи оммавӣ қобилият дорад арзишҳои умумии сиёсӣ ва иҷтимоии ҷамъиятро ташаккул диҳад ва онҳоро таҳким бахшад. Дар доираи ин равандҳо, арзишҳои асосии ҷомеа, мисли ғояҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, ки якҷоя бо ҳуввияти коллективӣ иртибот доранд, дар шуури иҷтимоӣ шакл гирифта, таъсири мусбат мерасонанд. Ин падида аслан моҳияти сиёсати иттилоотии давлатро ҳамчун механизми таъмини муттаҳидӣ ва суботи иҷтимоӣ инъикос менамояд. Ҳамин тавр, коммуникатсияи оммавӣ на танҳо раванди интиқоли иттилоот аст, балки воситаи стратегӣ барои татбиқи самараноки сиёсати иттилоотӣ ва фарогирии он дар сатҳи миллӣ мебошад, ки ба шаклгирии тафаккури иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа таъсири муассир дорад.

«Ғайр аз он, чунин як хусусияти коммуникатсияи оммавиро ҳамчун воситаҳои махсуси техникӣ қайд кардан бамаврид аст, ки иттилооти дилхоҳро ба оммаи васеи одамон ва аз масофаи дур интиқол медиҳанд. Дар ҳақиқат, аллакай дар соли 1960, пирӯзии сенатор Ҷ. Кеннедӣ дар интихоботи президентии ИМА, вақте ки ӯ сенатори номаълум буд, аз сабқати интихоботӣ аз ноиби президент Р. Никсон пеш гузашт, ба туфайли телевизион аз бисёр ҷиҳатҳо имконпазирии истифодаи воситаҳои паҳни иттилоот маълум гардид. Муҳимтарин хусусияти ҷомеаи демократӣ шаффофияти иттилооти сиёсат, фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки пурра ба эътимоднокии иттилоот ва дастрасии онро таъмин менамояд. Беҳуда нест, ки ошкорбаёнӣ, гуногунандешӣ ва шаффофиятро на танҳо меъёри ҳатмии рушди устувор, балки «муҳимтарин шарти зарурии таҳкими демократӣ» низ меноманд» [113, с. 80].

Сиёсат ҳамчун як падидаи мураккаби шуури ҷамъиятӣ бевосита ва бавосита ба арзишҳои аслии маънавии ҷомеа таъсир расонда, нақши калидӣ дар ташаккули низоми коммуникатсияи оммавӣ ва таҳкими сиёсати иттилоотӣ мебозад. Дар ин раванд, сиёсат имконият дорад, ки механизмҳои мураккаби тарҳрезӣ ва амалӣ намудани равандҳои иттилоотиро ба танзим дарорад ва шаклҳои ҳамгиро ва устувори сиёсати иттилоотиро ба вуҷуд оварад, ки ба устувории системаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Сиёсат, дар аксари мавридҳо, ҳамчун амалиёт ва стратегияҳои пешгирӣ аз бархӯрдҳои харобиовари иҷтимоӣ ва ташкил намудани мувозинати муносибатҳои ҷамъиятӣ амал менамояд. Он ҳамчун санъати идоракунии воситаҳои ғайринизомии назорати зиддиятҳо, иттифоқҳо ва муносибатҳои гуногуни ҳокимият ва тобеъият эътироф шудааст. Дар равандҳои таърихӣ ва муосир, мафҳуми ҷанг ҳамчун «шарти охирини татбиқи сиёсат» ҷузъи муҳими таҳлили равандҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад, гарчанде имрӯз ҷанг ба унвони роҳи ниҳоии ҳаллу фасли масоили мураккаби асри ҷадид боқӣ мондааст. Ин ҳолат собит менамояд, ки сиёсати муосир дар маҷмуъ бояд ба ҷустуҷӯи роҳҳои муназзаму муколамаи сиёсӣ ва истифодабарии воситаҳои

пешгирӣ ва идоракунии низоъҳои иҷтимоӣ тамаркуз намояд. Илова бар ин Радиков И.В. қайд мекнад, ки «имрӯз бархурд аксар вақт хусусияти нав мегирад, ки ба таври возеҳ ифода нашудааст, чунон ки дар асри XX буд. Имрӯз, ҷанг дар сатҳи сифатан баландтаре ҷараён дорад, ки ба ғайр аз қувваҳои мусаллаҳ ва каналҳои дипломатӣ, соҳаҳои иттилоотӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, идеологӣ, технологӣ, инчунин илм, психология ва ҷаҳони ботинии инсон таъсир мерасонад» [113, с. 151].

Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун унсури стратегии мураккаб ва ҳамзамон таҷассумгари ҳамоҳангсозии парадигмаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат бо мақсади таҳкими мувозинати манфиатҳои сохторҳои маъмурӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад. Ин сиёсат бояд бар асоси таҳлили комили назариявӣ ва таҳқиқоти амиқи эмпирикӣ тарҳрезӣ шавад, то ки равандҳои идоракунии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар доираи арзишҳои миллӣ ва самтҳои стратегӣ ва сиёсати давлатӣ бо тарзи мутавозин ва устувор амалӣ гарданд. Норасоии сиёсати ҳамоҳангшуда ва бархӯрдҳои ғаразноки манфиатҳо метавонад ба осебпазирии фазои иттилоотӣ, зери фишор қарор гирифтани амнияти миллӣ ва заъф ёфтани устувории ҷомеа оварда расонад, ки ин худ таҳдид ба истиқлолият ва ҳатто хатари суқути давлатиро ба вуҷуд меорад. Аз ин лиҳоз, ташаккули фазои ягонаи иттилоотию коммуникатсионӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, ки бояд бо воқеиятҳои мураккаби сиёсӣ ва манфиатҳои афзалиятноки миллӣ мутобиқат намояд. Дар ин раванд, ташкил ва ташаккули муколамаи пурсамари байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шарти асосии муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди давлат, бахусус дар соҳаҳои амнияти миллӣ ва низомӣ мебошад. Дар натиҷа, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун воситаи калидӣ ва стратегӣ барои таъмини устувории сиёсӣ, ҳифзи истиқлолият ва тақвияти амнияти давлат нақши муассир ва ҳалкунанда мебозад.

Иттилоотонӣ як раванди мураккаби иҷтимоӣ мебошад, ки бо тағйироти назаррас дар тарзи ҳаёти аҳолӣ алоқаманд аст. Он дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла барҳам додани бесаводии технологӣ - компютерӣ, ташаккули фарҳанги

истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғайра кӯшишҳои ҷиддиро талаб мекунад.

«Метавон ишора намуд, ки мафҳуми иттилоотонӣ соли 1978 аз ҷониби мутахассисони фаронсавӣ С. Нора ва А. Минк дар кори тадқиқотие, ки бо супориши Президенти Фаронса анҷом дода, ба иттилоотикунонии ҷомеа бахшида шуда буд, ба таҳлил ва баррасии доираҳои илмӣ ворид карда шудааст» [172, с. 162]. «Олимон иттилоотониро падидае муайян кардаанд, ки бо ворид шудани компютер ва телекоммуникатсия ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷамъият ва тағйирёбии муносибатҳо дар натиҷаи ин равандҳо алоқаманд аст» [105, с. 46].

Қариб дар якҷоягӣ бо мутахассисони фаронсавӣ иттилоотонӣ мавзӯи тадқиқоти илмӣ ва таҳлилии олимони Ҷопон гардидааст. «Аз ҷумла, дар соли 1981 Й. Масуд ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки иттилоотонӣ асоси ҷомеаи иттилоотӣ буда, дар фазои ҷаҳонии ҷомеаи иттилоотонӣ аҳамияти бештареро соҳиб аст. Олим бар ин назар аст, ки телекоммуникатсия, технология ва компютерҳо на танҳо сохтори ҷамъиятиро тағйир медиҳанд, балки сарҳади байни фарҳангҳо, манфиатҳо ва миллатҳоро аз байн бурда, тартиботи нави ҷаҳониро ташаккул медиҳанд».

Ба андешаи А.Я. Фридланд, «иттилоотониро метавон ҳамчун раванди ворид намудани дастовардҳои илми информатика ба ҳаёти воқеии одамон ва ташкилотҳо, ҳамчун як раванди дуюмдараҷа, ки ба фаъолияти раванди асосӣ (ибтидоӣ) мусоидат мекунад (беҳтар мекунад) баррасӣ кард» [124, с. 171].

Дар асари В.А. Путилов ва М.Г. Шишаев ба сифати раванди махсуси амалӣ шудани сиёсати давлатӣ таъриф ёфтани иттилоотонӣ дучор шудан мумкин аст. Мувофиқи он «иттилоотонӣ раванди сиёсӣ, иқтисоди ва технологиест, ки ба бунёд ва рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ нигаронида шудааст, ки захираҳои иттилоотии аз ҷиҳати ҷуғрофӣ тақсимшударо муттаҳид мекунад» [111, с. 44].

Таърифи каме маҳдудро олими амрикоӣ Р. Клинг истифода кардааст [165]. «Он иттилоотониро ҳамчун раванди таҳия, татбиқ ва истифодаи

системаҳои компютерӣ навъҳои фаъолиятҳои махсуси иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ ба монанди таълим, баҳисобгирӣ, навиштан ё тарҳрезии диаграммаҳо медонад» [105, с. 50].

Дар шакли маҷмуӣ дар асоси равишҳои қаблан зикршуда таърифи пешниҳодкардаи Л.В. Нефедова эҷод гардидааст, ки чунинанд: «Иттилоотонӣ ифодаи маҷмӯи якчанд равандҳост; а) иттилоотонӣ ҳаракати ташкилӣ ба сӯи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад; б) иттилоотонӣ фаъолияти пурсамари кор бо иттилоот (яъне зеррвандҳои эҷод, коркард, нигоҳдорӣ, паҳнкунии иттилоот) дар ҷомеаи иттилоотӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аъзоёни ҷомеа мебошад; в) иттилоотонӣ истифодаи самараноки иттилоот аз ҷониби аъзоёни ҷомеаи иттилоотӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоие, ки рушди прогрессивии ҷомеаро таъмин мекунанд ва тамоми равандҳо бо истифодаи техникаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии мувофиқ сурат мегиранд» [154].

Умуман, ғояи иттилоотонӣ хусусияти мутаҳидкунандагӣ дорад. Дар ин бора андеша ронда, В.В. Василев ва Т.Ю. Салутина ишора мекунад, ки «иттилоотонӣ васеътар аз фаҳмише, ки бо истифодаи ҳаҷми таҷҳизоти компютерӣ ва технологияҳои нави инфокоммуникатсионӣ нигаронида шудааст мебошад. «Он равандест, ки дараҷаи воридшавии ҷомеа ба фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сифати нави рушди иқтисодӣ дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми истеҳсол, коркард, тақсимот ва истеъмоли иттилоот ташаккул меёбад» [46, с. 11].

«Иттилооткунонӣ ин пур кардани фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадани бо технологияҳои нави иттилоотӣ, ки бо талаботи беруна ва талаботи дохилии ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти давлатро таъмин менамояд» [105, с. 50].

Асоси раванди иттилоотикунонӣ ба таҳия, ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти иттилоотӣ такя мекунад, ки ин сиёсати давлатӣ ҳамчун маҷмуи комплексии тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ

ва ташкилии сохторҳои давлатӣ барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии васеи иттилоот ва ҳифзи манфиатҳои умумимиллӣ амал мекунад. Ин соҳа бо раванди такрористеҳсол ва паҳнсозии иттилооте, ки мутобиқи манфиатҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ танзим шудааст, робита дошта, барои ташаккули муколамаи босамар ва созанда байни субъектҳои иҷтимоӣ ва намояндагони онҳо нақши муассирро иҷро менамояд.

Сиёсати иттилоотии давлатӣ дорои ду ҷанбаи асосӣ мебошад: ҷанбаи технологӣ, ки танзими рушди ҷузъҳои муҳити иттилоотиро дар бар мегирад, ва ҷанбаи моддӣ, ки афзалиятҳои фаъолияти коммуникатсионӣ ва раванди иштирокчиёни ҷамъиятӣ ва сиёсиро муайян мекунад. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун механизми таъсиррасонӣ ва воситаи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мешавад.

Субъектҳои сиёсати иттилоотӣ тавассути истифодаи иттилоот метавонанд ба шуур, маънавиёт, рафтор ва фаъолияти афрод ва ҷомеа, ки бо манфиатҳои онҳо ва манфиатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқанд, таъсири амиқ расонанд. Ҳадафи ниҳоии сиёсати иттилоотӣ ин фароҳам овардани заминаҳои воқеӣ барои гузариш ба марҳалаи нави рушди давлат, ки ба бунёди ҷомеаи иттилоотии демократӣ ва воридшавии муассири давлатҳои муосир ба фазои ҷаҳонии иттилоотӣ равона шудааст, мебошад. Ин раванд барои таҳкими устувории сиёсӣ, амнияти миллӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ нақши муҳим дошта, ҳамзамон таҳкими ҳамгироии ҷомеа ва идораи самараноки иттилоотиро таъмин менамояд.

Татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар шароити инноватсияи иттилоот ва технологияи муосир аз он бармеояд, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои нав барои эҷоди муҳити вертуалии шахсӣ, коллективӣ ва дар маҷмуъ ҷамъиятӣ пайдо мешаванд. Бояд гуфт, ки соҳаи иттилоотӣ, махсусан иртиботи оммавӣ дар замони ҷомеаи иттилоотӣ ба воситаи тавонои таъсиррасонӣ ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ табдил ёфта, ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ таъсири бузург мерасонад ва дигар сохторҳои ҷомеаро рушду инкишоф медиҳад. Аз ин сабаб, иртибототи оммавӣ ва ҳалқаи асосии

он – иттилоотонӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати давлатӣ ба яке аз муҳимтарин унсурҳои системаи идоракунии иҷтимоию сиёсӣ табдил меёбад.

### 1.2. Сиёсати иттилоотии давлат ва хусусиятҳои бевоситаи он

Тамоюли бартаридоштаи рушди тамаддуни ҷаҳонӣ дар остонаи садаҳои XX-XXI гузариш ба шакли нави сохтори иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки хусусияти иттилоотию шабакавӣ - ҷомеаи кушодаи иттилоотиро соҳиб аст. Ин аст, ки соҳаҳои асосии фаъолияти ҷамъиятиро дигаргунсозии амиқе фаро гирифтааст. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ, бунёди арзишҳои фарҳангӣ ва амалӣ намудани қудрат бевосита ба имкониятҳои технологии ҷомеа, ки асоси онро технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташкил медиҳад, вобастагии калон дорад.

Омили асосии рушди ҷомеаи баъдимодернизм ва баъдисаноатӣ инқилоби иттилоотӣ мебошад, ки моҳияти он тағйироти сифатӣ ва инқилобӣ дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мушоҳида мегардад. Дар натиҷаи инқилоби иттилоотӣ нақш ва аҳамияти соҳаи иттилоот дар ҳаёти ҷомеа ва давлат афзуда, аз категорияи ёрирасон ба категорияи муайянкунанда мегузарад. Таносуби кувваҳо дар ҷамъият ба таври сохторӣ тағйир меёбад. Дар танзими равандҳои ҷамъиятӣ – сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву мадани қудрати иттилоотӣ, ки бо дигар навъҳои қудрат зич алоқаманд аст, ба ҷои аввал мегузарад.

Сиёсати иттилоотонии давлат метавонад ҳам ба истиқрори босуръати тартиботи нави иҷтимоӣ мусоидат намояд ва ҳам тамоюли демократии раванди сиёсиро дигаргун намояд.Он ҳамчун воситаи муосири бисёрҷонибаи идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ ҳамчун масъалаи махсуси таҳқиқи илмҳои сиёсӣ мувофиқ ва саривақтӣ ба назар мерасад.

Мақсади сиёсати иттилоотонии давлат ин муаррифии мунтазами хусусиятҳои соҳаи иттилоот ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ дар шароити гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, мушаххас намудани равишҳои консептуалӣ ба ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии иттилоотонӣ бо назардошти нақши махсуси он дар шароити дигаргунсозии давраи гузариш,

мазмуни вазифаи иттилоотонии давлатӣ, аз ҷумла масъалаҳои ташкили таъминоти иттилоотии системаи идоракунии давлат ва муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа, мустаҳкамкунии асосҳои ҳуқуқии сиёсати иттилоотонӣ дар асоси ҳуқуқи табиии инсон ба иттилоот ба ҳисоб меравад.

Сиёсати иттилоотонӣ ҳамчун падидаи ҷудонашаванда ва вазифаи афзалиятноки идоракунии давлатӣ дар шароити модернизатсияи баъдисаноатӣ ва дигаргуниҳои давраи гузариш мебошад. Чунин сиёсат ҳамчун ҷузъи бисёрҷонибаи идоракунии давлатии равандҳои тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гардидааст.

Мундариҷаи сиёсати миллии иттилоотониро хусусияти равандҳои сиёсӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои таърихии фарҳанги сиёсӣ ва тафсири низоми сиёсӣ аз манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот созмонёфта ташкил медиҳад.

Сиёсати иттилоотонӣ як раванди мураккаби иҷтимоӣ мебошад, ки бо тағйироти назаррас дар тарзи ҳаёти аҳолӣ алоқаманд аст. Он дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла барҳам додани тафаккури нокифояи технологӣ ва компютерӣ, ташаккули фарҳанги истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғайра кӯшишҳои ҷиддиро талаб мекунад.

Қувваи пешбарандаи тараққиёти ҷамъият бояд истеҳсоли маҳсулоти моддӣ не, балки ахборот ва иттилоот бошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо истеҳсолот, балки тамоми тарзи зиндагӣ, низоми арзишҳо ва аҳаммияти фароғати - фарҳангӣ нисбат ба арзишҳои моддӣ меафзояд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ ақлу дониш тавлид ва истеъмол мешавад, ки боиси афзоиши саҳми меҳнати ақлӣ мегардад. Ба одамон қобилияти эҷодкорӣ лозим мешавад ва талабот ба дониш меафзояд. Базаи моддию технологии иттилооти ҷомеа навъҳои гуногуни системаҳое хоҳанд буд, ки дар асоси техникаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ, технологияи информатсионӣ ва телекоммуникатсия асос ёфтаанд.

Иттилоотонӣ ҳамчун раванд ва механизм дар системаи муосири идоракунӣ нақши муассир дорад, ки дар он тавассути ташаккули муҳити

иттилоотӣ ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Моҳияти иттилоотонӣ дар таҳкими равандҳои идоракунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таҷассум меёбад, ки бо фарогирии ҷараёнҳои иттилоотӣ, ба ҳисоб гирифтани таъсири иттилоот ба рафтори субъектҳо ва таҳкими иртибот байни сохторҳои идоракунӣ ва ҷомеа иртиботи зич дорад. Хусусияти асосии иттилоотонӣ ин аст, ки он раванди доимӣ ва динамикӣ буда, бо мақсади эҷод, коркард, табодули иттилоот ва мутобиқсозии қарорҳо дар заминаи маълумотҳои дақиқ ва боэътимод равона гардидааст. Иттилоотонӣ ҳамчун амали идоракунӣ воситаи муҳимест барои оптимизатсияи фаъолияти субъектҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таҳкими устувории низоми идоракунии давлат ва ҷомеа тавассути таъмини иттилооти босифат ва муваффақ дар низоми иртибототӣ мебошад.

Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест, ки дар он аксарияти коргарон ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши иттилоот, махсусан шакли олии он – дониш машғуланд.

Ҳадафи иттилоотонӣ баланд бардоштани сифати зиндагии одамон тавассути баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва осон кардани шароити меҳнати онҳо мебошад.

Сиёсати иттилоотии давлат ва иттилоотонии аҳолӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аҳамияти аввалиндараҷаи худро таҳким ва такмил медиҳад, ки меъёрҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ инҳоянд:

- мавҷудияти воситаҳои технологии иттилоотӣ аз шумули компютерҳо ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ;
- баланд бардоштани сатҳи рушди шабакаҳои технлогӣ ва компютерӣ;
- ташаккул ва доштани фарҳанги иттилоотӣ, яъне дониш ва малака дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

Дарки амиқи моҳият ва нақши сиёсати давлатӣ дар самти иттилоотӣ имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои сифатии ин раванд ё падида ҳамчун рукни мустақил ва бунёдии ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ дар шакл ва мазмуни мушаххас таҳлилу баррасӣ гардад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «сиёсати

иттилоотии давлатӣ» то ҳол ба таври васеъ ва якхела таҳлил нашудааст, зеро он бештар ба бахши амалии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ки бо идораи иттилоот алоқаманд мебошад, мансуб аст. Сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун бахши нисбатан ҷудошуда ва мустақил аз фаъолияти идории давлат дар самти танзим ва идоракунии равандҳои иттилоотӣ ва таъмин намудани дастрасии шаффоф ва муассири аҳолӣ ба иттилоот баррасӣ мешавад. Ин раванд вазифадор аст муҳити иттилоотиро фароҳам оварад, ҷараёнҳои иттилоотиро идора намояд ва амнияти иттилоотиро ҳифз намояд, ки дар маҷмӯъ ба таҳкими устувории низоми идоракунӣ ва рушди демократияи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, сиёсати иттилоотии давлатӣ на танҳо василаи танзими иттилоотӣ, балки абзори стратегӣ барои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат ва рушди ҳамоҳангӣ ва устувори ҷомеа маҳсуб мешавад.

«Истилоҳи «сиёсати иттилоотии давлатӣ» маҳз ҳамчун таърифи самти нави фаъолияти давлатӣ дар асри XXI истифода мешавад. Бо дарназардошти ин ҳолат, ин истилоҳро на танҳо ҳамчун истилоҳи корӣ, балки дар сатҳи консепсиявӣ ва доктринавию стратегӣ баррасӣ кардан лозим аст, ки маҷмуи бузурги донишҳои иттилоотиро дар соҳаи фаъолияти давлат ва ҳукумат муттаҳид мекунад» [43, с. 4].

Барои муайян кардани моҳият ва хусусияти сиёсати иттилоотии давлатӣ бояд хусусиятҳои инфиродии асосии ин категория: сиёсат, сиёсати иттилоотӣ, сиёсати давлатии иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Сатҳи рушди фазои иттилоотӣ ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ин аҳамияти масъалаҳои сиёсати давлатии иттилоотиро пешакӣ муайян мекунад, ки ба сифат ва суръати гузариши давлатҳои муосир ба марҳилаи нави рушд - марҳилаи ҷомеаи иттилоотӣ таъсир мерасонад.

«Ҷомеаи иттилоотӣ бошад ҷомеаест, ки дар он дар соҳаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, афзоиши сармоя дониш ва иттилоот ба майдон мебарояд, ки истеҳсолотро интеллектуалӣ намуда, шакли

нави моликият – моликияти шахсиро ба ҷои моликияти умумиҷамъиятӣ ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, нақши сиёсати иттилоотӣ ва муҳити ВАО объективона меафзояд» [121, с. 94].

Дар робита ба воқеияти рушди ҷомеаи иттилоотӣ мафҳуми «сиёсати иттилоотӣ»-ро метавон ба маънои васеъ ва маҳдуд маънидод кард.

Мафҳуми «сиёсати иттилоотӣ» дар заминаи таҳлили мукаммали равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ҳадафманд ва систематикӣ, ки барои ташаккул, танзим ва идоракунии фазои иттилоотӣ ба кор бурда мешавад, таҳия мегардад. Ин соҳа иборат аст аз як низоми мураккаби мутақобилаи субъектҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва инфрасохторҳои иттилоотӣ, ки дар он иттилоот ҳамчун омил ва абзори асосии таъсиррасонӣ ба низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятии давлат нақши ҳалкунанда дорад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки технологияи иттилоотӣ босуръат рушд мекунад, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ба унсури муҳимми сиёсати миллӣ табдил ёфта, таъсири бевосита ба устувории сиёсӣ ва иқтисодии давлат дорад.

Барои амалигардонии сиёсати иттилоотӣ, зарурати ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин татбиқи механизми муассири танзими фаъолияти субъектҳои гуногуни соҳа, ба миён меояд. Ин равандҳо дар шароити муосири Тоҷикистон, ки ба таҳкими истиқлолият, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тақвияти иқтидори амниятии давлат равона шудаанд, аҳамияти устувор пайдо намудаанд. Пешбурди сиёсати иттилоотӣ бо мақсади таъмини дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти дуруст ва шаффоф, афзоиши сатҳи маърифатнокӣ ва дастёбӣ ба фазои иттилоотии босифат, заминаи мустаҳками рушди демократӣ ва иқтисодии кишварро фароҳам месозад.

Дар маҷмуъ, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун василаи калидии таъсиррасонӣ ба шуур ва маънавиёти ҷамъият, муттаҳидкунандаи манфиатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчунин механизми муҳими таҳкими истиқлолият ва воридшавии муассир ба фазои ҷаҳонии иттилоотӣ арзёбӣ мегардад. Ин

раванд дар доираи таҳкими муколамаи ҳамаҷониба байни ҳукумат ва ҷомеа амалӣ гардида, имкон медиҳад, ки стратегияи рушди устувори давлатӣ бо назардошти таҳаввулоти босуръати ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои миллии Тоҷикистон тарҳрезӣ ва татбиқ шавад.

Сиёсати иттилоотӣ механизми ҳамарофарогирандаи иҷтимоии муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва шартҳои татбиқи афзалиятҳои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ дар соҳаи иттилоот мебошад, ки ба муборизаи ҷамъиятии субъектҳои сиёсат асос ёфта, бо татбиқи дастгирии давлатии субъектҳои сиёсат ва онҳо алоқаманд аст.

Сиёсати давлатии иттилоотӣ яке аз масъалаҳои марказии баҳси ин бахши кори таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ҳамчун субъекти фаъоли сиёсат баромад карда, дар ин самт амалияи сиёсӣ ва қонунгузорӣ, татбиқи барномаҳо ва стратегияву ҳуқуқро ба амал мебарорад, инчунин дар доираи муқаррарнамудаи барномаҳо, стратегияҳои сиёсати давлатӣ ва қонун дар муборизаи сиёсӣ дар тарафи субъекти ҳокимияти давлатӣ иштирок мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки «сиёсати давлатии иттилоотӣ – соҳаи махсуси сиёсати давлатӣ, ки бо такрористеҳсол ва паҳн намудани иттилооте, ки манфиатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро қонеъ мекунад, ба таъмини муколамаи созанда, созандаи байни онҳо ва намояндагони онҳо, инчунин фаъолияти танзими мақомоти давлатӣ, ки ба рушди соҳаи иттилоотии ҷомеа нигаронида шудаанд, ба ҳисоб меравад. Он на танҳо телекоммуникатсия, системаҳои иттилоотӣ ё ВАО, балки тамоми маҷмӯи истеҳсолот ва муносибатҳои марбут ба офаридан, нигоҳдорӣ, коркард, намоиш додан, интиқоли иттилоот дар ҳама шаклҳои он – сиёсӣ, тиҷоратӣ, фароғатӣ, илмӣ-таълимӣ, ахборро фаро мегирад» [142].

Сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун рукни муҳими сохторҳои сиёсӣ ва идоракунии ҳар як давлат дар ду самти иҷтимоӣ ва субъективӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, он ҳамчун падидаи фарогири ҳаёти ҷамъиятӣ шинохта шуда, вазифаи аслии он мусоидат ба ноил шудан ба манфиатҳои умумии ҷомеа мебошад. Ин вазифа тавассути қонеъ

гардонидани талаботи зарурии иҷтимоӣ амалӣ мешавад, ки ба инҳо дохил мешаванд: нигоҳ доштани сатҳи рақобатпазирии ҷомеа, таъмини суботи иҷтимоӣ ҳамчун заминаи устувории давлат ва муқовимат бо субъектҳои сиёсие, ки фаъолияти онҳо дар фазои иттилоотӣ метавонад ба устувории ҷомеа ва суботи иҷтимоӣ зарар расонад. Аз ин рӯ, сиёсати иттилоотӣ бояд ҳамчун механизми стратегӣ барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва тақвияти сохтори иҷтимоӣ амалӣ гардида, бо ҳамоҳангсозии чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба таври муассир татбиқ шавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ дар сатҳи ҷамъиятӣ механизми иҷтимоии муайян ва татбиқи афзалиятҳои давлатӣ дар рушди соҳаи иттилоот оид ба иҷрои вазифаҳои асосии давлат ва таъмини қонунии истифодаи ин соҳа дар соҳаи мубориэаи субъектҳои сиёсӣ барои соҳиб шудан ба ҳокимияти ҷамъиятӣ мебошад.

Моҳияти сиёсати давлатии иттилоотӣ дар самти иҷтимоӣ фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи иттилоот, таъмини фаъолияти босамари давлат ва рушди устувори он мебошад.

Дар ҷанбаи субъективӣ сиёсати иттилоотии давлатӣ падидаи ҳаёти субъекти сиёсие мебошад, ки дорои ҳокимияти давлатӣ буда, ба қонеъ гардонидани манфиатҳои сиёсии ӯ вобаста ба татбиқи барномаи идеологии сиёсии ҳалли зиддиятҳои шадидтарини рушди ҷомеа нигаронида шудааст. Нигоҳ доштани арзишҳои ахлоқӣ, дар мубориза бо субъектҳои сиёсии ғайриқонунӣ, ки мехоҳанд ба раванди қонеъ кардани ин ниёзҳо зарар расонанд асоси сиёсати иттилоотии давлатро аз нуқтаи назари ҷанбаи субъективӣ ташкил медиҳад.

Татбиқи ҳадафмандонаи сиёсати иттилоотонӣ яке аз вазифаҳои муҳими мақомотҳои давлатӣ ба шумор рафта, бо назардошти шарти муҳими татбиқи барномаи идеологӣ - дастгирии ҷамъият аз ҷониби субъект дар татбиқи он, ҳам дар доираи дохили кишвар ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ - асосан ҳамчун эътирофи сиёсати давлатӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин раванд, давлат маҷбур аст, ки дар доираи стратегияҳои муайянгардида бо истифода аз

захираҳои мавҷуда, имкониятҳои ҳокимият ва тавонмандии сиёсӣ масъалаҳои ғоявию идеологиро дар фазои иттилоотӣ идора намуда, устувории худро таъмин созад. Аз нуқтаи назари субъективӣ, сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдор, ки ба татбиқи муқаррароти барномаи идеологии субъекте, ки ҳокимияти давлатӣ дорад, равона шудааст, арзёбӣ мегардад ва ба рушди шуури сиёсӣ дар ҷомеа равона мебошад. Моҳияти сиёсати давлатии иттилоотӣ дар бахши субъективӣ дар истифодаи механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳокимияти давлатӣ барои таъсиррасонӣ ба низоми иттилоотии ҷомеа ва ҷалби субъектҳои сиёсӣ ба ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар асоси барномаи идеологии субъекти ҳокимиятдошта ҷойгир шудаанд, иборат аст. Ин равиш имконият медиҳад, ки сиёсати иттилоотӣ ҳамчун механизми самараноки танзимкунандаи равандҳои иттилоотӣ ва муҳаррики рушду устувории системаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ хизмат намояд.

Мавриди қайд аст, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ механизми иҷтимоии муайян ва татбиқи ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо, афзалиятҳо ва шартҳои рушди соҳаи иттилоот, таъмини фаъолияти самараноки давлат ва рушди устувори он, инчунин ҳифз ва таҳкими асоси маънавиёти ҷомеа мебошад.

Объекти сиёсати иттилоотии давлатӣ шуури сиёсӣ ва афкори ҷамъиятӣ буда, субъекти он усул ва воситаҳои таъсири давлат ба шуури сиёсӣ ва афкори ҷамъиятӣ бо мақсади ҷалби шаҳрвандон ба дастгирии тадбирҳои сиёсати давлатӣ ва иштирок дар ин чорабиниҳо мебошад.

«Моҳияти сиёсати давлатии иттилоотӣ дар мазмун ва шакли он зоҳир мегардад.Мазмуни сиёсати давлатии иттилоотиро мақсадҳо, вазифаҳо, принсипҳо, афзалиятҳо ва шартҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки дар ташаккул ва татбиқи ин сиёсат иштирок доранд, муайян менамояд» [43, с. 4].

Чунин тафсири васеъи сиёсати иттилоотӣ имрӯз дуруст ба назар мерасад, зеро «рақамикунонӣ»-и иттилоот ва технологияҳои навтарини телекоммуникатсионӣ ва компютерӣ монеаҳои байни бахшҳои гуногуни

саноати иттилоотиро ба таври пуршиддат аз байн бурда истодаанд. «Баррасии ҳамаҷонибаи равандҳои дар соҳаи иттилоотии ҷомеа, усулҳои муосири танзими давлатии он барои давлати муосир хеле муҳим аст, зеро давлат худро дар ин соҳа пурра муайян накардааст. Кӯшишҳои мавҷудаи навиштани мафҳумҳои фазои иттилоотӣ мушкилотро танҳо қисман ҳал мекунанд, зеро фазои иттилоотӣ на бештар аз ҷониби давлат, балки аз ҷониби сохторҳои нави ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбад» [121, с. 94].

Мақсади сиёсати давлатии иттилоотӣ дараҷаи зуҳури моҳияти сиёсати мавриди назарро, ки дар шароити воқеии рушди иҷтимоию сиёсии ҷомеа имконпазир аст, тавсиф мекунад.

Ҳадафҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун маҷмуи ҳадафҳои стратегӣ ва тактикӣ дар чаҳорчӯбаи фаъолияти субъекти ҳокимияти давлатӣ муайян мешаванд ва ба таври мушаххас равона ба татбиқи барномаҳои идеологии субъект ва инчунин ба истифодаи қобилияти молиявӣ, методӣ ва техникӣ равона карда шудаанд. Ин ҳадафҳо аз ҷиҳати мазмунӣ ҳамчун дастовардҳои мушаххас дар равандҳои идоракунии фазои иттилоотӣ, ташаккули муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва тақвияти ҳамгироии шаҳрвандон бо мақомот ва ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ арзёбӣ мешаванд. Хусусияти муҳими ин ҳадафҳо он аст, ки онҳо дорои хусусияти стратегӣ буда, тасаввури субъектҳои ҳокимияти давлатӣ аз имкониятҳои таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва низоми коммуникатсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ мебошад. Дар айни замон, муайян намудани сатҳи ноилшавӣ ба ин ҳадафҳо бо истифода аз усулҳои илмии табиатшиносӣ маҳдудиятҳои муайян дошта, натиҷаҳои амалӣ бештар бо арзёбии сиёсӣ ва таҳлилҳои системавӣ сурат мегиранд. Дар шакли маънавӣ ва амалӣ, ҳадафҳои сиёсати иттилоотӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори масъул, инчунин барои таъсиси муҳити иттилоотии муттаҳид ва ҷалби васеи ҷомеа хизмат менамояд. Бо ин роҳ, сиёсати иттилоотии давлатӣ кафолати мутобиқат ва ҳамоҳангии

стратегияҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро бо воситаҳои иттилоотӣ таъмин намуда, ба рушди устувори ҷомеа ва таъмини истиқлолияти давлатӣ мусоидат мекунад.

Рушди сиёсати иттилоотии давлат ва иттилоотонии аҳолиро бе ташаккул, истифодаи васеъ ва ихтиёрдории мустақили воситаҳои телекомуникатсионӣ ва технологияи иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Паҳн ва истифодаи васеи воситаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ асос гузоштаанд, ба марҳалаҳои гуногун ва мухталифи инкишоф тақсим мегарданд.

Дар миёнаи асри XX марҳилаи аввали таҳаввулоти ҷомеаи иттилоотӣ бо тавсифи устувори афзалиятёбии омилҳои технологӣ нисбат ба омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ оғоз ёфт. Консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ дар чорчӯбаи назарияи постиндустриализм шакл гирифт, ки дар он диққати асосӣ ба беҳтарсозии механизмҳои ҳосилкунӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот дар бахши иқтисод равона шуда буд. Пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳаввулоти бунёдиро ба вуҷуд оварда, амалӣ шудани он таъсири амиқ ва васеъро ба сохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ворид намуд. Ҷанбаҳои гуманитарӣ ва масъалаҳои иҷтимоии ин равандҳои нав, ки натиҷаи мустақими ҷаҳиши сифатӣ дар технологияи иттилоотӣ мебошад, ҳамчун падидаи навини иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Аз нуқтаи назарии миқёси таъсир ва суръати он ба ҳаёти ҷамъиятӣ, инқилобҳои технологӣ нисбат ба инқилобҳои қаблӣ аҳамияти афзун доранд. Ҳамзамон, иттилоот ҳамчун манбаи бебаҳои иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши он дар ташаккули сохтори нави иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъкид мегардад. Ин равандҳо маҷмуи тағйиротҳоро дар сатҳи гуногуни ҷомеа эҷод намуда, заминаҳои таҳкими ҷомеаи иттилоотӣ ва таҳаввулоти минбаъдаи он мегарданд.

«Давраи дуюми инкишофи ғояи ҷомеаи иттилоотӣ ба миёнаҳои солҳои 60-ум то охири солҳои 80-уми асри XX рост меояд. Онро шартан метавон ғояҳои футурологӣ номид, зеро тадқиқот асосан дар бораи навъи ояндаи ҷомеа буд. Ин марҳала бо номи олимони Д.Белл, З.Бжезинский, М.Порат,

Ю.Масуда, Т.Стоунер, Р.Катс, М.Маклюан, Э.Тоффлер ва дигарон алоқаманд аст» [143].

Назарияи ҷомеаи баъдииндустриалӣ, ки аз ҷониби олим ва ҷомеашиноси маъруфи амрикоӣ Даниэл Белл таҳия шудааст, таърихи тамаддуни инсониятро ба се марҳилаи куллӣ - кишоварзӣ, саноатӣ ва постиндустриалӣ - тақсим мекунад. Аз нигоҳи Белл, марҳилаи постиндустриалӣ хусусияти калидии худро дар гузариш аз истеҳсоли ашё ба рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, хусусан маориф, тандурустӣ, таҳқиқот ва идоракунӣ дарёфтааст. Аз ин ҷиҳат, дониш ва иттилоот на танҳо ҳамчун омили муҳими таҳаввулот ва тағйироти иҷтимоӣ, балки ҳамчун сарчашмаи стратегии тараққиёти ҷомеаи постиндустриалӣ пазируфта мешаванд.

Консепсияи ҷомеаи баъдисаноатӣ тағйири назаррасро дар нақши истеҳсолоти моддӣ ва ҳамзамон афзоиши босуръати бахшҳои хизматрасонӣ ва иттилоотӣ пешбинӣ мекунад. Дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX гурӯҳи пажӯҳишгарон, ки аҳамияти иттилоотро ҳамчун омили пешбарандаи рушди ҷомеаи муосир дарк мекарданд, ҳамчун поягузорони назарияи ҷомеаи баъдисаноатӣ шинохта шуданд. Ин истилоҳ ҳамзамон дар кишварҳои Ҷопон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба муомилоти илмӣ ворид шуда, ҳамчун таҳқиқоти ҷадиди иҷтимоӣ мақому манзалати хос касб намуд. Ин назария дар осори муҳаққиқони барҷастае мисли М. Порат, Ю. Масуда, Т. Стонер ва Р. Катз таҳия ва густариш ёфт. Ҷонибдорони ин раванд таъкид менамоянд, ки суръати афзояндаи пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаро ба марҳилаи нави сифатӣ ҷомеаи иттилоотӣ мебарад, ки ин раванд ба иваз шудани сохторҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ заминаи устувор мегузорад.

Хусусияти асосии ҷомеаи иттилоотӣ дар он аст, ки «истеҳсоли маҳсулоти иттилоотӣ, на маҳсулоти моддӣ, қувваи пешбарандаи тарбия ва рушди ҷомеа хоҳад буд» [62, с. 29; 147].

Рушди динамикии технологияҳои иттилоотӣ боис ба амалӣ шудани муҳокимаҳои амиқ ва муфассал дар мавриди вазифаҳо ва нақши иттилоот дар ҳаёти ҷомеа, инчунин шеваҳои ташаккули ҷомеаи глобалии иттилоотӣ

гардид. Ин равандҳо дар осори пажӯҳишгарони пешқадами ҷаҳонӣ, аз ҷумла Маршалл Маклюэн, Элвин Тоффлер ва Томас Стонер, васеъ баррасӣ шудаанд. Маршалл Маклюэн технологияҳои иттилоотиро ҳамчун омилҳои трансформатсионӣ дар заминаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қабул намуда, ба афзоиши нақши васоити муошири оммавӣ дар шаклгирии муҳити иттилоотӣ таъкид менамояд. Элвин Тоффлер, дар навбати худ, равандҳои мураккаби рушду такомули системаҳои иҷтимоӣ ва иттилоотиро таҳлил карда, нишон медиҳад, ки технологияҳои нав боиси ташаккули консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои амалии таҳкими заминаҳои иттилоотии ҷомеа шудаанд, ки ин равандҳо заминаи асосии тағйироти куллии иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоранд. Дар маҷмуъ, таҳқиқотҳои мазкур таъкид менамоянд, ки рушди ин технологияҳо ҳамчун омили калидӣ дар таҳкими системаи иттилоотӣ ва инноватсияҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ амал мекунанд.

«Т.Стонер исбот кард, ки иттилоот, ба мисли сармоя, метавонад барои истифодаи оянда ҷамъоварӣ ва нигоҳ дошта шавад. Дар ҷомеаи постиндустриалӣ, захираҳои иттилоотии миллӣ, ба эътиқоди ӯ, бузургтарин манбаи сарвати давлатҳо ва ҷомеаҳо хоҳанд шуд. Ба ин муносибат, пеш аз ҳама, саноати иттилоотиро бо ҳар роҳ рушд ва тараққӣ додан лозим аст» [143].

Марҳилаи сеюми рушди мафҳумҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар аввали солҳои 80 ва 90-уми асри XX ба амал омада, дар пажӯҳишҳои Питер Друкер ва Мануэл Кастелс равшан инъикос ёфтааст. Питер Друкер дар назарияҳои худ ба трансформасияи сохтори иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, гузаришро аз иқтисодиёти саноатӣ ба системаи иқтисодии донишзаминадор ва иттилоотӣ таъкид мекунад, ки ин раванд боиси ташаккули низоми нави арзишҳои инсонии муосир ва ҳамзамон тағйирёбии сохтори давлатҳои миллӣ дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавии иқтисод ва ҷомеа мегардад. Дар ҳамин ҳол, Мануэл Кастелс бо эътирофи хусусияти табии иттилоот ҳамчун унсури қобили гузариши осон аз монеаҳо ва марзҳои анъанавӣ, давраи мавҷудияти

иҷтимоиро давраи ҷаҳонишавӣ медонад, ки дар он иттилоот ҳамчун нерӯи муҳими таҳрикдиҳанда ва таҳкими равандҳои мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши асосӣ мебозад. Ин консепсияҳо таҳкими мафҳуми ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун шакли нави ташаккулёбии ҳаёти иҷтимоӣ ва падидаи глобалӣ равшан месозанд, ки ба таҳаввулоти босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба сохторҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии муосир асос ёфтаанд. «Дар баробари ин сохторҳои шабакавӣ ҳам васила ва ҳам натиҷаи ҷаҳонишавии ҷомеа мебошанд. Ӯ консепсияи худро дар бораи «ҷомеаи иттилоотӣ» пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ, «ҷомеаи иттилоотӣ» тавре сохта мешавад, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва интиқоли иттилооти зарурӣ «манбаъҳои бунёдии ҳосилнокӣ ва қудрат» гаштааст».

Масъалаи дигар дар ин таҳқиқоти иттилоотонии аҳолӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотии давлат ба ҳисоб меравад. Иттилоотонии ҷомеа яке аз равандҳои асосии замон ва ҷомеаи муосир - ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Вай тамоми соҳаҳои ҳаёт - аз сиёсат, иқтисодиёту маориф сар карда, то маданият ва соҳаи иҷтимоиро фаро мегирад. Нақши давлат дар раванди иттилоотонии аҳолӣ бо даразардошти ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дурнамои рушди иттилоотикунонии ҷомеа бештар ба назар мерасад.

Ҳаёти одамон дар маҷмуъ рӯз то рӯз аз иттилоот вобаста мегардад ва бешубҳа, «сифати иттилоот дар оянда ба сатҳи талабот ба маҳсулот ва хидматҳои иттилоотӣ, инчунин мавҷудият ва хосиятҳои истеъмолии онҳо алоқаманд хоҳад буд. Аллакай айни ҳол воситаҳои технологии иттилоотӣ, компютерҳои фардӣ бо дастрасии интернет, телевизиони бисёршабакавии рақамӣ, системаҳои моҳвораии навигатсионии автомобилӣ ҳарчи бештар ба атрибутҳои ҷудонашавандаи тарзи зиндагӣ ва нишондиҳандаҳои қобилиятҳои нави инсони муосир табдил мeёбанд» [47, с. 7].

«Ба ин маъно, сифати зиндагии инсони муосир бештар аз қобилияти ҷомеа дар таъмини ӯ бо маҳсулот ва хидматҳои иттилоотии зарурӣ, яъне. сифати иттилоот»-и худи ҷомеа вобастагии калон дорад. «Дар солҳои охир

мафҳумҳое ба мисли «камбизоатии иттилоотӣ» ва «нобаробарии иттилоотӣ» пайдо шуданд, ки на танҳо нисбат ба одамони алоҳида, балки барои тавсифи тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон истифода мешаванд» [148].

Тафсири сиёсати иттилоотии пешниҳодкардаи В.Д.Поповро комилтар номидан мумкин аст. Сиёсати иттилоотиро пеш аз ҳама аз маҷмуи воситаҳо ва тадбирҳое медонад, ки дар шароити ташаккули фазои иттилоотӣ ва хосияти ҳамагиро соҳиб будани он фазои ғоявию мафкуравии ҷомеа ва аҳолӣ аз иттилоотҳои халалдорсозандаи фазои сиёсиву мафкуравӣ ҳимоя карда мешавад. «Дар баробари ин татбиқи сиёсати иттилоотии давлат ва иттилоотонии аҳолӣ ба хотирест, ки зиддиятҳое, ки хосияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд дар фазои иттилоотӣ пешгирӣ карда шаванд, то низоми мутаносиби муносибатҳои иҷтимоӣ – сиёсиро ба вуҷуд наоваранд. Дар ин маврид мо танҳо дар бораи сиёсати иттилоотӣ, ки ба паст кардани аҳамияти баъзе субъектҳои ҳамкории сиёсӣ ба хотири субъектҳои дигар асос ёфтааст, сухан рондан мумкин аст, ки ин антиподи муносибатҳои баробарии ҳукумат ва ҷомеа мебошад. Аз ин ҷост, ки чунин сиёсатро ҳамчун масъулиятшиносии иҷтимоӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа нигаронида шудааст, қабул кардан мумкин аст [92, с. 23].

«Сиёсати иттилоотӣ чи тавре, ки онро В.Д. Попов ишора намуда ҳамчун қобилият ва имкони таъсиррасонии субъектҳои сиёсӣ ба шуур, равони одамон, рафтор ва фаъолияти онҳо ба манфиати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ёрии иттилоот мебошад» [70, с. 36]. «Дар ин маврид, таваҷҷӯҳ ба ҷанбаи идоракунии сиёсати иттилоотӣ бо назардошти он, ки иттилоот аллакай ба як атрибути таркибии идоракунии иҷтимоӣ табдил ёфтааст, равона карда мешавад. Мутобиқи ин, ташаккули сиёсати иттилоотӣ ҳамчун системаи идоракунии равандҳо ва захираҳои иттилоотӣ ҳамчун гарави некӯаҳволии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амнияти давлат қабул карда мешавад» [92, с. 23].

Ба андешаи мо, тавсифи Е.П. Тавокин, ки «сиёсати иттилоотӣ як соҳаи алоҳидаи сиёсати давлатӣ буда, на танҳо танзими фаъолияти идоракунии захираҳои иттилоотӣ, рушди соҳаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, васоити

ахбори омма ва оптимизатсияи ҳамкориҳоро дар бар мегирад, балки инчунин дастгирии иттилоотии фаъолияти давлатро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин менамояд мутавозинтар аст» [77, с. 42]. Мувофиқи назарияи пешниҳодкардаи Е.П. Тавокин, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун ҳадафи стратегӣ ва соҳаи мунтазамамалкунандаи фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад, ки ҷузъи муҳими низоми муколамаи иҷтимоӣ ва сиёсии байни субъектҳои фаъолият мебошад. Ин равиш равшании таҳқиқи моҳияти сиёсати иттилоотиро таъмин менамояд, зеро он на танҳо ба механизми идоракунии иттилоот маҳдуд намешавад, балки тамоми сохтори соҳаи иттилоот ва коммуникатсияро дар бар мегирад. Дар ин раванд, мақомот бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда барои қонеъ гардонидани манфиатҳои худ фаъолона ширкат меварзанд, ки ин боиси мураккабшавии муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Дарки сиёсати иттилоотӣ аз ин нигоҳ бар асоси татбиқи стратегияҳои муколама ва ҳамкории субъектҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои идоракунии иттилоот ва таъсири он ба муҳити ҷамъиятиро бо таҳлили амиқ ва васеъ арзёбӣ намоем. Аз ин рӯ, сиёсати иттилоотӣ ҳамчун таҷзиягардидаи муносибатҳои мураккаби ҳамзистии иттилоотӣ ва сиёсӣ, инчунин василаи танзими равандҳои муошират ва ҳамкории субъектҳои гуногун дар доираи ҷомеа таҳти омӯзиш қарор мегирад. Ин назари илмӣ равшании амиқ ва муҳими таърихиву амалӣ ба равандҳои муосири сиёсати иттилоотӣ ва нақши он дар таҳкими сохторҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебахшад.

Дар навбати худ, М.М. Ковалева моҳияти сиёсати иттилоотиро таҳлил намуда, чунин мешуморад, ки «категорияи асосӣ ва калидӣ дар таърифи он категорияи «сиёсат» мебошад, ки на танҳо ҳамчун маҷмӯи дастурҳои назариявӣ ва фаъолияти амалӣ, ки ба аз худ кардан ва нигоҳ доштани қудрат нигаронида шудаанд, раванди ташаккули муносибатҳое, ки рушди устувор ва неъматҳои ҷомеаро таъмин менамоянд, баррасӣ мешавад» [64, с. 125-26]. Амалӣ гардонидани қарорҳо ва чорабиниҳои қабулнамуда аз ҷониби мақомот, ки дар ҷомеа пазируфта ва бо он мувофиқат карда шудаанд, ҳамчун

унсури муҳими дарки дурнамои ташаккули сиёсати давлатии иттилоотӣ шинохта мешавад. Мундариҷаи ин сиёсат бо маҷмуи тадбирҳои сохторҳои давлатӣ вобаста аст, ки ба ташкили фазои иттилоотӣ ва таъмин намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии иттилооти пурра, боэътимод ва объективӣ равона гардидаанд. Ин маънидод ба мо имкон медиҳад, ки сиёсати иттилоотиро ҳамчун муҳити фароҳамовардаи ҳамкории бисёрҷонибаи субъектҳои раванди иттилоотӣ ва танзими муносибатҳои эҳтиромомез байни онҳо дарк намоем.

Дар шароити мавҷудияти давлат, фаъолияти коммуникатсионӣ на танҳо бар асоси қарорҳои пасипардагии сиёсӣ, балки бо риояи қарорҳое, ки аз ҷониби субъектҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ қабул мешаванд, идома меёбад. Гарчанде ки ҳатто дар ҷомеаҳои пешрафта низ ихтилофоти байни гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ногузир аст, мавҷудияти манфиатҳои муштараки шаҳрвандӣ ҳамчун омил ва пояи устувори ташаккули сиёсати иттилоотии созанда ва мунтазам татбиқшаванда бо дарназардошти манфиатҳои мақомот ва ҷомеа арзёбӣ мегардад. Ин равиш ба таҳкими ҳамоҳангӣ ва устувории фазои иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷомеа ва рушди демократияи муосир хизмат мекунад.

Ба андешаи М.М. Ковалева, «сиёсати иттилоотӣ аз рӯи амали чаҳор субъект сохта мешавад. Ин ҳамчун сиёсати махсуси ҳокимияти давлатӣ (бо се шохаи асосии он - ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ), васоити ахбори омма, ки фаъолияти он ба фаъолияти намудҳои гуногуни фаъолияти иттилоотии оммавӣ - журналистика, PR, таблиғ ва ҷомеа асос ёфтааст, аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ва институтҳою ҳизбҳо» [64, с. 25]. Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун мафҳуми мураккаб ва бисёрҷанба бояд дар доираи таҳлили амиқ ва бо дарназардошти манфиатҳои гуногуни субъектҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ гардад. Дар ин раванд нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО) ҳамчун унсури калидӣ дар ташаккули фазои иттилоотӣ, ки бо меъёрҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мураттаб мешавад, аз аҳамияти ҷиддӣ бархӯрдор мебошад. Сиёсати иттилоотӣ бояд ҳамчун раванди мутақобилаи

мақсадноки сиёсӣ фаҳмида шуда, дар ҳамоҳангӣ бо принсипҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои амалии фаъолияти ВАО амалӣ гардад, ки ин барои рушди муколамаи сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи устувор мегузорад. Таҳкими чунин муносибатҳо имконият медиҳад, ки ҷомеа аз таҳдидҳои сиёсӣ, ичтимоӣ ва иттилоотии харобиовар эмин монад ва суботи сиёсӣ ва амният таъмин гардад.

Дар шароити муосири давлатҳои миллӣ сиёсати иттилоотӣ бештар хусусияти якҷонибаи таъсири ҳокимиятро ба ҷомеа барои пешбурди барномаҳои муайян касб намуда, ин раванд боиси маҳдудшавии ҳамкории фаъоли байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад. Ин вазъият, ки сабабҳои онро метавон дар хусусиятҳои таърихии рушд ва сохтори қудратии давлатҳо ҷустуҷӯ кард, боиси болоравии низоъҳои иҷтимоӣ ва пастшавии сатҳи шуури сиёсӣ дар байни аҳолӣ мегардад. Дар маҷмӯъ, ин омилҳо ба мушкилоти решавии системаи сиёсӣ табдил ёфта, зарурати таҳкими сиёсати иттилоотӣ ва рушди фарҳанги сиёсӣ ва шаҳрвандиро ҳамчун заминаи асосии таҳкими давлат ва суботи иҷтимоӣ тақозо менамоянд. Вазъияти давлатҳои миллии рӯ ба тараққӣ дар татбиқи сиёсати иттилоотии комил ва ба манфиати аҳолӣбуда чандон самарабахш нест.

«Метавон ишора намуд, ки ҳаёти инсон дар маҷмуъ рӯз то рӯз аз иттилоот вобаста мегардад ва рафтори барандагони ҷомеа хосияти тақлидии иттилоотӣ пайдо намудааст. Зарурати иттилоотонии аҳолӣ аз ҳамин ҷост, ки ишғоли итттилооти ғайри тамаддуниву бегона метавонад рафтор ва фазои мафкуравии барандагони ҷомеаро тағйир дода онҳоро дар хислат ва қолаби манқуртият омода намояд. Фазои иттилоотии глобалӣ беш аз пеш тақвият мегардад ва бешубҳа, сифати он дар оянда ба сатҳи талабот ба маҳсулот ва хидматҳои иттилоотӣ, инчунин мавҷудият ва хосиятҳои истеъмолии онҳо вобаста хоҳад буд. Аллакай имрӯзҳо телефони мобилӣ, компютерҳои фардӣ бо дастрасии интернет, телевизиони бисёрканали рақамӣ, системаҳои моҳвораии навигатсионии автомобилӣ ҳарчи бештар ба атрибутҳои

ҷудонашавандаи тарзи зиндагӣ ва нишондиҳандаҳои қобилиятҳои нави инсони муосир табдил меёбанд» [47, с. 7].

Ба ин маъно, сифати зиндагии аҳолӣ бештар аз қобилияти ҷомеа дар таъмини ӯ бо маҳсулот ва хидматҳои иттилоотии зарурӣ яъне «сифати иттилоот»-и худи ҷомеа вобастагии калон дорад.

«Барои давлатҳои рӯ ба инкишофи иттилоотонии аҳолӣ дар ҷои аввал бояд қарор гирад. Бо он далел, ки фазои иттилоотӣ – интернетӣ як навъ бозори меҳнатеро созмон додааст, ки вакансияҳои бемаҳдуди кориро барои одамон, новобаста аз ҳар гуна мансубиятҳо – миллӣ, наҷодӣ, ҷинсӣ, тамаддунӣ, сину солӣ ва ғ. пешниҳод мекунад. Масалан, сомонаҳои интернетии «YouTube», шабакаҳои иҷтимоии «TikTok», «Telegram», «Instagram» ва ғ. маъмултарини онҳоянд, ки одамон барои даромади сабуки маблағ ба онҳо номнавис шуда, аксу, наворҳо ва сабти мусиқиҳои мухталиф (новобаста аз дараҷаи мазмуннокии бо меъёрҳои ахлоқӣ онҳо) – ро пахш мекунанд, кушиш мекунанд то аудиторияи худро васеъ намуда, маблағи муайяни пулиеро ба даст биоранд. «Вобаста ба мазмуни ишорашудаи воридшавӣ ба сомонаҳои интернетӣ, аксаран наврасону ҷавонон рӯ меоваранд. Ё тавассути иштироки худро таъмин кардан дар ин сомонаҳо тиҷорати худро бо роҳи паҳн намудани намоишҳои таърифӣ ва тавсиявӣ тақвият додан мехоҳанд. Тиҷорати шабакавиро созмон медиҳанд» [89, с. 199].

«YouTube телевизиони муосир аст. На танҳо барои ҷавонон, балки барои калонсолон ва тамоми қишрҳои гуногуни ҷомеа. Модарон намоишҳои телевизионӣ ва филмҳоро тамошо мекунанд, калонсолмардҳо видеоҳои гуногуни таълимӣ, иттилоотӣ ва сиёсиро тамошо мекунанд. Донишҷӯён видеоро дар бораи компютерҳо, бозиҳои видеоӣ тамошо мекунанд, ҳаёти блогерҳои машҳурро пайгирӣ мекунанд. Хидматҳои таблиғоти молҳо, таблиғи мустақим дар интиқол, сабти видеоҳои фармоишӣ – барои ҳамаи ин ба созандагони каналҳои «YouTube» пул пардохт карда мешавад. Масалан, мувофиқи иттилои сомонаҳои «Techjury», «Growth Badger», «Rankiq»,

«Express Writers» ва дигар сомонаҳо 33% блогнависон дар блогнависӣ пул кор намекунанд ва танҳо 0,6% блогерҳо дар як сол 1 миллион доллари амрикоӣ даромад ба даст меоранд. 45% блогнависон аз ҳисоби фурӯши маҳсулот ё хидматҳои худ дар як сол беш аз 50 000 доллар ба даст меоранд, ки 73% блогнависон танҳо барои як аудиторияи мақсаднок мундариҷа интишор мекунанд. Блогнависоне, ки дар як сол зиёда аз 50 000 доллар кор мекунанд, мақолаҳое менависанд, ки тақрибан 2500 калима доранд. Блогнависони камдаромад мундариҷаро то 400-500 калима нашр мекунанд. Блогерҳо аз таблиғ, барномаҳои шарикӣ, баррасиҳои бренд ва фурӯши маҳсулот ва хидматҳои худ, аз ҷумла курсҳои онлайн бештар пул кор мекунанд, 25% блогнависон мегӯянд, ки блогҳои онҳо пули хуб ба даст меоранд. Танҳо 2 нафар аз 100 блогер дар як сол зиёда аз 150 000 доллар кор мекунанд. 22% блогнависон дар блогнависӣ даромад ба даст меоранд. 19% блогнависон аз барномаи шарикӣ даромад ба даст меоранд, дар ҳоле ки 17% блогнависон аз фурӯши маҳсулот ё хидматҳои худ даромад мебинанд» [89, с. 199; 90].

Дар ин шароити иттилоотонии аҳолӣ зарарути ҳатмӣ дорад. Асоси сиёсати иттилоотониро иттилоотонии аҳолӣ, татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ – «давлат дар шабака», робитаи давлат бо аҳолӣ ва махсусан ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар натиҷа ниҳоди намудани ин сиёсат ташкил медиҳад. Иттилоотонии аҳолӣ ба сифати зиндагии шаҳрвандон ва дар маҷмуъ аҳолӣ таъсир мерасонад. Категорияи сифати зиндагӣ дар шароити муосири рушди ҳар як давлат хеле муҳим аст. Ва дар вазъияти тағйироти доимӣ, ки ҳам аз мақомот ва ҳам аз тиҷорат ва аз худи шаҳрвандон бармеояд, дигаргуниҳои ҷиддиро низ аз сар мегузаронад. Ин ҳам ба раванди иттилоотонии ҷомеа вобаста аст. Таъсири иттилоотикунонӣ ба рушди ҷомеа бесобиқа аст, миқёси он чунон назаррас аст, ки қариб дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон тағйироти куллӣ ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, оқибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун тағйироти воқеӣ ва пешбинишуда дар ҷомеа фаҳмида мешаванд.

Дар раванди бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва иттилоотонии аҳолӣ муайян намудани ҷанбаҳои таъсири мусбат ва манфии он бениҳоят кори душвор аст зеро меъёрҳои возеҳе, ки имкон медиҳанд падидаи мушаххасро мусбат ё манфӣ тасниф кунанд, то ҳол муқаррар карда нашудаанд. Аз ин рӯ, дар ин бора фикру ақидаҳои на танҳо олимон, балки аксарияти шаҳрвандон, инчунин намояндагони бисёр гуруҳҳои иҷтимоӣ ҳам ихтилоф доранд.

Фаъолияти ҳаётии аҳолӣ бисёрҷанба буда, бо соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, оқибатҳои тағйироти он, ки дар натиҷаи иттилоотонии ҷомеа ба амал омадаанд, низ гуногунанд.

Аввалан, иттилоотонии ҷомеа сохтори ҷамъиятиро тағйир медиҳад. Ин дар як вақт дар афзудани шумораи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва кам шудани шумораи онҳо, инчунин дар тағйир ёфтани таносуби байни онҳо зоҳир мегардад.

Ғайр аз ин доираи одамоне, ки бо меҳнати эҷодиву фикрӣ машғуланд, торафт васеъ мешавад. Иттилоот омили масъалаи асосии меҳнат мегардад ва қисми муайяни одамон ба пешниҳоди хизматрасонии иттилоотӣ шуруъ мекунанд.

Технологияҳои иттилоотӣ ба омили муҳими рушди инсон ва ҷомеа табдил меёбанд. Аз ин рӯ, давлат ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои нав бояд дастрасии баробари ҳамаи шаҳрвандонро ба онҳо таъмин намояд, зеро на танҳо хоҳиш, балки қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳаёти онҳоро ба таври назаррас беҳтар мекунад. Маҳз дар ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот ба манбаи кушода ва дастрас барои ҳама табдил ёфта, сифати ҳаётро беҳтар мекунад.

Истифодаи васеи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ боиси соддагардонии ҷараёнҳои дастрасӣ ва таъмини хизматҳои фаврӣ ва муассир гардид, ки ин раванд имконият фароҳам меорад, то шаҳрвандон дар ҳар замон ва шароит ба хадамоти сиёсӣ-идоракунӣ ва хизматрасонии давлатӣ дастрасии осон дошта бошанд. Ғайр аз ин, татбиқи

технологияҳои иттилоотӣ ба гурӯҳҳои осебпазир, ба мисли маъюбон ва нафақахӯрон, инчунин онҳое, ки имкони кор дар муҳити беруна надоранд, имконияти идомаи фаъолонаи фаъолияти меҳнатиро фароҳам меорад, ки ин на танҳо маҳдудиятҳои вобаста ба синну сол ва қобилияти кориро кам намуда, балки барои онҳо ҷойҳои нави кориро низ таъсис медиҳад.

Бо афзоиши ҳаҷми дониш ва иттилоот ва гузаштан ба системаи меҳнати ақлонӣ, талабот ба бозомӯзӣ ва такмили малакаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва инчунин омодагӣ ба тағйироти сохтории бозори меҳнат васеъ мегардад. Дар ҳамин ҳол, талабот ба сифати касб ва қобилияти иҷрои вазифаҳои мураккабтар боиси афзоиши сарбории психофизиологӣ ва стрессҳои касбӣ мегардад. Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми кор ва миқдори иттилооти коркардшуда, музди меҳнати кормандони соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ аксар вақт сатҳи пасттар ё баробар ба музди меҳнати коргарони соҳаи истеҳсолӣ мебошад.

Ин равандҳо на танҳо дар ҳаёти касбӣ, балки дар ҳаёти шахсӣ низ сатҳи назорати иҷтимоиро баланд мебардоранд, ки ин метавонад ба таъсири манфӣ ба равонии ҷомеа ва афзоиши ҳолатҳои техностресс оварда расонад. Ба ин хотир, афзоиши эҳтиёҷоти ҷомеа ба ҳифзи махфияти шахсӣ аз даxолати иттилоотии беруна бештар эҳсос мешавад.

Раванди иттилоотонии аҳолӣ, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим ва мураккаби сиёсати давлатии иттилоотӣ ба шумор меравад, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд меорад. Ин равандҳо ба фаъолияти шахс, шаклҳои муоширати иҷтимоӣ, фаъолияти меҳнатӣ, ҳамкорӣ бо мақомот ва бахши тиҷорат таъсири муассир расонида, технологияи иттилоотиро ҳамчун ҷузъи ғайриҷудонашавандаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба нақша мегиранд.

Дар ин замина, консепсияи ҳамагонӣ ва комплексии сиёсати иттилоотии давлатӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои муташаккил ва ҳамоҳангшудаи ҳукумат, ҷомеа ва васоити ахбори омма дар фазои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҷиҳати таъсири ҳадафманд ва самаранок ба ҳисоб меравад.

Давлат ин равандро ҳамчун унсури муҳими шароити техникии иттилоотӣ эътироф намуда, рушди он ва мустаҳкам кардани пояҳои институтсионалии он дар санадҳои расмӣ ҳамчун ҳадафи стратегии афзалиятнок ба тасвиб мерасонад.

Яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати иттилоотониро дар бахши иттилоотонии аҳолӣ таъмини дастрасӣ ба воситаҳои иттилоотонӣ ва коммуникатсионӣ, иртиботонӣ ва муоширатӣ ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, дар баъзе давлатҳо мушкили муколама бо мақомот яке аз мушкилтарин масъалаҳои ҳалталаби идоракунии давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ ба назар мерасад.

Дар ҳамин ҳол, ба ҷои ин гуна иртибот ҳамкории нобаробари иттилоотӣ миёни мақомот, ҷомеа ва ВАО ба миён меояд. Дар натиҷа фазои иттилоотӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он манфиатҳои баъзе субъектҳо пурқувват гардида, баъзеи дигар заиф ва ҳатто нодида гирифта мешаванд. Имрӯз ҳукумат ба ВАО фаъолона таъсир расонида, рӯзноманигоронро бо шаклҳои гуногун водор мекунад, ки тасвири ҷаҳонро барои хидмат ба манфиати сохторҳои давлатӣ ва монополияҳои бузурги тиҷоратӣ созанд. Воситаҳои ахбори омма, дар навбати худ, ба плюрализми афкор ва эҳтиром ба манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ чандон аҳамият надода, бо роҳҳои гуногун ба таври айнан ақидаҳои муайянро ба сари ҷамъият бор мекунанд. Ҷомеа ин гуна маълумотро ҷамъ карда, онро пахш мекунад ва мавзуи баҳси аслии онро таҳриф мекунад. Ҳамин тариқ, баъзе субъектҳои сиёсати иттилоотӣ ҳатман зери таъсири манипулятсияи субъектҳои дигар қарор мегиранд.

Б.Н. Лозовский баъзе усулҳои асосии чунин таъсирро, ки мақомот дар раванди ҳамкории ҳамарӯза бо ВАО истифода мебаранд, қайд мекунад. Инҳо иборатанд аз: 1) миллӣ кунонидану худидоракунӣ гардонидани воситахои ахбори омма, ки ба ҳайати муассисони ВАО дохил намудани мақомоти давлатӣ, инчунин гирифтани кӯмакҳои давлатиро ба ҳайати таҳририя дар назар дорад; 2) филтр кардани нашрияҳое, ки ба талаботу манфиатҳои субъектони беруна ва таҳдидовари фазои иттилоотии миллӣ кор мекунанд ва

боиси нобаробар пахши иттилооти расмӣ ба нашрияҳои гуногун мегарданд; 3) таъсиси ҳавзҳои журналистӣ, ки ба мо имкон медиҳад умедвор бошем, то иттилооти аз ҷониби мақомот пешниҳодшуда ба таври самаранок ва бетағйир ба аҳолӣ пешниҳод ва тафсир карда шавад; 4) кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо рекламадиҳандагон, ки дар тавсияҳо, баъзан ултиматумҳо баён шудааст, ки маблағи буҷети таблиғотро барои расонаҳои хавфовар харҷ накунад; 5) истифодаи усулҳои маъмурию фискалии таъсиррасонӣ, ки дар сурати итоат накардани воситаҳои ахбори омма ба дастурҳои боло, тафтиши ғайринавбатии нашрияҳо аз ҷониби нозироти андоз, тафтиши зидди сӯхтор ва ғайра мегардад. Сиёсати иттилоотонӣ метавонад хариди дороиҳои васоити ахбори омма, хариди рӯзноманигорон (трансҳои мустақими нақдӣ барои иҷрои фармоиши муайяни иттилоотӣ, ки ифодаи манфиатҳои миллист), даъвати рузноманигороне, ки аксаран бар зидди манфиатҳои миллӣ ва ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ иттилоот пахш мекунанд, барои кор дар сохторҳои таҳти назорати ҳукумат илова кардан мумкин аст.

Дар чаҳорчӯби сиёсати иттилоотонии аҳолӣ асосноксозӣ ва татбиқи ҳадафҳои сиёсии давлат, ки бо идеяи муттаҳидсозии манфиатҳои ҳукумат ва ҷомеа муайян шудааст, муҳимтар ба назар мерасад. Ноил шудан ба ин ҳадаф, тавре дар боло қайд гардид, шарти ҳатмии таҳкими сиёсати иттилоотонии давлат, иттилоотонии аҳолӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

Ҳадафи ниҳоии сиёсати давлатии иттилоотикунонии аҳолӣ аз он иборат аст, ки дар давлатҳои миллии муосир системаи умумимиллии автоматикунонидашудаи иттилоотӣ таъсис дода шавад, ки тавассути он маърифати сиёсӣ ва гуногунсоҳавии шаҳрвандон пурратар таъмин карда, самаранокии идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иҷроиши қонун ва татбиқи он баланд бардошта шавад ва бо ҳамин пайватагии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ, умуман ҷомеа пурзур карда шавад. Он барои фарогирии тамоми давлат, тамоми соҳаҳо ва баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Тавре ки маълумотҳо нишон медиҳанд, дар баъзе соҳаҳои фаъолияти

ҷамъиятӣ – иҷтимоии аҳолӣ иттилоотонӣ имкон медиҳад, ки маҳсулнокии фаъолияти шаҳрвандон, мақомотҳои идоракунии ҳокимияти давлатӣ якчанд маротиба зиёд карда шавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, раванди интихобот ва ҳамкории онҳо бо системаҳои васоити ахбори омма танзими возеҳро аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти сиёсиро талаб мекунад.

Раванди тараққиёти рушди техника ва телокоммуникатсия мураккаб ва тулонӣ буд. Бо мурури замон пешравиҳои инсон дар соҳаҳои гуногуни илм имкон дод, ки шароитҳои техникие, ки ба пайдоиши компютеризатсия мусоидат мекунанд, ташаккул ёбад. Илова ба шартҳои техникӣ барои компютеркунонӣ заминаҳои иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Онҳо дар эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷомеа ба хадамоти иттилоотӣ қарор доранд. Рушди босуръати бахши хидматрасонии иттилоотӣ, махсусан дар давраи гузариш аз ҷомеаи индустриалӣ ба ҷомеаи постиндустриалӣ ё иттилоотӣ боиси ҷаҳиши инқилобии сифатӣ ва миқдорӣ дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ гардид. Ин марҳалаҳои асосии рушди технологияро муайян мекунад, ки дар ҳар кадоми онҳо робитаи инсон ва техника ба самти баланд бардоштани озодии инсон аз пешрафти технологӣ инкишоф ёфта, дар марҳилаи иттилоотонӣ ба авҷи худ мерасад.

Дар робита ба таъсири афзояндаи иттилоотикунонӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамон ва умуман ҷомеа, бисёр олимон, файласуфон ва сиёсатмадорон зарурат ва аҳамияти тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро дар ин самт дарк кардаанд.

Раванди иттилоотикунонии ҷомеа яке аз омилҳои таъсиргузор ба тамоюлҳои асосии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Дар шароити тамаддуни муосир равандҳои мураккаб ва зиддиятнок, ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ба амал меоянд, тағйироти институтҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва робитаҳои байни онҳоро муайян мекунанд. Мураккабшавии рузафзуни ҳаёти сиёсии ҷомеа бо тезондани суръати ташаккули соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ, тағйир ёфтани сохти иҷтимоию касбии ҷамъият, муносибатҳои

байни онҳо ва зарурати кор карда баромадани сиёсати оқилона ва инсонпарварона, ки ба манфиатҳои миллӣ ва ҷамъият мувофиқ бошад, ба миён меояд.

Равандҳои иҷтимоию техникие, ки дар фаъолияти инсон ба амал меоянд, табиатан пайдоиши раванди иттилоотонии аҳолиро муайян кардаанд. Рушди техникӣ дар асоси қонуниятҳои таърихии тараққиёти худ сохти иҷтимоии ҷамъиятро тағйир дод. Алоқаи ногусастании прогресси иҷтимоию техникӣ дар фаъолияти имрӯзаи инсон, инчунин конфронтатсияи доимии дохилии онҳо дар пайдоиши иттилоотонӣ ифода меёбад. Моҳияти иттилоотикунонии ҷомеа дар истифодаи технологияи иттилоотӣ ва технологияи иттилоотӣ ҳамчун роҳи оқилонаи ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, аз ҷумла сиёсӣ мебошад.

Мушкилии ҳаёти сиёсии ҷомеа бо тезондани суръати ҳаёти ҷамъиятӣ, мураккаб шудани сохти иҷтимоӣ ва касбии ҷомеа, муносибатҳои байни онҳо ва зарурати кор карда баромадани сиёсати оқилона ва инсонпарварона, ки ба манфиатҳои ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мувофиқ аст, ба миён меояд. Аз ин рӯ, хусусияти бевоситаи сиёсати иттилоотии давлат

ба маҷмуи тадбирҳое равона мешавад, ки ба таъмини истифодаи пурраи донишҳои боэътимод, ҳаматарафа ва сари вақт дар ҳамаи намудҳои фаъолияти инсон нигаронида шудаанд. Иттилоотонии аҳолӣ ва махсусан ҳаёти сиёсии ҷомеа ба зуд азхудкунии иттилоот барои қонеъ гардонидани талаботи худ нигаронида шудааст. Фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ташкилотҳо ҳоло бештар аз огоҳӣ ва қобилияти истифодаи самараноки иттилооти мавҷуда вобастагӣ дорад.

# БОБИ 2. СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ВА ВОҚЕИЯТИ ОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

## 2.1. Сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа

Барои ҳар давлати муосири ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амният ва суботи сиёсӣ, инкишофи мутаносиби муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини рушди устувор ва бемамонияти ҳаёти ҷамъиятӣ яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд таъмин намудани амнияти иттилооти суботи сиёсии ҷомеа, ташаккул ёфтанӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини рушди босубот, сиёсати иттилоотии самаранок ва иттилоотонии муваффақи аҳолӣ аҳамияти калон дорад.

Оғози асри XXl бо марҳилаи нави рушд ва таҳаввули ҷомеаҳои инсонӣ ҳамзамон аст, ки дар он ташаккули ноосфера ҳамчун фазои тафаккурӣ ва идеосфера ҳамчун фазои ғоявӣ ва идеологӣ, бо таъсири қавии фазои иттилоотӣ ҳамроҳ мегардад. Инкишофи равандҳои муназзам ва пайвастаи алоқа ва муошират иттилоотӣ фазои ягонаи иттилоотиро ба вуҷуд овардааст, ки ба шаклгирии гибридии тамаддун ва фарҳанг оварда мерасонад. Ин равандҳо дар шакли нави сохти иҷтимоӣ ва маънавӣ, ки бо дигаргуниҳои назариявӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқаманд аст, ҷомеаҳоро дар заминаи ҳамбастагӣ мустаҳкам намуда, ҳамзамон бо мушкилоти нав, аз ҷумла шикастани арзишҳои анъанавӣ ва таҳдид ба идомаи арзишҳои миллӣ рӯбарӯ мегарданд.

Назорат ва идора кардани фазои иттилоотӣ аз ҷониби қудратҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳонӣ, инчунин нерӯҳои пешбари арзишҳои ягонаи башарӣ, як тамоюли нобаробар ва беадолатро нисбат ба иштирок ва тақвияти арзишҳои сиёсӣ ва идеологии ҷомеаҳои гуногун ба вуҷуд овардааст. Дар муҳити илмию академӣ ва амалӣ масъалаҳои назорат ва идоракунии фазои иттилоотӣ дар заминаи ҳифзи амнияти миллӣ, захираҳои зеҳнӣ ва мафкураҳои миллӣ мавриди муҳокима ва таҳқиқ қарор мегиранд. Зарурати

мутобиқшавӣ ва универсализатсияи муносибатҳо дар фазои иттилоотӣ ҳамчун шарти пешрафти устувори ҷомеаҳо эътироф мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба рушди босуръати фазои иттилоотӣ ва гузариш ба шакли нави ҷомеаи иттилоотӣ, таъмини амният ва амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидӣ ва стратегӣ дар амнияти миллӣ ҷой гирифта, талаботи сиёсати давлатӣ дар самти идора ва ҳифзи фазои иттилоотиро бештару бештар тақвият медиҳад. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати иттилоотӣ бояд бо назардошти таҳдидҳои муосир ва дурнамои ҷаҳонии инкишофӣ таҳия ва татбиқ гардад.

Дар асоси ба назар гирифтани тағйирот ва пешрафтҳои фаннӣ, прогресси технологӣ ва телекоммуникатсионии солҳои охир масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар нисбати дигар бахшҳои амнияти милливу давлатӣ дар мақоми аввал қарор гирифтааст. Чунин баҳодиҳи ба аҳамият ва арзишмандии ин бахши амнияти миллӣ дар ҳошияи таъмини амнияти миллии давлат бо асоснок карда мешавад, ки иттилоот ва фазои иттилоотӣ ба рушд ва ташаккули муносибатҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии давлат таъсири бевосита мерасонад.

Воситаҳои иттилоотӣ ва имкони дастрасии доираи васеи одамон ба иттилоот имкони хубтару беҳтар ташаккул ёфтани сатҳи амалишавии муносибатҳо, ҳам дар ҳолати институтсионалӣ ва ҳам дар қолабҳои барномавӣ мегардад. Аксаран дар амалӣ шудани муносибатҳои сиёсии байни субъектони сиёсат дар шароити афзалият пайдо кардани иттилоот онро барои таъсири манфӣ расонидан ва амалӣ сохтани мақсадҳои сиёсию идеологӣ, номутаносиб гардонидани вазъи сиёсиву иҷтимоии давлатҳо истифода менамоянд. Ҳолати мазкур мумкин, ки барои Тоҷикистон низ нисбат дода шавад. Дар шароити шакл гирифтани чунин ҳолат иттилоотонии аҳолӣ баҳри тақвияти раванди идораи фазои иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба таври дуруст ба роҳ мондани истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва монанди инҳоро талаб менамояд.

Вобастагии раванди иттилоотонии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ аз фаъолияти мунтазами механизмҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бештар ба назар мерасад. Рушди нокифоя ва ихтиёрдории носаҳеҳи ва ғайримақсадонаи воситаҳои иттилоотӣ осебпазирии раванди иттилоотонии ҷомеаи тоҷикистониро хеле зиёд мегардонад. Вақтҳои охир омилҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти сиёсии давлатҳо аз ҷумла давлати Тоҷикистон низ бевосита таъсиррасонӣ намуда, бори дигар вобастагии ҳимояи манфиатҳои миллӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳое ба монанди манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, сулҳу осоиштагӣ ва инкишофи фазои ғоявию идеологӣ аз амнияти иттилоотиро бештар нишон медиҳад.

Категорияи амнияти иттилоотӣ ва аҳамияти онро дар соҳаи методологияи илм ва рушди технология донишманд А.Д. Урсул мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст. А.Д. Урсул «амнияти иттилоотиро чунин шарҳ медиҳад: «ҳолати ҳифзи соҳаҳои асосии фаъолияти ҳаёт нисбат ба таъсиррасонии иттилооти хавфнок». Дар таҳқиқоти муҳаққиқ Г.Г. Феоктистов дар нисбати баррасии категорияи амнияти иттилоотӣ чунин ишора шудааст: «Ба даст овардани иттилооти кофӣ оид ба амалиёти эҳтимолии рақибони худ ва ихроҷи иттилооти камтарин дар бораи нақшаҳои худ» [122]. Вобаста ба назарияи Г.Г. Феоктистов метавон тафсир кард, ки ҳимояи иттилооти муҳимми сирри давлатӣ дошта, ки ҳангоми ихроҷ метавонад ба амнияти миллӣ осеб расонад, масъулаияти аввалиндараҷаи давлатҳои муосир бошад. Барои Тоҷикистон низ чунин аломат ва хосият хос аст [122, с. 211-212].

«Адабиёти бештаре амнияти иттилоотиро ба таври ғайримуосирӣ ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ муаррифӣ менамоянд» [49, с. 64,] ки ҳимояи ин манфиатҳо омили асосии таъминкунандагии рушд ва инкишофи давлат, ҷомеа ва шахс ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аз назари Т.В. Владимирова фазои иттилоотӣ ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа унсурҳои

муҳимтарини амнияти иттилоотӣ дониста мешаванд. Т.В. Владимирова «амнияти иттилоотиро таъмини амнияти зарфиатҳо ва асосҳои иҷтимоии фазои иттилоотӣ медонад. Ӯ шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, афзоиши ҳаҷми иттилооти интиқолёбанда ва кӯҳнашавии босуръати иттилоотро омили асосии зери таҳдиду хатарҳои мухталиф қарор гирфитани амнияти иттилоотии давлат медонад» [87, с. 94].

Ю.А. Белевская ва А.П. Фисун дар бахши таъмини амнияти иттилоотӣ ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангиро дар мадди аввал қарор медиҳанд. Итттилоотонии аҳолӣ воситаи асосии таъмини амнияти иттилоотӣ дар бахши иҷтимоию фарҳангист. Аз назари донишмандон қонеъ намудани талабот ва манфиатҳои иттилоотии давлат, ҷомеа, шаҳрвандон ва шахсони алоҳида ба сифати объекти амнияти иттилоотӣ муаррифӣ гардидаанд. Донишмандон Ю.А. Белевская ва А.П. Фисун, амнияти иттилоотӣ «ҳолати ҳимоятшавандагии муҳити иттилоотии ҷомеа мебошад, ки ба воситаи он ташаккулёбӣ, фаъолияти мунтазам ва рушди ниҳодҳои давлатӣ новобаста аз мавҷудияти таҳдидҳои дохилию беруна таъмин карда мешавад» [91, с. 95-103]. Олим ва донишманди рус И.Н. Панарин андеша дорад, ки амнияти иттилоотӣ: «ҳолати ҳимоятшавандагии муҳити иттилоотии ҷомеа ва элитаи сиёсӣ мебошад, ки ба манфиати шаҳрвандон, элитаи сиёсӣ ва давлат нигаронида шуда, рушду инкишофи онҳоро таъмин месозад» [109, с. 60-65].

Амнияти иттилоотӣ дар раванди иттилоотонии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми муосири амнияти миллӣ ва ҷомеа таҳти назари илмӣ ва систематикӣ баррасӣ мешавад. Дар ин замина, омӯзиши сатҳи ҳифзи амнияти иттилоотӣ барои давлат ва институтҳои марбут ба таъмини иттилоотӣ аҳамияти калидӣ дорад. Таҳлилҳои донишманди соҳибназар Д.Ю. Шветс нишон медиҳанд, ки амнияти иттилоотӣ бояд дар ду сатҳ -сатҳи поёнӣ ва сатҳи болоӣ тафсир ва таҳлил гардад. Сатҳи поёнӣ, ки асоси ҳуқуқии амнияти иттилоотиро ташкил медиҳад, дарбаргирандаи баробарҳуқуқии субъектҳои гуногуни иттилоотӣ, аз ҷумла шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатӣ мебошад. Дар ин сатҳ равандҳои иттилоотӣ

бо механизми муассири назоратӣ танзим шуда, ба таъмини шаффофият, эътимоднокӣ ва устувории фазои иттилоотии ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ хизмат мерасонанд. Аз ин рӯ, таҳкими амнияти иттилоотӣ дар сатҳи поёнӣ ҳамчун як омили фундаменталӣ барои таҳкими асосҳои демократӣ, рушди устувори иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад. «Дар сатҳи дуюм - болоии ҷомеа бошад, амнияти иттилоотӣ маҷмӯи чорабиниҳое бояд дониста шавад, ки шахс, ҷомеа ва давлатро аз манипулятсияи иттилоотӣ ҳимоя менамояд» [140, с. 45]. Ва иттилоотонии аҳолӣ воситаи асосии ва низоми чорабиниҳоест, ки дар ҳар ду сатҳ метавонад омили асосии таъмини амнияти иттилоотӣ гардад.

«Муайян намудани сатҳи зоҳиршавии амнияти иттилоотӣ низ масъалаи хеле муҳим аст. Дар асоси ин, асосан се сатҳи зоҳиршавии амнияти иттилоотиро вобаста ба объектҳои амнияти иттилоотӣ нишон додан мумкин аст: амнияти иттилоотии давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида» [67, с. 18]. Раванди татбиқи сиёсати иттилоотонӣ низ бояд барои давлати Тоҷикистон дар ин се сатҳ сурат гирад. Ғайр аз ин сиёсати иттилоотонӣ дар сатҳи байнидавлатӣ, милли, равандҳои сиёсии дохилӣ, ва фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлативу ҷамъиятӣ татбиқ мегардад. Аз ин ҷиҳат, «амнияти иттилоотӣ низ дар сатҳи муносибатҳои байнидавлатӣ, умумимиллӣ, равандҳои сиёсии дохилӣ ва фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлативу ҷамъиятӣ ифода меёбад» [136, с. 16]. «Бо назардошти хусусиятҳои татбиқи сиёсати иттилоотонӣ таъмини амнияти иттилоотиро дар самтҳои гуногуни фаъолияти сиёсӣ таҳлилу баррасӣ намудан мумкин аст. Метавонем ба таври мисол, таъмини амнияти иттилоотиро дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муносибатҳои сиёсии субъектони сиёсати фаъоли ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ, равандҳои интихоботӣ, муборизаҳои сиёсӣ, дар маҷмӯъ дар сиёсати дохилию хориҷии давлат ба амал баровардан мумкин аст» [131].

Дар аксар адабиёти ватанӣ амнияти иттилоотиро ҳимояи манфиатҳои давлат дар соҳаи иттилоот, рушди уствори фазои иттилоотӣ, ҳамоҳангии инфрасохтори низоми иттилоотии Тоҷикистон, фароҳам ва кафолатҳои

омодакунии шароит дарои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон дар соҳаи иттилоот, ҳифзи манбаъҳои соҳаи иттилооти давлатӣ ва пойгоҳҳои иттилоотии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таҳдиду хатарҳои иттилооию кибернетикӣ, таъмини амнияти кибернетикӣ таъриф додаанд. Пайваст бо ин баҳодиҳи муҳаққиқи ватанӣ П.А. Маҳмадов ишора мекунад, ки «дар низоми амнияти миллӣ амнияти иттилоотӣ яке аз шаклҳои афзалиятноки он ба шумор рафта, ба сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат таъсири амиқ мерасонад» [68, с. 52 ]. Н. Асламзода ҳимоянашавандагии фазои иттилоотиро таҳдид ва низоми бехатарӣ ва истиқлолияти давлат, аз ҷумла давлати Тоҷикистон медонад [89, с. 197]. «Прогресс ва инкишофи фанниву техникӣ аксаран эъҷодкунандаи хатар ба ҳисоб меравcovering. Аз тарафи дигар бошад, халалдор шудани ноосфера бо таъсиррасонии иттилоотӣ барои бехатарӣ ва истиқлолияти ҷомеаҳои миллӣ хатари аввалинидараҷаро эҷод мекунад. Иштироки одамон дар майдони иттилоотӣ мушкилоти мансубияти сиёсӣ, миллӣ ва тамаддунии онҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз даст додани айнияти сиёсӣ, милливу тамаддунӣ аз ҷониби қишри осебпазир ва ҷавони ҷомеаҳои миллӣ барои давлатҳои миллӣ, мушкилоти нигоҳ доштан ва пойбарҷо мондани истиқлолияти сиёсии онҳоро рӯзмарра мегардонад». Аз ин ҷо бармеояд, ки халалдор гардидани фазои мафкуравӣ – ноосфера тавассути таъсиррасонии иттилоотиро хатари аввалинидараҷа ба низоми бехатарӣ ва истиқлолияти ҷомеаҳои миллӣ медонад.

Дар ин шароит тақвияти қобилияти ҳокимияти давлатӣ дар раванди иттилоотонии аҳолӣ муҳим ва авалиндараҷа арзёбӣ мегардад. Дараҷаи иттилоотонии аҳолӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва мавҷудияти иттилооти боэътимод дар бораи ҳолати соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан, дар мавриди рушди равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, иттилоот дар бораи рушди ояндаи Тоҷикистон аз қобилияти мақомоти давлатӣ ва тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста мебошад. Ҳолати мазкурро ба назар гирифта, ишора намудан мумкин аст, ки таъмини амнияти иттилоотӣ нисбат ба дигар

бахшҳои таъмини амнияти миллӣ, афзалияти бештареро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккули фазои глобалии иттилоотӣ барои Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ, пайдо менамояд. «Дар ҷомеаи иттилоотӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ давра ба давра ба фазои иттилоотӣ, гузаронида мешаванд, равандҳои иттилоотӣ тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ - муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Дар баробари чунин пешрафт ва дигаргунӣ, инчунин, хавфу хатари ба амал омадани ҷиноятҳои иттилоотӣ, аз қабили киберҷиноятҳо ва афзоиши таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ, ба монанди кибертерроризм, киберэкстремизм, ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ғ. зиёд мешаванд» [148, с. 71].

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва стратегӣ барои ҳар як давлати соҳибистиқлол таъмини амнияти миллӣ ва тақвияти истиқлолият дар шароити мураккаб ва пурпечутоби глобализатсия ва иттилоотонӣ фазои ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Музаффарият ва устувории истиқлолияти сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат бевосита аз дараҷаи фаъолияти муассир ва ҳамоҳангшудаи сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дошта, дар мутобиқшавӣ бо таҳдидҳои муосири иттилоотӣ ва технологӣ қарор мегирад. Дар ин замина, татбиқи низоми мукаммали таъмини амнияти иттилоотӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ-иқтисодӣ талаботи ҷиддии даврони муосир мебошад, ки бо таъсири босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бештар мураккаб гардида, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушду пешрафти устувори ҷомеа заминаи боэътимод фароҳам меорад. Ҳамкории ҳамаҷонибаи мақомоти давлатӣ, субъектҳои иҷтимоӣ ва созмонҳои касбӣ барои бартарафсозии таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ ва иҷтимоӣ, инчунин рушди сохторҳои пешқадами ҳифзи амният ва истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ ва назорат дар фазои иттилоотӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти миллии кишварҳо наметавонад маҳз тавассути тадбирҳои анъанавӣ сурат гирад, балки ба таҳкими иқтидори рақамӣ, инноватсионӣ ва стратегияи

устувори сиёсӣ асос ёфта, ҳамзамон қобилияти мутобиқшавӣ бо таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва рақобат дар фазои иттилоотиро фароҳам меорад. Бо ин роҳ, давлатҳо метавонанд истиқлолият ва амнияти миллии худро ҳифз намуда, дар шароити ҷаҳони муосир мавқеи сазовори хешро нигоҳ доранд. «Меъёрҳои андозанамоии самаранокии ҳукуматҳои миллӣ ва давлатҳо аллакай тағйир ёфтааст. Онро ба қобилияти тавоноии давлат дар нисбати таъмини бехатарӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои истиқлоли миллӣ дар замони прогресси иттилоотӣ ва хатарнок будани ҷаҳони глобалӣ, метавон чен кард» [89, с. 198].

Бахши муҳим ва зарурии таъмини амнияти иттилоотиро таъмини амнияти кибернетикӣ ташкил медиҳад, ки барои давлати Тоҷикистон таъмини он аҳамияти аввалиндараҷаи худро дорад. «Фаҳмиши «фазои иттилоотӣ» аз «киберфазо» васеъ буда, он ифодаи фазои иттилоотиро ҳам дар фазои воқеӣ ва ҳам дар фазои маҷозӣ- интернетӣ ва киберӣ дар бар мегирад. Фазои иттилоотӣ («инфосфера») (информатсия+сфера) як категорияи фалсафӣ буда, соҳаи иттилоотии ҷомеаи инсониро ифода мекунад, аналоги мафҳуми биосфера, инфосфера дар худ фазои иттилоотӣ, маълумотҳо, дониш ва фазои коммуникатсионӣ – иртибототиро дар бар мегирад» [145].

«Фазои иттилоотӣ фазои киберӣ ё киберфазоро низ фаро мегирад. Киберфазо консепсияест, ки технологияи густурдаи ба ҳам алоқаманди рақамиро тавсиф мекунад. Истифодаи он ба таври васеъ аз даҳсолаи аввали паҳншавии интернет сарчашма мегирад. Он ба ҷаҳони онлайн ҳамчун «ҷаҳони дигар» ишора мекунад, ки аз воқеияти ҳаррӯза фарқ дорад. Дар киберфазо одамон метавонанд дар паси шахсиятҳои «қалбакӣ» пинҳон шаванд».

«Ташаккули консепсияи «Ҳукумати электронӣ» ва «идоракунии электронӣ», маҳфуз нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои марбут ба раванди идоракунии давлатӣ, мудофиа, бехатарӣ, фаъолияти стратегӣ-барномавии давлатҳо, ҳуҷҷатҳо атрофи масъалаҳои бехатарӣ ва ихтиёрдории захираҳои ҳокимият

дар шакли электронӣ дар барномаҳои системавию шабакавӣ ва компютерӣ ҳолатҳои ба амал омадани таҳдид ва хатарҳои гибридӣ ва кибернетикии бештар мегардонад» [89, с. 205]. «Мувофиқи иттилои «Лабораторияи Косперский» ҳамасола аз 10/9 ҳиссаи шабакаҳои рақамии копютерие, ки ба сомонаи интернетӣ пайвастанд, ба ҳуҷумҳои хакерӣ ва вирусие, ки аз ҷониби нуқтаҳои муайян идора мешаванд ва яке аз шаклҳои таҳдид ва хатарҳои киберӣ мебошанд, дучор мегарданд» [44, с. 3].

Н. Асламзода дар таҳқиқотҳои худ объект, субъект ва воситаҳои таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва кибернетикиро ба амнияти иттилоотӣ, амнияти миллӣ ва истиқлолияти давлатҳо ба таври мушаххас баён намудааст.

Ишора намудан зарур аст, ки амнияти иттилоотӣ бевосита ба таъмини амнияти иҷтимоию сиёсӣ робитаи бевосита дорад. Ин имкон медиҳад, ки мутаносибан муносибатҳои сиёсӣ, ва иҷтимоӣ, рушди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, сатҳи маълумотнокӣ, илм, маориф, донисташавандагии воситаҳои иттилоотӣ ва аҳамияти онҳо барои инкишофи ҷомеа ва шахсият аз ҷониби аҳолӣ дараҷаи ҳимояшавандагии амнияти иттилоотиро муайян кунад. Дар баробари ин, мутаносибан муносибатҳои сиёсӣ, ва иҷтимоӣ, рушди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, сатҳи маълумотнокӣ, илм, маориф, донисташавандагии воситаҳои иттилоотӣ ва аҳамияти онҳо барои инкишофи ҷомеа ва шахсият аз ҷониби аҳолӣ аз самаранокӣ ва саривақтӣ амалӣ гардидани чорабиниҳо баҳри татбиқи сиёсати иттилоотонии давлати Тоҷикистон вобаста аст.

Сатҳи амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ нишондиҳандаи бевоситаи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад ва дараҷаи амалишавии сиёсати иттилоотонии давлат дар нисбати аҳолӣ мебошад.

«Аз нигоҳи имкониятҳои дохилӣ амнияти сиёсӣ маънои устувории низоми иҷтимоию сиёсии ҷомеа, манфиатҳои асосии ҳама гуруҳҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои муқаррарии инсон, набудани низоъҳои иҷтимоию сиёсиро дорад» [74, с. 46]. Иттилоотонии аҳолӣ барои давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон

метавонад воситаи таъмини амнияти сиёсӣ ва таҳкими асосҳои суботи кишвар ба ҳисоб равад.

«Иттилоот ва силоҳи иттилоотӣ афзалиятҳои худро дар муносибат бо силоҳҳои анъанавӣ нишон медиҳад». Ин аст, ки аз нимаи дуюми асри XX технологияҳои ташкил намудани ҷангҳои иттилоотӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ фаъолтар ва бомуваффақият истифода мешаванд. Ин ба рушди ТИК ва имкониятҳои нави он вобаста аст. «Дар ибтидои асри XXI бошад ҷангҳои иттилоотӣ унсури марказии ҳар як низоъ ва бархӯрдро ташкил менамоянд» [139].

Сиёсати иттилоотонии аҳолӣ барои Тоҷикистон баҳри таъмини амнияти иттилоотӣ, ихтиёрдории захираҳои зеҳнӣ муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти ҳадафмандона оид ба идора ва назорати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, ҳамзамон нақши ихтиёрдорони воситаҳои моҳворaӣ барои паҳнкунии иттилоот дар назди давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷомеаҳо ва ҳатто субъектҳои инфиродӣ, на танҳо мушкилоти мураккабу ҳассосро ба вуҷуд меорад, балки онҳоро дар истифода ва таҳкими захираҳои зеҳнӣ ва имкониятҳои техникӣ вазифадор месозад. Дар шароити муосир, муттахассисгардонӣ ва ҳамоҳангсозии фазои иттилоотӣ ба татбиқи саривақтии сиёсати иттилоотӣ ва таъмини иҷрои масъулиятҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ниёз дорад. Таҳияи доктринаҳои идеологӣ ва маънавии рушди устувори давлатҳо, миллатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ ҳамчун яке аз талаботи муҳимтарини сиёсати миллӣ ва байналмилалӣ боқӣ мемонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мақоми стратегӣ ва имкониятҳои геополитикии худ, дар самти таҳкими фазои иттилоотӣ ва такмили технологияҳои муосири иртибототӣ ва иттилоотӣ иқдомоти мушаххас ва мақсадмандро амалӣ менамояд. Дар ин раванд, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва воруди Тоҷикистон ба «асри суръат» ҳамчун марҳалаи нави рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тақозои барвақт ва ҷиддиро барои такмил ва танзими равандҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин таъмини амнияти

иттилоотӣ ва миллии кишвар пеш меорад. Аз ин лиҳоз, татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобатҳои иттилоотӣ барои нигоҳдории истиқлолият ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аҳамияти стратегии бузург дошта, вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳад.

«Тоҷикистон глобаликунонии низоми арзишот ва маҷмуи тасавуротҳои ғоявию идеологӣ, ки метавонад мавҷудияти ноосфера ва идеосфераи миллиро дар ояндаи наздик ва дур зери савол барад, ҷиддӣ пазирад ва ҳифзи зарфиятҳои ғоявии миллиро вазифаи аввалиндараҷаи худ эътироф намояд» [90, с. 189].

Дар шароити пурталотуми ҷаҳони иттилоотӣ ва таъсири васеи воситаҳои ахбори омма, ки ҳамчун механизмҳои марказӣ барои қудратҳои геополитикии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ фазои иттилоотиро холӣ намегузоранд, таъсири мафҳумҳо ва ғояҳои хориҷӣ, аз ҷумла таблиғоти киноиндустрияи Туркия ва фарҳанги «поп-култура»-и аврупоиву амрикоӣ, махсусан дар миёни ҷавонони Тоҷикистон, ки захираи асосии зеҳнии миллат мебошанд, ба заъф ва талафи иттилооти алтернативии миллии дохилӣ ва ба ин васила ба ҷойгузинии холии субъектҳои иттилоотии миллӣ ва тақвияти равандҳои манфии «фирори мағз», «мағзшӯӣ» ва идораи мафкура дар фазои иттилоотӣ оварда мерасонад, ки ин ҳолат тавассути истифодаи технологияи моилкунонии сиёсӣ бо кафолатҳои молиявӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатҳои рақиб ба захираҳои зеҳнии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад ва барои таъмини истиқлолияти маънавӣ ва сиёсӣ танҳо тавассути мустаҳкам кардани ин кафолатҳо ва таҳкими иқтидори миллӣ метавонад пешгирӣ ва таҳкими босуботи ҷомеа ва давлатро таъмин намояд.

Иттилоотонии аҳолӣ барои Тоҷикистон аҳамияти дигари муҳимро низ доро мебошад. он низоми чорабиниҳоеро воқеӣ мегардонад, ки дар ҷангҳои иттилоотӣ ғолибияти давлат ва системаи сиёсиро таъмин мекунад. Омили ягона ва аввалиндараҷаи мағлуб гардидан дар ҷангҳои иттилоотӣ ин нокифоягии заминаҳо ва асосҳои таҳкими сиёсати давлат дар бахши

иттилоотонии аҳолӣ мебошад. Сиёсати иттилоотонии аҳолиро сиёсатшиносӣ ватанӣ Х.Қ. Сафарализода ба «неруи нарм» шабоҳат додааст. «Омили муҳимми дохилие, ки ба осебпазирии давлат мусоидат мекунад, рушди нокифояи «неруи нарм» [116, с. 202] мебошад. Сафарализода Х.Қ дар таҳқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки «консепсияи неруи нарм ҳамчун стратегияи сиёсати хориҷии давлат на танҳо барои ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ, балки барои таъсири манфӣ расонидан ба манфиатҳои миллии дигарон низ истифода мешавад. Неруи нарм ханҷаре мебошад, ки бо як тарафи теғи он тасхири дилҳо ва бо тарафи дигари теғ кӯтоҳ намудани дасти рақибон анҷом дода мешавад» [116, с.; 117, с. 288-300].

Яке аз вазифаҳои муҳими ҷангҳои иттилоотӣ, ки ҳамзамон бо амалиётҳои низомӣ сурат мегирад, ин паҳнсозии иттилооти бардурӯғ ва ғаразнок ба манзури ба вуҷуд овардани ихтилоф ва заъиф намудани эътимоди миллӣ ва сиёсии аҳолии тарафи муқобил мебошад; технологияҳои иттилоотии муосир барои татбиқи чунин стратегияи ҷангӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, дар ин замина, яке аз вазифаҳои аслии амнияти иттилоотӣ омодагӣ ба ҷангҳои иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотии аҳолӣ маҳсуб шуда, он иборат аст аз андешидани тадбирҳои пешгирӣкунанда дар шароите, ки таҳдидҳои воқеии ҷангҳои иттилоотӣ эҳтимолпазир ҳастанд, бо мақсади ҳифзи устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа.

Хосияти дигар ва муҳими ҳимояшавандагии амнияти иттилоотиро барои Тоҷикистон дараҷаи фаъолнокии ВАО ташкил медиҳанд. Дар раванди таъмини амнияти иттилоотонӣ ва иттилоотонии аҳолӣ ҳам ВАО – и давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ, ки ба сифати институти махсус ва муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунанд, нақши калидӣ доранд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки махсусан шароити муосири бархӯрдҳои сиёсӣ ва моҷароҳои иттилоотӣ ВАО – и қавӣ ва миллиро талаб дорад. ВАО дар шароити муосири ҷаҳони иттилоотӣ ва раванди иттилоотонии аҳолӣ вазифаи ҳимоякунандагии манфиатҳои миллӣ ва нигоҳ доштани фазои мафкуравии миллиро иҷро мекунад. Дар ҳолати ба амал омадани бархӯрдҳо ва моҷароҳои иттилоотӣ

ВАО ва институтҳои фарҳангии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки вазифаи маърифатӣ ва ҷаҳонбинии миллиро ба амал мебароранд, дар тақвияти айнияти сиёсӣ ва худшиносии миллӣ саҳми беандоза доранд, нақши калидӣ мебозанд. Масъалаи баҳамалоқамандии таъмини амнияти иттилоотӣ ва нигоҳ доштани фазои иттилоотию маънавии ҷомеаро бояд сараввал ба эътибор гирифт.

Хусусияти дигари иттилоотонии аҳолиро дар шароити Тоҷикистони муосир дар заминаи таъмини амнияти иттилоотӣ нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ ва инъикоси муҳимияти онҳо барои инкишофи давлати миллии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии тоҷикистонӣ ташкил медиҳад.

«ВАО яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми амнияти миллӣ аввалиндараҷа таъмини амнияти иттилоотонӣ ва механизми иттилоотонии аҳолӣ буда, дар таҳкими муносибатҳо ва раванди мутаносиби инкишоф, ки заминаи таъмини суботи сиёсӣ мебошанд, аҳамияти махсус дорад. Ҳар гуна иттилооти ғаразнок ва иғвоангезе, ки дар ВАО паҳн карда мешавад, метавонад барои амнияти миллӣ, суботи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар мушкилоти ҷиддӣ эҷод кунад» [98, с. 147-152].

«Таҷрибаи раванди иттилоотонии аҳолии давлатҳои дигар ва муваффақ дар ин самт барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Масалан, собиқ сарвазири Сингапур Ли Куан Ю дар раванди иттилоотонӣ нақши асосиро ба ВАО дода, ба масъалаи танзими фаъолияти ВАО таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ишора намудааст, ки «мо ба васоити ахбори оммае ниёз дорем, ки онҳо арзишҳои фарҳангӣ ва муносибатҳои иҷтимоиеро, ки дар мактабу донишгоҳҳои мо таълим медиҳанд, такмил ва мустаҳкам карда тавонанд, на ин ки онҳоро аз байн бубаранд. ВАО метавонанд фазоеро ба вуҷуд оваранд, ки дар он одамон барои ба даст овардани дониш, малака ва риояи тартиботи ҷамъиятӣ кӯшиш намоянд. Бе мавҷудияти чунин фазо беҳтар намудани шароити зиндагии одамонро ҳатто орзу кардан номумкин аст» [65, с. 163].

ВАО – и фаъолияти самаранокдошта, сиёсати комил ва ғолиби иттилоотии давлат онро дар бархӯрдҳои иттилоотонӣ бо дигар давлатҳо дастболо мекунад. Давлатҳо бо истифода аз раванди иттилоотонӣ на танҳо

дар дохил, балки дар фазои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоиву месенҷерҳо рейтинг ва имиҷи байналмилалии давлатҳои дигарро кушиш мекунанд, ки поин баранд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки чунин ҳолат дар сиёсати ҷаҳон ва воқеияти амалӣ шудани равандҳои сиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ ба ҳукми анъана ва одат даромадааст. Кушишҳо баҳри таъсири манфӣ расонидан ба имиҷи байналмилалии давлату миллат на танҳо дар шароити моҷарогароӣ, балки дар шароити осоишта низ ба амал баровардa мешавад. «Ба таври мисол, аз санаи 28-уми апрел то 1-уми май байни сарҳадбонони Тоҷикистон ва Қирғизистон низои марзӣ рух дод, ки сабабгори ин ҷанги мусаллаҳона ҷониби Қирғизистон мебошад. Зеро, даъвоҳои мақомдорони расмии Ҳукумати Қирғизстон дар мавриди аз худ кардани ҳудудҳои аломатгузорӣ нашудани Тоҷикистон мебошад. Истифодаи силоҳу аслиҳа аз ҷониби сарҳадбонони Тоҷикистон пурра хусусияти мудофиавӣ дошт. Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки сарҳадбонони қирғиз дар ин мунокиша гунаҳкор буданд ва аз ҳар ду ҷониб дар рафти амалиёти ҳарбӣ қурбониёни зиёд буданд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, васоити ахбори оммаи минтақавӣ ва шабакаи интернет рӯзноманигорон ва фаъолони қирғиз худро қурбонии асосӣ нишон дода, сарҳадбонони тоҷикро барои ҳамла ба ҳудудҳои Қирғизистон гунаҳкор намуданд. Мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он шабу рӯз чунин маводҳо аз ҷониби хадамоти амнияти Қирғизистон барои таъсири манфӣ расонидан ба имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида буд» [139, с. 92-93].

«Дар захираи иттилоотонии интернетии «ВИКИПЕДИЯ», ки онро сарчашмаи иттилоотии васеъ ва кушода меноманд, ҳолати дар боло ишорагардида омадааст, ки дурустии иттилоот оид ба ҳамин масъалаи ишорагардида дар байни олимон зери шубҳа қарор дорад, дар бораи низоъҳои сарҳадии байни сарҳадбонони Тоҷикистону Қирғизистон маводе нашр шудааст. Баррасии ин иттилоот нишон медиҳад, ки дар низои гузашташуда гуё ҷониби Тоҷикистон гунаҳкор аст ва Қирғистон қурбонии он мебошад» [149]. Аз методикаи омодакунӣ, коркард ва паҳни ин иттилоот ба

андешае омадан мумкин аст, ки иттилооти паҳнгардидаро намояндагони васоити ахбори оммаи давлати Қирғизистон таҳия коркард ва паҳн кардаанд. Ғайр аз ин, иқтибосҳо ва манбаҳое, ки ин матни иттилоотӣ омода шудааст, намояндагони ҷомеаи маданӣ ва иттилоотии қирғизистонӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат онҳо иттилоотро яктарафа, ғаразнок ва манфиатталабона паҳн намудаанд. Муҳтавои ин маводи иттилоотиро дигаргун намудан мумкин аст, зеро «ВИКИПЕДИЯ» сарчашмаи иттилоотии кушода аст ва маводҳои онро ҳар касе, ки хоҳад метавонад, дигаргун кунад.

Дар баробари ин маводҳои иттилоотии дигаре, ки ба ин масъала рабт дошт, дар шакли видео, тасвирҳои карикатуравӣ, аудиҳо ва тасвирҳои танқидӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва месенҷерони оммавии баҳампайваст, каналҳои шабакавии интернетӣ омода карда шуда, паҳн гардида буданд. Ингуна маводҳо дар ҳаёти муқаррарӣ низ пайваста паҳн мегарданд. Онҳоро танҳо дар заминаи посухгузориҳои танқидӣ ва инкоркуниҳои мазмуниву муҳтавоӣ метавон баҳри таъмини амнияти иттилоотӣ безарар намуд.

Хосияти дигари таҳдидпазирандагии фазои иттилоотиро таҳдид ба фазои маънавии ҷомеа ташкил медиҳад. Иттилооте, ки ба фазои маънавии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад асосан мазмун ва муҳтавои гуногун дорад. Субъектони таҳдид ва хатарҳои иттилоотӣ аз усул ва иттилоотҳои мазмуни мухталифдоштаи гуногун истифода мебаранд. Паҳн намудани идеологияи таҷовузкорона, зӯроварии террористӣ, радикаливу тундгароӣ, паҳнкунии ғояҳои сепаратистӣ ва манқуртонаи миллӣ, ба афкори оммавӣ бор намудани идеологияи ғайримиллӣ, ва ғ., аз шумули таҳдид ва хатарҳое мебошанд, ки дар натиҷаи бархӯрдҳои иттилоотӣ дар фазои шабакавӣ ва маҷозӣ пайдо мешаванд.

Асоси фазои иттилоотиро иттилооти сиёсӣ бо таъсиррасонии ғофвию мафкуравӣ ташкил медиҳад. Таҳдидпазирандагии фазои иттилоотии Тоҷикистон аз моҷароҳо ва бархӯрдҳои иттилоотӣ дар чанд маврид ба назар мерасад:

- аввал, дар асоси оморҳои расмӣ тахминан зиёда аз 500 ҳазор ва тибқи оморҳои ғайрирасмӣ зиёда аз 1 млн шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия қарор доранд. Ҳолати мазкур шароити муносиб ва мувофиқу самаранокест, барои таблиғ ва тағйир додани маънавиёт ва тарзи рӯоварии сиёсиву миллии онҳо. Аз ин навъ ва шароити мусоиди фурсат, ташкилоти террористию экстремистие, ки онҳоро Тоҷикистон манъ эълон намудааст ва як навъ эътирофи хатар ба таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистонро доранд, масалан, Ташкилоти экстремистиву террористии «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», ташкилоти экстремистии «Гурӯҳи 24», ташкилоти террористию экстремистии «Паймони миллии Тоҷикистон», фаъолон ва пайравони онҳо маъракаи таблиғотии васееро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ роҳандозӣ намудаанд, ки барои тағйир додани афкор ва дараҷаи маънавиёти муҳоҷирон равона шудааст. Ташкилотҳои мамнуи терористиву экстремистӣ, ки ҳатто ғояҳои сепаратистиро низ ташвиқот мекунанд, ҳамарӯза ба таври доимиву ҳарлаҳзаина тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои интернетии лентавӣ «Facebook», «Instagram», «YouTube», «TikTok» ва садҳо дигар сомонаҳои интернетӣ дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат видеороликҳои гуногунмазмун нашр намуда, ҳатто дар шакли видеоконференсияҳои онлайнӣ дебатҳои танқидӣ ва ғайривоқебинона, ки кушиш мекунанд эътибори давлати Тоҷикистонро дар назди шаҳрвандонаш паст кунанд, ташкил менамоянд. «Ҷавонони аз фазои иттилоотию идеологии мамлакат дурмонда дар бисёре аз мавридҳо зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотию психологии ин зумра гурӯҳҳои ҷиноятпеша қарор гирифта, ба онҳо мепайванданд. Чунин тамоюлоти мубориза ҳои иттилоотӣ таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва сохтори конститутсионии давлат мебошанд. Зеро ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистии номбаргардида, на танҳо аз ҷониби як зумра давлатҳои исломӣ маблағгузорӣ ва дастгирӣ меёбанд, балки бо баъзе ташкилотҳои террористии дигар

ҳамкории зич дошта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани давлати исломиро ҳадафи ниҳоии худ қарор додаанд» [139, с. 119-120].

Бо эътибори таҳаввулоти ҷаҳонии иттилоотӣ аз поёни асри XX ва оғози асри XXI, ки бо инқилобҳои технологӣ ва густариши босуръати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ тавсиф мешавад, давлатҳои гуногун дар миқёси миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади таҳкими амнияти иттилоотии худ ба таҳия ва қабул намудани консепсияҳо, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ рӯ оварда, ин равандро ҳамчун зерсохти асосии ташаккули низоми мукаммали ҳифзи амнияти иттилоотӣ ба роҳ мондаанд; ин санадҳо имконияти таъмини сатҳи зарурии ҳифзи иттилоотӣ ва таъмини амнияти миллиро тавассути фаъолияти системавӣ ва ҳамоҳангшудаи заминаҳои ҳуқуқӣ, стратегӣ, барномавӣ, доктриналӣ ва консепсионалӣ таъмин намуда, дар навбати худ ба устувории сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фазои иттилоотӣ замина мегузоранд. Ин заминаҳо бо мақсади муайянсозии самтҳои афзалиятноки сиёсати амнияти иттилоотӣ, таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳои умумимиллӣ ва бахшӣ, ба роҳ мондани барномаҳои муфассал ва муассир оид ба ҳифзи иттилоот ва таҳкими суботи миллӣ, инчунин татбиқи консепсияҳои инноватсионӣ ва дорои хусусиятҳои интегратсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамигардонӣ равона карда шудаанд.

Дар ҳамин замина, амалигардонии сиёсати амнияти иттилоотӣ бояд дар асоси таҳлили дақиқи таҳдидҳо, таҳкими сатҳи омодабошии мақомоти давлатӣ ва ҷомеа, рушди инфраструктураи техникии ҳифзи иттилоотӣ ва ба таври ҳамоҳанг бо дигар соҳаҳои стратегӣ амалӣ гардад. Ин раванд ба давлатҳо имконият медиҳад, ки дар шароити муосири рақамӣ ва иттилоотии ҷаҳонӣ, бо истифода аз заминаҳои мустаҳками ҳуқуқӣ ва стратегӣ амнияти миллӣ ва истиқлолияти иттилоотии худро боэътимод ҳифз намоянд. Давлати Тоҷикистон низ чунин тарҳи таъмини амнияти миллӣ, аз ҷумла амнияти иттилоотию иттилоотонии аҳолиро дар заминаҳои санадӣ ба роҳ мемонад. Давлати Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият ба даст оварданаш бо дарназардошти оне, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида буд, натавонист

дар ибтидо ҷораҳои зарурӣ ва самаранокро ба анҷом расонад. Аммо аз ибтидои солҳои 2000-ум дар кишвари мо низ қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи иттилоотонӣ оғоз гардид.

«Муҳимтар аз ҳама аз оғози асри нав алакай давлат ва ҳукумати Тоҷикистон масъулияти сиёсӣ – иҷтимоии худро дар сатҳи зарурӣ дарк намуданд. Масалан, бори аввал бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз 7 ноябри соли 2003, №1175 Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид» [6]. Дар оғози асри нав Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти сиёсӣ ва иҷтимоии худ тадбирҳои ҷиддӣ ва саривақтӣ дар самти таҳкими низоми амнияти иттилоотии кишвар андешида, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз 7 ноябри соли 2003 таҳти рақами 1175 Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасвиб намуд, ки дар он ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муайянсозии таҳдидҳо ва манбаъҳои онҳо, инчунин роҳу усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ба таври мукаммал ва систематикӣ тартиб дода шудааст; дар баробари ин, бо фармони дигар аз 30 апрели соли 2008 таҳти рақами 451 Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии кишвар қабул гардид, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро бо истифода аз санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсия ва қонунҳои «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва дигар санадҳо муайян менамояд; ҳамзамон, дар доираи сиёсати давлатии рақамисозӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти №643 Консепсияи ташаккули ҳукумати электронии кишвар қабул гардид, ки тамоми чорабиниҳои татбиқӣ ва муҳити ҳуқуқиро барои рушди соҳаи иттилоот ва амнияти он фароҳам меоварад; бо ин чораҳо ҳамзамон Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дар ташаккули фазои амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои нави амниятӣ, аз ҷумла кибертерроризм, паҳншавии

ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет доранд, ки бо супоришҳои мушаххас ба мақомоти дахлдор иҷро мешаванд; бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолат, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи асосии амнияти миллӣ эътироф гардида, дар Консепсияи амнияти иттилоотии кишвар ба соли 2003 таъкид шудааст, ки соҳаи иттилоот ҳамчун ҷузъи муҳими ҳаёти ҷомеа таъсири мустақим ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар самтҳои амнияти миллӣ дорад ва таъмини ҳифзи он яке аз омилҳои муҳими устувории давлату ҷомеа маҳсуб меёбад, ки ин сиёсати давлатии амнияти иттилоотиро дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва стратегӣ бо назари систематикӣ таҳия ва татбиқ менамояд.

«Масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ тавассути иттилоотонии аҳолӣ барои Тоҷикистон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зарурият ва саривақтӣ ва муҳим будани таъмини амнияти иттилоотиро дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2003 қабул гардида буд, ифодаи худро пайдо намудааст» [2].

Таҳлили мундариҷаи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки масъалаҳои муҳимтарини таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон аз инҳо иборат мебошанд [139, с. 131-132]:

- «коркарди самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рушду такомули низоми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коркарди барномаҳои ҳадафноки таъмини амнияти иттилоотӣ, ташаккули роҳу усулҳои муайян намудани самаранокии низоми таъмини амнияти иттилоотӣ;

- ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ;

- таъминоти технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои муҳимтарини иттилоотонӣ;

- таъмини амнияти технологияҳои иттилоотӣ ва ғайра» [2].

«Сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ ба мисли сиёсати соҳаҳои дигар дар заминаи меъёрҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад, ки онҳоро бо такя ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1) Риояи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои дигар эътироф гардидаанд;

2) Иттилоотонии ҷомеа дар бораи иҷроиши вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти онҳо;

3) Баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни раванди муносибатҳои иттилоотӣ новобаста аз мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

4) Рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ» [139, с. 130-131].

Афзалияти дигари таъмини амнияти иттилоотӣ ва иттилоотонии аҳолӣ барои давлати Тоҷикистон рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ ба ҳисоб мераванд. Барои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон зарур аст, ки дарк карда шавад, то такмил надодани пойгоҳои иттилотии миллӣ шикасти қатъиро дар ростои таъмини амнияти иттилоотӣ ва раванди иттилоотонии аҳолӣ оварда мерасонад.

«Дар асоси мушоҳидаҳо аён мегардад, ки давлату ҳукумати Тоҷикистон зарурати чунин тасмимҳоро саривақтӣ медонад ва то ҳол дар соҳаи ташаккул ва инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мавриди истифода қарор додани онҳо дар соҳаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ ва бехатарии низоми ҷомеа, ки барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мусоидат намоянд, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва маҷмуи чорабиниҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардонида шудаанд. Аз ҷумла, соли 1999 «Дар бораи меъёрҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ», соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2003 Дар бораи Стратегияи давлатии

«Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданд, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Ғайр аз ин, соли 2001 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси шабакаи ҷумҳуриявии интиқоли маълумот ва меъёрҳои ба тартиб даровардани дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ», соли 2002 «Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2004 «Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010», «Барномаи давлатии ҷоринамоӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти миллии дар клавиатураи компютерҳо гузоштани рамзҳои алифбои забони тоҷикӣ», соли 2005 «Қоидаҳо оид ба шарту шароити ҳифзи иттилоот дар воситаҳои техникии коркарди иттилоот», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи истифодабарӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии рушду инкишоф, истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2011 «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд, ки онҳо низ дар раванди ташаккулёбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мамлакат марҳилаи сифатан навро ба амал меоранд» [139, с. 140-141].

Хулоса, сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа мавқеъ ва мақоми махсус дошта, барои Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Сиёсати иттилоотӣ бевосита ба амнияти иттилоотӣ пайвастагӣ дошта, дар раванди ба танзим даровардани ҷомеа нақши муҳим дорад.

Хусусан зарурати таъмини иттилоотӣ ва мубрамияти он барои кишварҳои тозаистиқлол хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар зербоби мазкур сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ бо паҳлуҳои гуногун шарҳу баён ва хулосабардорӣ карда шудааст.

Дар баробари ин чунин хулосабарорӣ карда мешавад:

- дар раванди таъмини амнияти иттилоотӣ ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ, махсусан иттилоотонии аҳолӣ таъмин ва ҳифзи манфиатҳои миллии давлати Тоҷикистон бояд ҳамчун масъалаи рӯзмара ҳисобида шавад;
- таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули механизми интиқоли иттилоот дар таркиботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таъмини иттилоотии онҳо, бо иттилооти воқеӣ, пурра ва боварибахш, ки ин навъи иттилоот имкон диҳад рушди мутавозин ва самараноки муносибатҳоро дар ҷомеа бояд таъмин намояд;
- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, кафолати ҳуқуқҳои ҷомеа бахри ихтиёрдорӣ намудани иттилоот, қабул, истифода ва паҳнкунии иттилоот дар замони соҳибистиқлолӣ зарурати воқеи дорад.

## 2.2. Сиёсати иттилоотӣ ва меъёрҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Татбиқи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун маҷмуи комплексии тадбирҳо ва чорабиниҳои стратегӣ, ки бо мақсади ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин истифодаи мақсаднок, самаранок ва инноватсионӣ аз ин технологияҳо амалӣ мешавад, маънидод мегардад. Ин сиёсати давлат дар заминаи таҳлили мукаммали мувозинатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ тарҳрезӣ гардида, равандҳои идоракунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба таври систематикӣ таҳкими мукаммал менамояд. «Сиёсати муосирро бе тамоми гуногунии воситаҳои ахбори омма - радио, телевизион, матбуот ва интернет тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳ ба як шакли махсуси сиёсат – сиёсати иттилоотонӣ дар заминаи андешаҳои Ф. Бэкон «Дониш қудрат аст» комилан қонунӣ ва фаҳмо аст» [103, с. 30].

Ҷанбаи муҳимтарини татбиқи сиёсати иттилоотӣ фароҳам овардани шароити фарогир ва мусоид барои дастрасии васеи аҳолӣ ба технологияҳои

иттилоотӣ ва воситаҳои рақамӣ мебошад, ки ин амалия заминаи устувори таҳкими низоми муносибатҳои мутақобилаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дар ҷомеа муқаррар менамояд. Истифодаи фарогири технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади беҳсозии равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ, афзоиши сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва масъулияти мақомоти давлатӣ ба ҷомеа нақши муҳим дорад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, татбиқи сиёсати иттилоотонӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба ва мураккаб бояд дар доираи муносибатҳои байнисоҳавӣ, яъне байни системаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баррасӣ гардад. Ин раванд талаб мекунад, ки муттаҳидсозии чорабиниҳо ва стратегияҳо дар самтҳои рушди инфрасохтор, таълим ва таҳсилоти иттилоотӣ, таҳкими ҳуқуқу кафолатҳои иттилоотӣ ва ҳифзи амнияти иттилоотӣ ба таври ҳамзамон ва ҳамоҳанг амалӣ гардад.

Ҳамчунин, татбиқи сиёсати иттилоотонӣ бояд дар контексти рушди инноватсионӣ ва рақамигардонии давлатдорӣ, ки рамзи идоракунии муосир ва самаранок ба ҳисоб меравад, ҷой гирифта, афзоиши нақши шаҳрвандон дар қабули қарорҳои сиёсиро таъмин намояд. Аз ин ҷиҳат, татбиқи ин сиёсати муосир на танҳо барои таъмини рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки барои таҳкими пояҳои демократия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ ва таъмини амнияти миллӣ ҳамчун унсури калидӣ арзёбӣ мешавад.

Бо ин маънӣ, татбиқи сиёсати иттилоотонӣ бояд бо равишҳои илмӣ, таҳлили систематикии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин ба роҳ мондани мониторинг ва баҳогузории мунтазами натиҷаҳои амалӣ ба пеш бурда шавад, то ки таъсири манфӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ ҳадди аққал расонида шуда, заминаи рушди ҳамоҳанг ва устувори ҷомеа ва давлат таъмин гардад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии татбиқи сиёсати иттилоотӣ рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар шароити рушди иттилоот ва мустаҳкам гардидани асосҳои

инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар асоси чанд меъёр ва ё муқаррарот зарурӣ эътироф мегардад:

«Якум, сиёсати иттилоотӣ ва воқеияти он ҷузъҳои асосии сиёсати давлатӣ ва равандҳои иҷтимоии дар ҷомеа, дар соҳаҳои гуногун бо хусусиятҳои махсуси инкишофёбӣ ба ҳисоб меравад;

Дуюм, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқгардонии он раванди сиёсӣ буда, ба рушди шабакаҳои низоми иттилоотию коммуникатсионӣ дар сиёсат ва идоракунии сиёсӣ, ҳимояи манфиатҳо ва таъмини амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунад;

Сеюм, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқи он як навъ имконият барои ҳолатҳои муайяне мебошад, ки самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми татбиқи вазифаҳои идоракунӣ талаб карда мешавад;

Чаҳорум, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқи он дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, дар равандҳои иҷтимоии ҳамкории ҷомеа ва давлат татбиқ мегардад ва як шабакаи иртибот тавассути тартиби муҳокимаи ҷамъиятӣ дар таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунии давлатӣ ва ҳокимиятирро дорад;

Панҷум, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқи он метавонад ҳамчун омиле истифода шавад, ки итилооти боварибахш ва нафъоваранда расонида шавад, агар ҷомеа ба паҳншавии ин иттилоот бовар ва эътимод дошта бошад, иттилооти боэътимод ба ҳокимият имкон медиҳад, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ равандҳои иртибототӣ бо намояндагони ҷомеаро ба роҳ монанд;

Шашум, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқи он соҳаи ошкорбаёнӣ ва гуногунандешии субъектҳои фаъолияти ҳокимиятӣ ва ҷамъиятӣ мебошад;

Ҳафтум, сиёсати иттилоотӣ ва татбиқи он ба муколамаи мустақим на ҳама вақт яксон ва якранг сурат мегирад, балки аксар вақт боиси баҳсҳои оммавӣ, баҳсу мунозираҳо, паҳншавии маълумоти нопурра ва беэътимод мегардад [108, с. 404].

Дар шароити муосир, Тоҷикистон ҳамчун давлати демократии дуняви, ягона ва ҳуқуқбунёд аст, ки дорои системаи сиёсии инкишофёфта мебошад. Дар он ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ ташаккул ва инкишоф меёбад [5]. Иттилоот ва татбиқи сиёсати иттилоотонӣ унсури муҳим ва зарурии ҳалли бисёр масъалаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ва иҷтимоӣ муҳим ва ба роҳ мондани равандҳои коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон мегардад. Ба ин муносибат ташаккул додани мавқеи фаъолонаи давлативу ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ муҳимтарин вазифаи муҳими сиёсати иттилоотӣ шуморида мешавад.

Ин таъсис ва таҷдиди шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, тавсеаи дастрасӣ ба хадамоти интернетӣ дар саросари кишвар, аз ҷумла манотиқи дурдаст ва деҳот, беҳтар кардани сифати алоқа ва интернетро тақозо мекунад. Таъмини фаъолияти муътадили марказҳои иттилоотӣ ва нуқтаҳои хизматрасонӣ, ки хидматрасонии муосири рақамиро дастгирӣ намуда, дастрасии онҳо барои аҳолӣ ва соҳибкоронро афзун менамояд, муҳим аст. Самти дигари муҳими татбиқи сиёсати иттилоотонӣ ин ҷорӣ намудани низоми ҳукумати электронӣ мебошад.

Ин таъсиси платформаҳои онлайнӣ барои расонидани хидматҳои давлатӣ ва алоқаҳои ҳокимиятӣ шаҳрвандон ва созмонҳоро дар бар мегирад. Ҳар қадаре, ки ҷомеа иттилоотро аз манбаъҳои давлатӣ-онлайнӣ мегирад бо ҳамон андоза шиддати эҳтимолии таҳдиду хатарҳо коҳиш меёбад ва афкори оммавӣ бо иттилооти саҳеҳ ва лозимаву ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ комил мегардад. Хидматрасониҳои электронӣ, ки бахше аз татбиқи ҳадафҳои сиёсати иттилоотонӣ Тоҷикистон аст, ба баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва таркиботи институтсионали ҷомеаи шаҳрвандӣ, коҳиш додани амалҳои коррупсионӣ ва бюрократизм ва беҳтар намудани ҳамкории байни шаҳрвандон ва сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунанд. Ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи коркарди дархостҳо ва ҳуҷҷатҳо метавонад самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро беҳтар ва хатарҳои

коррупсиониро коҳиш диҳад, ки дар Тоҷикистони муосир ҳадафи муҳими барномавӣ ва стратегии сиёсати иттилоотонии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз меъёрҳои татбиқгардонии сиёсати иттилоотониро такмили саводинокии иттилоотӣ ва рақамиву технологии шаҳрвандон ташкил медиҳад. Саводнокии рақамии шаҳрвандон низ ҷанбаи муҳими татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳузури сартосарии одамон дар майдонҳои иттилоотӣ барои Тоҷикистон мебошад. Омӯзиши асосҳои кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ ба аҳолӣ ба баланд бардоштани сатҳи ҷалби одамон ба технология ва иқтисодиёти рақамӣ ба осон кардани дастрасии хидматҳои электронии давлатӣ ва хусусӣ мусоидат мекунад. Унсури муҳими татбиқи сиёсати иттилоотӣ омода намудани мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, инчунин таҳияи курсҳо ва тренингҳо оид ба саводнокии иттилоотии рақамӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Сиёсати иттилоотонӣ дар заминаи таҳаввулоти муосири ҷомеаи иттилоотӣ ба раванди комилан рақамисозии муносибатҳо ва ҳавасмандгардонии рушди технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст. Ҷорӣ намудани платформаҳои иттилоотии рақамӣ ҳамчун омилҳои стратегӣ дар пешбурди равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла тиҷорати электронӣ, низомҳои пардохтҳои электронӣ ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, ба баландшавии рақобатпазирии субъектҳои дохилӣ, коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва афзоиши самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Ин раванд дар доираи сиёсати давлатӣ ва таҳкими инфрасохтори рақамӣ ба самаранокгардонии хизматрасониҳои давлатӣ, тақвияти робитаҳои иҷтимоӣ байни шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона гардидааст. Бо ин роҳ, платформаҳои рақамӣ ҳамчун механизмҳои муҳими таҳкими муколамаи байни ҷомеа ва давлат ва идоракунии самарабахши равандҳои маъмурӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир мебозанд.

Ғайр аз ин, рақамисозии низоми муносибатҳо ва такмили технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун омилҳои муҳими рақобатпазирии иқтисодӣ ва рушди устувори кишвар шинохта шуда, барои мутобиқшавии муассисаҳо ва субъектҳои иқтисодӣ бо шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамигардонии босуръат заминаи боэътимод фароҳам меоранд. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати иттилоотонӣ ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияҳои комплексии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идоракунии муосири давлату ҷомеа мавқеи ҳалкунанда дорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини сиёсати иттилоотонӣ таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Ҳифзи маълумот ва таҳдидҳои киберӣ, мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва муомилотҳои электронии ҳуҷҷатҳо ва иттилооти сирри сиёсиву давлатӣ дошта, муосилотҳои электронии молиявӣ вазифаҳои калидӣ дар сатҳи ширкатҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошанд. Таъсиси системаи боэътимоди амнияти иттилоотӣ, таҳияи заминаи меъёрӣ ва таъмини киберамнияти системаҳои давлатӣ ва хусусӣ ба пешгирии ихроҷи маълумот кӯмак мекунад ва эътимодро ба платформаҳои иттилоотии рақамӣ афзоиш медиҳад.

Татбиқи сиёсати иттилоотонӣ мониторинги доимӣ ва мутобиқсозии заминаҳои сиёсӣ, меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва рақамиро талаб мекунад. Таъсис ва татбиқи заминаҳои сиёсӣ, қонунҳо ва стандартҳои нав, ки фаъолиятҳои технологияҳои иттилоотиро танзим мекунанд, кӯмак мекунад, ки дар вокуниш ба чолишҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотиву киберӣ ва тағйирот дар манзараи технологӣ системаи рақамикунонидашуда ва раванди иттилоотонӣ фаъол бошад. Ин таҳия ва татбиқи кафолатҳо барои ҳифзи иттилоотҳои паҳнгардида, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таҳияи платформаҳои бехатар ва самараноки технлологияҳои иттилоотиро дар бар мегирад.

Татбиқи бомуваффақияти сиёсати иттилоотонӣ муносибати маҷмуӣ, аз ҷумла рушди инфрасохтор, омӯзиши кадрҳо, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ, ҳифзи иттилоот ва ҳамкориҳои байналмилалиро

тақозо мекунад. Муҳим он аст, ки ин сиёсат ба фароҳам овардани шароити баробар барои инкишофи ҷомеа ва давлати Тоҷикистон, таъмини рушди устувори сиёсӣ, амният, инкишофи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву маданӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити трансформатсияи рақамӣ нигаронида шудааст.

Сиёсати иттилоотонӣ дар Тоҷикистон зарурати ташаккул ва татбиқи стратегияи сиёсии давлатиро ба миён мегузорад.

Иттилоотонии имрӯз ва дарояндаи наздик дар шароити душвори иваз кардани системаи маъмурию фармонфармоӣ бо усулҳои муосирӣ сурат мегирад, бинобар ин зарур аст, ки бо нигоҳ доштани ҷузъи мутамаркази идоракунии давлатӣ дар ин самт муносибатҳои сиёсӣ, ки бо раванди таъмини амнияти иттилоотӣ алоқамандананд, инкишоф дода шаванд.

«Барои бартараф намудани қафомонии стратегии сиёсии дараҷаи иттилоотонӣ чораҳои қатъӣ дидан лозим аст. Зарурати андешидани тадбирҳои гуногун оид ба тақсими захираҳои иттилоотӣ, ҳавасмандгардонии равандҳои иттилоотӣ, фароҳам овардани шароите, ки имкон медиҳад то захираҳои ташкилотҳо ва шахсони алоҳида ба ин мақсад ҷалб карда шаванд ва иштироки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои иттилоотӣ фаъол созанд, таҳияи қарорҳои сиёсиро муайян мекунад.

Ҷанбаи муҳимми татбиқи сиёсати итилоотониро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти принсипҳои асосии сиёсати иттилоотонӣ ташкил медиҳад» [7].

Сиёсати давлатии иттилоотикунонӣ ба принсипҳои муайян асос ёфтааст, ки онҳо дар рафти татбиқи он давра ба давра мавриди истифода қарор мегиранд.

Инкишофи раванди иттилоотонӣ бояд ба консепсия ва барномаҳои рушди сиёсӣ ва татбиқи сиёсати соҳавӣ: сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ғайраи давлати Тоҷикистон комилан мувофиқ бошад ва ба ноил шудан ба мақсадҳои асосии дар ин ҳуҷҷатҳо ифодаёфта нигаронда шавад. Иттилоотониро қисман механизми таркибии тараққиёт ва рушди

сиёсӣ, қудрати сиёсӣ дар Тоҷикистон донистан лозим аст. Механизмҳои таъмини рушд ва мустаҳкам намудани сиёсати иттилоотонӣ ба таҳаввулотҳои сиёсӣ ва муқовимату зиддиятҳои сиёсиву тамаддунии замони муосир, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат бояд мувофиқа карда шаванд.

Муносибати анъанавӣ ба татбиқи сиёсати иттилоотӣ барои кишвари мо чандон наметавонад саммара дихад. Дар асоси тавсияҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, таҷдиди фазои иттилоотӣ ва сифатнок гардонидани кори механизм ва марказҳои иттилоотонии аҳолӣ дар шароити муосири инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳузури ҳамагии одамон дар платформаҳои иттилоотӣ саривақтист.

Муносибати нав ба ин дигаргуниҳо бояд шароит фароҳам оварад, ки дар он иттилоотсозӣ раванди худкишофёбанда бошад ва дар навбати аввал на ба маблағгузории калони давлатӣ, балки ба манфиати ташкилотҳо ва шахсони мушаххас ба натиҷаҳои иттилоотикунонӣ, ба таъсири мусбати онҳо ба сифат ва шароити зиндагонӣ ва тараққиёти иҷтимоӣ, ҳифзи амният ва инкишофи сиёсии Тоҷикистон мусоидат кунад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ бояд ҷузъҳои мутамарказ ва ғайримарказонидашуда дошта бошад. Ҷузъи мутамарказ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ тавассути сармоягузории давлатӣ ва қарордодҳои давлатӣ нигаронида шудааст. Он махсусан ба фоидаи тиҷоратӣ нигаронида нашудааст. Ҷанбаи аввалиндараҷа ва муҳими онро таъмини амният, ҳифзи амнияти иттилоотиву манфиатҳои миллӣ, мафкурасозии сиёсӣ дар шароити таҷрибҳои иттилоотии мафкуравӣ ва самти умумии тамоми раванди иттилоотиро таъмин мекунад. Ҷузъи ғайримарказонидашуда ба фароҳам овардани шароите нигаронида шудааст, ки имкон медиҳад талаботи кунунӣ ба иттилоот ва маҳсулоти иттилоотӣ тавассути кор дар бозори корхонаҳои давлатӣ, кооперативӣ ва омехта, инчунин фаъолияти инфиродии меҳнатӣ амалӣ карда шавад. Ин маънои онро надорад, ки ҷузи ғайримутамаркази раванди иттилоотӣ ба ҳадафҳои сиёсии давлатӣ ҳангоми

татбиқи сиёсати иттилоотонӣ шарик намебошад. Таркиботи институтсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар татбиқи сиёсати иттилоотонӣ бояд ба ҳадафҳои сиёсиву амниятӣ ва манфиатҳои миллӣ пайваст бошад.

Дар моддаи 4 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» маҷмуи «принсипҳои асосии иттилоотонӣ ишора гардидааст, ки чунинанд:

- дастраси умум будани иттилооти ҳуҷҷатшуда, ки бо тартиби муқарраргардида ба гурӯҳи иттилооти ҳуҷҷатшудаи дастрасаш маҳдуд нисбат дода нашудааст;
- фаврӣ, пурра ва аниқ будани иттилооти ҳуҷҷатшуда, ки ба истифодабаранда пешкаш карда мешавад;
- иштироки давлат дар ташаккули захираҳои иттилоот ва ба вазифаҳои иттилоотонӣ мутобиқ сохтани ин захираҳо;
- ба истифодабаранда ба забони давлатӣ ё ба забоне, ки дар шартномаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иттилоотонӣ зикр шудааст, пешниҳод намудани иттилооти ҳуҷҷатшуда;
- ҳимояи ҳуқуқи моликият ба объектҳои ҳуқуқи моликият дар соҳаи иттилоотонӣ» [7].

Яке аз бахшҳои муҳими татбиқи сиёсати иттилоотониро дар заминаҳои «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017» [1] метавон муайян намуд.

Дар барнома асосан асосноккунии сиёсии сиёсати иттилоотонӣ ишора гардидааст. Тавре, ки таҳқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, афзоиши ҳаҷми иттилоот дар соҳаи идоракунӣ бояд дар заминаи ягонаи иттилоотӣ асос ёбад ва коркарди саривақтиро талаб кунад. Дар ин шароит идоракунӣ бе истифодаи воситаҳо ва усулҳои муосири коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот муассир буда наметавонад.

«Сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва идоракунии давлатӣ бо мақсади таъмин ва баланд бардоштани

самаранокии идоракунии давлатӣ, асоснокии қарорҳои дар заминаи ягонаи иттилоотӣ таҳиягардида, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба таъсиси системаҳои иттилоотии давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ пешбинӣ шудааст» [1].

Ҳадафҳои муқарраршудаи татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ ба рушди технологияҳои иттилоотӣ пайваст аст. Ин ҳадафҳо зарурати ҳалли масъалаҳои бунёдии рушди ҷомеаи иттилоотиро муайян мекунанд, ки он аз ташаккули самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои иттилоотӣ, истеҳсолоти образҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи калидии низоми институтсионалии ҳокимияти давлатӣ нақши фундаменталӣ дорад, ки он тавассути ташкили махзани мукаммали маълумоти дахлдор ва таҳия ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ барои коркард ва татбиқи ин маълумот ба мақсадҳои идоракунии давлатӣ амалӣ мешавад; ин раванд, ки ба таври систематикӣ ва ҳамоҳангшуда бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад, заминаи асосии таъмин намудани хизматрасонии босифат ба шаҳрвандон ва субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам меорад ва ҳамзамон ба тақвияти муносибатҳои байни идоракунии давлатӣ ва ҷомеа, баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд, ки ин омилҳо дар маҷмуъ таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва рушди устувори ҷомеаро таъмин мекунанд. Пеш аз ҳама, барои ин мақсадҳо баъди ба вуҷуд овардани маъхазҳои дохилии маълумот дар байни вазорату идораҳо барои ҳалли вазифаҳои дар наздашон гузошташуда алоқаи шабакавии байниидоравии мубодилаи маълумот ташкил кардан лозим аст.

Яке аз ҷанбаҳои дигари татбиқи сиёсати иттилоотониро қабул ва амалӣ намудани барномаҳо ва стратегияҳо ташкил медиҳад. Масалан, барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2014-2017 бо ҳамин мақсад қабул карда шуда асосан афзалиятҳои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотии

ҷумҳуриро дар солҳои ба таври махсус муайянгардида инъикос намуда, ба татбиқи он равона карда шудааст [1].

Асосан, барномаҳое, ки ба сиёсати иттилоотонӣ бахшида шудаанд, тибқи мақсадҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул мегарданд ва онҳо инкишофи сиёсати иттилоотониро марҳала ба марҳала табиқ мегардонанд.

Механизми иттилоотонии сиёсӣ раванди ҷорӣ намудани технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ дар соҳаи сиёсӣ, аз ҷумла идоракунии давлатӣ, равандҳои сиёсӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Дар ин раванд технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ гардида, ҳамкории муассиртари онҳоро бо шаҳрвандон таъмин намуда, шаффофияти кори ҳукуматро беҳтар намуда, иштироки мардумро дар қабули қарорҳои сиёсӣ афзоиш медиҳанд.

Иттилооти сиёсӣ истифодаи платформаҳо ва системаҳои электронӣ, аз қабили ҳукумати электронӣ, ки ба шаҳрвандон дастрасии онлайн ба хизматрасониҳои давлатиро фароҳам меорад ва ҳамкориҳои муассиртар бо мақомотро осон мекунад, дар бар мегирад. Ин технологияҳо инчунин барои интихобот, тавассути овоздиҳии электронӣ, мониторинги равандҳои интихоботӣ ва баланд бардоштани масъулияти сиёсатмадорон фаъолона истифода мешаванд. Воситаҳои рақамӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотро фароҳам меоранд, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ ва пешвоён дар пешгӯии дақиқи эҳсосоти ҷамъиятӣ ва таҳияи стратегияҳо ва барномаҳо дар асоси афзалиятҳои интихобкунандагон кӯмак мекунанд. Дар ин замина ба амнияти додаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад, зеро ҳифзи иттилоот аз ҳамлаҳои киберӣ ва манипулясия барои нигоҳ доштани эътимод ба равандҳои демократӣ муҳим аст.

Шабакаҳои интернетӣ ва платформаҳои дигари рақамӣ ҷузъи муҳими раванди демократияи рақамӣ мебошанд, ки ҳадафи аслии онҳо тақвият бахшидани иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар раванди қабули қарорҳои

сиёсӣ тавассути механизмҳои наву муосир - аз қабили овоздиҳии онлайн, пешниҳод ва баррасии дархостҳои электронӣ, ташкили пурсишҳо ва муҳокимаҳои дигари мутақобила мебошад. Ин платформаҳо на танҳо барои маъракаҳои интихоботӣ ва таблиғоти сиёсӣ, балки барои ташкили сафарбаркунии самараноки иҷтимоӣ ва сиёсии шаҳрвандон истифода мешаванд, ки ин раванд ба тақвияти шаффофият, ҷавобгарӣ ва назорати ҷомеа бар фаъолияти мақомот ва субъектҳои сиёсӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои интернетӣ дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими ғояҳои демократӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ дар муҳити иттилоотии рақамӣ беназир мебошад. Ин равандҳо, ки ҳамчун ҷузъи асосии механизми нави идоракунии сиёсӣ ва амалиёти иттилоотӣ шинохта мешаванд, дар таҳкими иртиботи байни шаҳрвандон ва давлат, ташаккули фазои оммавии ҳамоҳангшуда ва ташаббускорӣ, инчунин таҳкими ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ нақши муассир доранд.

Аз ин рӯ, истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои интернетӣ ҳамчун воситаҳои инноватсионӣ ва муосири иштироки сиёсӣ, ҳамзамон ҳамчун омилҳои муҳими рушди устувори демократия ва ҳифзи суботи сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамигардонӣ арзёбӣ мегарданд. Ҳамзамон, ин механизмҳо талаботи нав ва устувории низоми амниятии иттилоотиро ба вуҷуд меоранд, ки таҳкими сиёсати давлатӣ ва идораи самараноки фазои иттилоотиро дар шароити муосир тақозо менамояд.

Ҳамзамон, иттилооти сиёсӣ кӯшишҳоро барои таъмини ҷузъи ҳуқуқӣ ва ахлоқии марбут ба шаффофият ва ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон талаб мекунад. Аз ин рӯ, рушди киберамният, омодасозии шаҳрвандон ба таҳдидҳои рақамӣ ва паҳн кардани дониш дар бораи ҳифзи маълумоти онҳо дар Интернет як унсури муҳим мегардад. Таъсири иттилоот ба равандҳои сиёсӣ бо истифода аз технологияҳо, аз қабили микроҳадафҳо низ танҳо бо ҷанбаҳои мусбат маҳдуд намешавад, зеро хатари тақаллуби афкори ҷамъиятӣ

ва дахолат ба равандҳои интихобот вуҷуд дорад, ки чораҳои назоратӣ ва муқаррароти иловагиро тақозо мекунад.

Татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар асоси заминаҳо ба амал бароварда мешавад. Заминаҳоро ҳам маҷмуи меъёрҳои принсипиалӣ ва ҳам маҷмуи меъёрҳои институтсионалӣ ташкил медиҳанд. Метавонем маҷмуан онҳоро механизмҳои татбиқи сиёсати иттилоотонӣ ва ё худ механизми иттилоотонӣ дар замони зудтағйирёбандаи сиёсӣ маънидод намоем.

Механизми иттилоотонӣ раванди ҷорӣ намудани технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ дар соҳаи сиёсӣ, аз ҷумла идоракунии давлатӣ, равандҳои сиёсӣ ва ҷалби шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ тавассути иттилоот ва воситаҳои иттилоотрасонӣ мебошад. Дар ин раванд технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида, ҳамкории муассиртари онҳоро бо шаҳрвандон таъмин намуда, шаффофияти кори ҳукуматро беҳтар намуда, иштироки мардумро дар қабули қарорҳои сиёсӣ афзоиш медиҳанд.

Иттилоотонии сиёсӣ истифодаи платформаҳо ва системаҳои электронӣ, аз қабили ҳукумати электронӣ, ки ба шаҳрвандон дастрасии онлайн ба хизматрасониҳои давлатиро фароҳам меорад ва ҳамкориҳои муассиртар бо мақомотро осон мекунад, дар бар мегирад. Ин технологияҳо инчунин барои интихобот, тавассути овоздиҳии электронӣ, мониторинги равандҳои интихоботӣ ва баланд бардоштани масъулияти сиёсатмадорон фаъолона истифода мешаванд. Воситаҳои рақамӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотро фароҳам меоранд, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ ва пешвоён дар пешгӯии дақиқи эҳсосоти ҷамъиятӣ ва таҳияи стратегияҳо ва барномаҳо дар асоси афзалиятҳои интихобкунандагон кӯмак мекунанд. Дар ин замина ба амнияти иттилоотӣ ва иттилооти паҳнгардида таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад, зеро ҳифзи иттилоот аз ҳамлаҳои киберӣ ва манипулятсия барои нигоҳ доштани эътимод ба равандҳои демократӣ муҳим аст.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои интернетӣ дар иттилооти сиёсӣ нақши муҳим доранд, ки ба шаҳрвандон имкони муоширати мустақим бо сиёсатмадорон ва иштирок дар муҳокимаи масъалаҳои мубрами рӯзро фароҳам меоранд. Ин платформаҳо ҳамчун шабака барои маъракаи интихоботӣ, таблиғот ва сафарбаркунии сиёсӣ хизмат мекунанд. Ҷузъи муҳими демократияи рақамӣ мебошад, ки ҳадафи он афзоиши иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои сиёсӣ, масалан тавассути овоздиҳии онлайн ва дархостҳои электронӣ мебошад.

Ҳамзамон, иттилоотонии сиёсӣ кӯшишҳоро барои таъмини ҷузъи ҳуқуқӣ ва ахлоқии марбут ба шаффофият ва ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон талаб мекунад. Аз ин рӯ, рушди киберамният, омодасозии шаҳрвандон ба таҳдидҳои рақамӣ ва паҳн кардани дониш дар бораи ҳифзи маълумоти онҳо дар Интернет як унсури муҳим мегардад. Таъсири иттилоот ба равандҳои сиёсӣ бо истифода аз технологияҳо, аз қабили ҳадафҳои хурд низ танҳо бо ҷанбаҳои мусбат маҳдуд намешавад, зеро хатари тақаллуби афкори ҷамъиятӣ ва дахолат ба равандҳои интихобот вуҷуд дорад, ки чораҳои назоратӣ ва муқаррароти иловагиро тақозо мекунад.

Дар баробари ин, иштироки воқеии аҳолӣ дар таҳия ва қабули қарорҳое, ки барои системаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ аҳамият доранд, огоҳии пурраи аҳолиро аллакай дар марҳилаҳои аввали раванди қабули қарорҳои идоракунӣ пешбинӣ менамояд. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки раванди иттилоотонии аҳолӣ ва дастрасӣ ба иттилоот осон бошад. Мақомоти қарор қабулкунанда бояд аҳли ҷомеаро ба ҳамкорӣ даъват намояд, аз онҳо дар доираи муҳокима саволҳо тартиб дода, андешаҳои худро баён намояд, ба эродҳо ва хоҳишҳои баёншуда посухи муносиб диҳад.

Татбиқи сиёсати иттилоотонӣ аз ташаккули фарҳанги иттилоотӣ-шабакавӣ вобастагии калон дорад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккули ин навъ фарҳанг накши калидӣ мебозад. Иттилоотонӣ аз кӯдакӣ оғоз кардан лозим аст, аввал бо ёрии тасвирҳои миллӣ-таърихии иттилоотӣ ва сипас бо идеализатсия кардани фарҳанг ва тамаддуни миллӣ. Барои донишгоҳҳо,

тартиби иҷтимоии ҷомеаи иттилоотӣ бояд барои таъмини сатҳи фарҳанги иттилоотии донишҷӯ барои кор дар соҳаи муайяни фаъолият баррасӣ карда шавад. Гузашта аз ин, дар баробари омӯзиши фанҳои назариявии марбути иттилоот ва технологияи иттилоотӣ, вақти зиёд бояд ба технологияҳои иттилоотии компютерӣ бахшида шавад, ки ҷузъҳои асосии фаъолияти иттилоотонӣ ва дарки воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи муосири шабакавӣ мебошанд. Сифати омӯзишҳо бояд аз рӯи дараҷаи малакаҳои устувори кории собитшуда дар муҳити технологияҳои асосии иттилоотӣ дар ҳалли вазифаҳои стандартии соҳаи фаъолият муайян карда шавад [152].

Мо ин заминаҳоро ба ду гуруҳ – аввал, заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ татбиқи сиёсати иттилоотонӣ, дуюм, заминаҳои техникию барномавӣ ҷудо намудем.

Таҳкими сиёсии татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ, таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ташаккул меёбад. Унсури марказӣ ва стратегӣ ташаббусҳои пешбинишудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рақамисозӣ ҳамчун воситаи муҳим барои навсозии давлатро муайян мекунад, ба ҳисоб меравад. Сиёсати иттилоотонӣ ба барномаҳои миллӣ, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [16] ворид карда шудааст, ки дар он таъкид ба эҷоди иқтисодиёти мазкур, ҷорӣ намудани инноватсия ва рақобатпазирии кишвар гардидааст. «Бинобар ин, дар СМР-2030 масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини самаранок, шаффоф ва назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳи идоракунии давлатӣ, дар маҷмӯъ бунёди модели идоракунии технократӣ ва меритократӣ (шоистасолорӣ) дар кишвар дар мадди аввал гузошта шудаанд» [16].

Ҷанбаи муҳим рушди ҳукумати электронӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани шаффофияти ҳукумат ва дастрасии хидматҳо барои аҳолӣ равона шудааст. Лоиҳаҳо ба монанди портали хадамоти электронӣ ва

рақамикунонии мақомоти давлатӣ барои коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ пешбинӣ шудаанд. Татбиқи онҳо ба монанди иҷозати ками интернет дар деҳот ва саводнокии рақамӣ равона карда шудааст. Барои ҳалли ин мушкилот, дар Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ (СММ, Бонки Ҷаҳонӣ), сармоягузорӣ ба инфрасохтор, аз ҷумла тавсеаи шабакаҳои нахустин ва сохтани боғҳои технологӣ, ба монанди «хокӣ» ҳамкорӣ мекунад. Масалан, ташаббусҳои таълимӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, ба таълими кадрҳои иқтисоди рақамӣ, ки аз ҷониби фармонҳои Президент оид ба оғоз ва содироти он дастгирӣ мешаванд, нигаронида шудаанд.

Афзалияти муҳими сиёсии арзишнокии назорати киберфазо боқӣ мемонад, ки бо афзоиши муҳити онлайнӣ алоқаманд аст ва бартарияти назорат кардани ҷараёни иттилоот мебошад. Тоҷикистон дар ташаббусҳои минтақавии ИДМ, СҲШ, СААД ва ғайра ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд. Ин тамоюли умумии таҳкими идоракунии давлатии фазои рақамиро инъикос мекунад, ки баъзан ҳамчун маҳдудкунии озодӣ танқид карда мешавад. Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани самаранокии дастгоҳи давлатӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ тавассути дастрасӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ мақбул ба таъсири мусбати иттилоотӣ тамаркуз мекунад. Ҳамин тариқ, сиёсати иттилоотонии Тоҷикистон воситаи идоракунии мутамарказ боқӣ мемонад, ки пешрафти технологӣ бо таҳкими суботи сиёсӣ мебошад.

Ташаббусҳои стратегӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ ва меъёрҳои муҳимтарини татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути таҳия ва қабул намудани барномаҳои дурнамои рушди соҳаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалӣ мегарданд. Ин ташаббусҳо на танҳо ҳамчун заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои амалигардонии сиёсати иттилоотӣ хизмат менамоянд, балки ҳамчун омилҳои муҳим дар таҳкими заминаҳои устувори давлатдорӣ, рушди демократия ва такмили идоракунии рақамӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ нақши калидӣ доранд. Дар натиҷа, ташаббусҳои стратегӣ ҳамчун василаи асосӣ барои мутобиқсозии низоми

иттилоотӣ ва технологӣ бо талаботҳои муосири ҷаҳонӣ ва кафолат додани ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ҷиҳати пешрафти устувор ва афзоиши рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд. Ташаббусҳои стратегӣ кӯмак мекунанд, то сиёсати иттилоотӣ дар кишвар амалӣ ва муваффақ гардад. Воқеан, ин ташаббусҳо на танҳо дар татбиқи сиёсати иттилоотонӣ, балки дар соҳаҳои гуногун, ки ба рушди ҷомеа ва кишвар таъсир мерасонанд, таъсири амиқ доранд.

Аз ҷумлаи ташаббусҳои стратегӣ, ки ҳамчун заминаи сиёсии татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар Тоҷикистон хизмат мекунанд, метавон ба тасвиб ва амалӣ кардани барномаҳои миллӣ ва санадҳои муҳим ишора кард:

Барномаҳои миллии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони барои рушди Тоҷикистон" [15], "Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017» [1] дар ин самт рисолати бузургеро ба анҷом расониданд. Ин стратегияи миллӣ дар Тоҷикистон барои таъмини рушди инфраструктураи рақамӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати иттилоотӣ ва таъмин кардани дастрасии шаҳрвандон ба интернет ва дигар хадамоти расонаӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳадафи он таъмин кардани шаҳрвандон бо имкониятҳои рақамӣ ва рушди заминаҳои техникӣ барои рушди соҳаи иттилоот дар кишвар мебошад.

«Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4] (e-Government)**.** Ташаббус дар самти рушди электронӣ ва идоракунии давлатӣ барои беҳтар кардани пайвастагӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон бо истифодаи усулҳои рақамӣ асос гузоштааст. Ҳадафи ин консепсия таҳияи шабакаҳои давлатиро бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ва таъмин кардани истифодаи хадамоти давлатии онлайнӣ аст.

Бахши дигари татбиқи сиёсати иттилоотонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини амнияти итилоотӣ ва кибернетикӣ пайваст мебошад. Дар ин самт

барномаҳои рақамии ҳифзи маълумот ва киберамният зарурати ҳатмӣ дорад. Ин маънои онро надорад, ки дар Тоҷикистон ташаббусҳои стратегӣ атрофи таъмини амнияти итилоотӣ ва киберӣ гирифта нашудааст. Дар ин ҷода муваффақиятҳо беш аз пеш ба назар мерасанд. Ташаббусҳои стратегӣ дар самти киберамният ва ҳифзи иттилоот дар Тоҷикистон ба рушди таҳкими амният дар ҷаҳони рақамӣ, пешгирӣ аз хатарҳои интернетӣ ва ҷиноятҳои киберӣ муҳим мебошанд. Ҳадафи ин ташаббусҳо ҳифзи дастрасии бехатар ба маълумот ва сабт кардани иттилооти шахсони ҳуқуқӣ дар муколамаи рақамӣ мебошад.

Аз оғози солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии созанда ва пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ташаббусҳо ва иқдомҳои васеи стратегӣ ҷиҳати таҳкими низоми ҳуқуқӣ ва сиёсати амнияти иттилоотӣ амалӣ гардиданд. Ин раванд бо мақсади ҳамоҳангсозии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳо ва талаботҳои муосири ҷаҳонӣ, таҳкими ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар дар фазои рақамӣ ва пешгирии таҳдидҳои мураккаби иттилоотии ҷаҳонӣ роҳандозӣ гардида, инчунин ба ташаккули механизми самаранок ва устувори амнияти иттилоотӣ дар сатҳи давлатӣ мусоидат мекунад; дар ин замина, барқарорсозии сохторҳои қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати давлатии иттилоотӣ ҳамчун рукни асосии таъмини амнияти миллии рақамӣ ва рушди инноватсионӣ дар ҷомеа мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифта, ки ин раванд бо дарназардошти таҳаввулоти босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва хатарҳои нави иттилоотӣ ба таври васеъ ва фарогир амалӣ мегардад.

Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» (06.08.2001) ҳамчун қадами нахустини таърихӣ дар самти танзими муносибатҳо вобаста ба маълумот ва иттилоот дар ҷомеа, заминаи ҳуқуқии рушди соҳаи иттилоот ва технологияҳои рақамиро фароҳам овард. Пас аз он, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (10.05.2002)

равиши ҳуқуқии муносибатҳо байни субъектҳои иҷтимоӣ, давлатӣ ва шаҳрвандонро дар ҷодаи дастрасӣ ва мубодилаи иттилоот муайян намуд, ки ин барои ташаккули фазои шаффоф ва демократии иттилоотӣ замина гузошт.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоотӣ» (02.12.2002) механизмҳои ҳуқуқиро барои таъмини бехатарии иттилоотӣ ва муҳофизати ҳуқуқи субъектҳо муқаррар кард, ки ин барои нигоҳдории суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (30.07.2007) ҳамчун воситаи асосии таъмини эътимоднокии низоми иттилоотӣ ва афзоиши самаранокии равандҳои электронӣ дар соҳаи давлатӣ ва хусусӣ мавқеи муҳим касб намуд.

Илова бар ин, қабули қонунҳои «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ» (15.03.2011) ва «Дар бораи криптография» (03.12.2012) барои танзими истифода ва ҳифзи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рамзгузории маълумотҳо ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳи давлатӣ аҳамияти калон доранд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (19.03.2013) фаъолияти ВАО-ро дар самти ташаккули фазои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷамъиятӣ таҳким бахшид.

Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» (26.06.2014) муқаррароти қатъӣ ҷиҳати ҳифзи маълумоти махфӣ ва ҳассосро муқаррар намуда, бо ин восита амнияти миллӣ ва суботи дохилии кишварро таъмин менамояд. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.11.2003) ҳамчун ҳуҷҷати стратегии сиёсати амнияти иттилоотӣ мавқеи ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми амнияти иттилоотиро муқаррар намуда, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои субъектҳои гуногунро дар ин самт таъмин мекунад.

Татбиқи ин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва стратегӣ на танҳо барои рушди мӯътадили соҳаи иттилоот ва технологияҳои рақамӣ мусоидат мекунад, балки ҳамзамон ҳамчун сутуни асосии таъмини амнияти миллии Тоҷикистон

ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар шароити глобализатсияи босуръат ва таҳдидҳои фарогири ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таҳкими пойгоҳи ҳуқуқӣ ва ташаккули сиёсати иттилоотии давлат бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаҳои пешрафта барои таъмини устувории давлатдорӣ, демократия ва рушди устувори кишвар аҳамияти стратегии хосса дорад.

Бо ин раванд, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст, ки дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ барои таъмини фазои иттилооти боэътимод, шаффоф ва бехатар заминаҳои устуворро фароҳам оварад.

Мувофиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3], самтҳои стратегӣ барои таҳкими амнияти иттилоотии кишвар ҳангоми истифодаи технологияҳои муосир ва нигоҳ доштани собитии иттилоотии давлатӣ ба назар гирифта шудаанд. Бар асоси ин, самтҳои асосии сиёсати иттилоотӣ ба таҳкими захираҳои иттилоотии давлат, густариши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои иттилоотӣ, ва амалишавии ҳамкории кишвар дар ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ равона шудаанд.

Дар робита бо амнияти иттилоотии кишвар, як қатор тадбирҳо, аз ҷумла гузаронидани чораҳои профилактикӣ, истифодаи барномаҳои зидди вирусҳои иттилоотӣ, таҳияи тарзҳои хос барои ҳифзи иттилоот ва тақвияти иҷрои вазифаҳои ВАО-и давлатӣ ҷиҳати ҳифзи фазои иттилоотии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ, таҳия гардиданд. Ба таваҷҷуҳ, бо мақсади ворид намудани технологияҳои иттилоотии «насли панҷум» ва таъсис додани маркази ҳамоҳангсозии амнияти иттилоотӣ дар сохторҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, як қатор иқдомҳои назаррас амалӣ гардидаанд.

Таъкиди ташаббусҳо дар самти иттилоотикунонии аҳолӣ бо мақсади мафкурасозии миллӣ-сиёсӣ ва ҳифзи фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ-сиёсӣ дар шароити мураккаби ҳамкории тамаддунҳо ва ҳамзистии аҳолӣ, ки бо ҳадафҳои рушди устувори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг аст, яке аз рукнҳои стратегии сиёсати давлат ба ҳисоб

рафта, на танҳо ҳамчун омили тақвияти давлатдории миллӣ, балки ҳамчун василаи муҳими ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва идеологӣ шинохта мешавад. Ин раванд дар заминаи таҳдидҳои иттилоотӣ ва идеологие, ки аз ҷумлаи таъсирҳои глобалӣ бар ҷомеаҳо ва фарҳангҳои миллӣ ба вуҷуд меоянд, аҳамияти хосса дошта, таъмини устувории системаи иҷтимоӣ ва сиёсиро таъмин менамояд. Бо назардошти ин, ташаккул ва татбиқи стратегияҳои самараноки иттилоотикунонии аҳолӣ, ки асоси он ҳифзи арзишҳои миллӣ, рушди маънавӣ ва таҳкими пайвандҳои иҷтимоӣ бо истифода аз технологияҳои муосир мебошад, барои Ҷумҳури Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва фарогири шаҳрвандон муҳим буда, кафолати пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ ва сиёсиро таъмин месозад. Ин ташабусҳо на танҳо барои ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, балки барои таъмини осоиштагӣ, устуворӣ ва рушди сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ низ зарур мебошанд. Дар шароити глобализатсия ва бархӯрди тамаддунҳо, ки дар натиҷаи интишори босуръати иттилоот ва муттаҳидсозии кишварҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, таҳкими мафкура ва фарҳанги миллӣ барои ҳимояи айнияти миллатҳои гуногун ва муқовимат ба таҳдидҳои берунӣ аҳамияти калон пайдо мекунад.

Иттилоот ва мафкурасозии миллӣ-сиёсӣ метавонад асоси ҳифзи айният ва истиқлолияти кишварҳоро таъмин кунад. Дар шароити муосир, ки глобализатсия ва технологияи иттилоотӣ ба зудӣ тараққӣ мекунанд, як нафар метавонад ба омӯзиш ва паҳн кардани иттилоот дар баробари таъсироти фарҳангии дигар кишварҳо ва ифротгароии идеологияҳои мухталиф муқовимат нишон диҳад. Вале барои амалӣ кардани чунин ташабусҳо бояд як системаи мукаммал ва интегратсионӣ барои паҳн кардани иттилоот ва ташаккули як мафкураи устувор дар дохили ҷомеа эҷод шавад, ки дар он арзишҳо ва анъанаву расму оинҳои миллӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ нақши асосӣ дошта бошанд.

Дар заминаи таҳкими таҳлили равандҳои мураккаби технологӣ ва иҷтимоии асри муосир, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) бо шиддат ёфтани таъсири «сиёсати нарм»,

ҳамзамон бо шаклҳои гуногуни ғасби иттилоотӣ ва паҳншавии иттилооти экстремистӣ дар фазои ҷамъиятӣ, махсусан дар шаклҳои нави таҳдидҳои кибертерроризм ва киберэкстремизм, ки ба шуури иҷтимоӣ ва равандҳои сиёсӣ таъсири фарогир доранд, мавқеи марказӣ касб менамоянд; ин равандҳо, ки бо афзоиши ҳамлаҳои мураккаби кибернетикӣ ба низоми сиёсии ҷомеа ҳамроҳӣ мекунанд, зарурати таҳкими сиёсати иттилоотӣ ва амнияти кибернетикиро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ пеш меоранд. Бо назардошти ин, таъмин намудани устувории фазои иттилоотӣ ва идоракунии самараноки таҳдидҳои рақамӣ аз ҷузъи аслии амнияти миллӣ ва рушди устувори ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавии пурталотуми иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки амалисозии он бо таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ, ташаккули механизмҳои муассир ва ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳои ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар солҳои охир бо суръат рушд карда, ба як воситаи муҳими иртибот ва паҳн кардани иттилоот табдил ёфтаанд. Агар ин шабакаҳо, аз як тараф, иртиботи байни одамонро таъмин кунанд, аз тарафи дигар, онҳо ба як манбаи муҳими тарғиб ва таълимоти ифротӣ ва ҳамчунин ба як воситаи таъсиррасонӣ дар равандҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа табдил шудаанд.

Шабакаҳои иҷтимоии гуногун, ки дар фазои глобалии интернет фаъолият мекунанд, дорои хусусиятҳои хоси техникӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки онҳо ҳар кадом дар таҳкими равобити иҷтимоӣ, мубодилаи иттилоот ва ташаккули афкори умумӣ нақши муассир ва фарққунандаро иҷро менамоянд. Платформаҳои маъруфи ҷаҳонӣ мисли «Instagram», «Facebook», «Twitter», «Telegram», «WhatsApp», «Wechat», «TikTok», «Snapchat», «Pinterest», «Signal», «YouTube», «Rutube», «IMO», «В Контакте», «Одноклассники», «Viber», «Мой мир», «Мир тесен», «Yandex: Мой круг», «MYSPACE», «BeOn» ва дигарон, ҳар кадом бо технологияи худ ва тарзи махсуси ҷалб ва муошират дар байни корбарон, дар муаррифии фарҳангҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таъсири сиёсӣ ва иҷтимоӣ саҳми назаррас доранд.

Ин шабакаҳо бо истифода аз механизми рақамӣ ва протоколҳои муосири иттилоотӣ имконияти фароҳам овардани платформаҳои мутақобилаи иттилоотӣ, таҳкими ҷамоаҳои виртуалӣ ва ташаккули фазои иттилоотиро фароҳам меоранд. Ҳар яке аз ин шабакаҳо дорои хусусиятҳои муайян дар самти муошират, ҳифзи махфият, сатҳи дастрасӣ ва ҳамгироӣ бо дигар платформаҳо мебошад, ки ин омилҳо таъсири иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳоро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ муайян месозанд.

«Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши накш ва таъсири ҳар яки шабакаҳои иҷтимоӣ дар контексти рушди ҷомеаҳои муосир, ташаккули фазои иттилоотӣ ва сиёсӣ, ҳамчунин назорат ва танзими фаъолияти онҳо дар доираи сиёсати давлатӣ ва байналмилалӣ аҳамияти стратегӣ дошта, барои таҳкими амнияти иттилоотӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ зарур мебошад. Аз ҷумла, «Facebook» бузургтарин шабакаи иҷтимоии интернетӣ аст, ки дар чор моҳи аввали соли 2022, беш аз 2,9 миллиард аъзои фаъол дошт» [153].

Дар Тоҷикистон, ки дар марҳилаи босуръати рушди ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорад, истифодаи ТИК як омили асосӣ ва муҳим дар равандҳои сиёсии кишвар мебошад. Бар асоси омори расмӣ, истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон хеле зиёд шудаанд. Ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатии худ дар соли 2021 қайд карданд, ки «соли 2021, истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил доданд ва шумораи муштариёни алоқаи телефонии мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расид».

«Мувофиқи маълумоти «Data Reportal», то январи соли 2022 дар Тоҷикистон 1,49 миллион истифодабарандагони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2021 426 ҳазор зиёд гардидааст. Аз ҷумла, то январ 2022 дар Тоҷикистон 1,04 миллион истифодабарандагони «Instagram» ба қайд гирифта шудаанд, ки 10,5% аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, 443,4 ҳазор

истифодабарандагони «Facebook» ва 71 ҳазор истифодабарандагони фаъоли «Linkedin» дар кишвар мавҷуданд. Ин нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, ки байни шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон тафовутҳои назаррас мавҷуданд, вале ҳамзамон, рушди ТИК дар кишвар бо суръати баланд идома дорад» [153].

Дар маҷмуъ, истифодаи сомонаҳои интернетӣ, хосатан шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, бо ҷалби калон ва фаъолонаи ҷавонон дар фазои маҷозӣ бениҳоят афзудааст. Шаҳрвандон дар чунин фазо фаъол буда, бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо барои табодули иттилоот, балки барои иштироки фаъолона дар равандҳои сиёсии кишвар ва ҷаҳон низ фаъолият мекунанд.

Дар ин самт, таҳкими мафкурасозии миллӣ ва сиёсати иттилоотӣ метавонад марҳалаи муҳим ва ҳассос барои нигоҳдории мустақилии сиёсӣ ва эҳё кардани фарҳангҳои миллӣ бошад. Ба эҳтимол, ин раванд бо барномаҳое, ки пешбинии онҳо бо истифода аз каналҳои гуногуни иттилоотӣ ва маҳдуд кардани таҳдидҳои хориҷӣ ва асли фарҳангии дигар кишварҳо робита мекунад, бо мақсади таъмини фарҳанг ва айният дар давраи муосир муҳим мебошад. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки бо таҳкими ҳамкориҳои фаромарзӣ ва нобуд шудани марзҳои анъанавӣ байни давлатҳо ва тамаддунҳои гуногун тавсиф мешавад, шароити мураккаби фарогиреро барои кишварҳо ва ҷомеаҳои миллӣ фароҳам меорад, ки дар он таъсири васеи фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонад боиси тағйирёбии шеваҳои зиндагӣ, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ гардад; дар ин замина, таҳкими мафкурасозии миллӣ ҳамчун воситаи стратегӣ ва сиёсӣ барои ҳифзи ҳувият ва таъмини идомаи рушди фарҳангӣ, адабӣ ва иҷтимоии миллатҳо бо роҳи ҷорӣ намудани низоми муназзами иттилоотӣ ва рушди фазои иттилоотии миллии воқеан самарабахш нақши беназир ва асосӣ мебозад, зеро он имкон медиҳад, ки муқобилият ба таъсироти номатлуби ҷаҳонӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ байни мақсадҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатҳо дар шароити муосир амалӣ гардад ва дар ҳифзи манфиатҳои миллии ҳар як кишвар, бахусус дар шароити таъсири

густурдаи фазои иттилоотии глобалӣ ва таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ, ҳамчун унсури муҳими устувории сиёсӣ ва фарҳангӣ баррасӣ карда шавад.

Дар шароити мураккаби муосири бархурди тамаддунҳо, ки он бо омезиши гуногуни арзишҳо, фарҳангҳо ва ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳамроҳ аст, таҳкими ҳамоҳангии фарҳангӣ ва рушди он тавассути фаҳмиши амиқ ва эҳтиром ба анъанаҳо, расму ойинҳо ва арзишҳои миллӣ на танҳо ҳамчун омилҳои муҳими нигоҳдории ҳуввияти миллӣ, балки ҳамчун омили асосии таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ ва таъмини амнияти сиёсии давлат баррасӣ мешаванд; дар ин замина, таҳкими иртиботҳои фарҳангӣ ва таълимии байниқавмӣ, инчунин ташаккули сиёсати фарҳангии ҳамоҳангшуда ва устувор, ки бар пояи эҳтироми мутақобила ва омӯзиши амиқ ба мероси маънавӣ ва таърихии миллатҳо қарор дорад, ҳамчун шарти зарурӣ барои мутобиқшавӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва иҷтимоии давлат арзёбӣ мегардад. Ин раванд инчунин имконият фароҳам меорад, ки дар фазои глобалӣ ва рақамӣ таҳкими мафкураи миллӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳушёрии иҷтимоӣ дар самти ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар назди таҳдидҳои идеологӣ ва иттилоотии хориҷӣ таъмин гардад. Аз ин рӯ, таҳкими ҳамоҳангии фарҳангӣ ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ яке аз унсурҳои стратегии рушди устувори давлат ва ҷомеа буда, ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти миллии сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд дар сиёсати давлат ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври ҷиддӣ инъикос ёбад ва татбиқ гардад. Ин маъзаратро на танҳо дар дохили давлатҳо, балки дар робита бо кишварҳои дигар ва дар кӯшишҳои якҷоя барои рушд ва амният эҷод мекунад. Вале барои амалишавии ин барномаҳо, давлат бояд нақши ҳалкунанда ва эҷодкунандаи шартҳои мусоиди ҳамкории байналмилалӣ, низоми таълими ҳуқуқӣ ва фарҳангии саҳмгириро дар ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ таҳия кунад.

Таъмини мавқеи сиёсӣ устувор дар ҳамбастагӣ бо ҳифзи фарҳанги миллӣ ва мусоидат ба густариш ва таҳкими фазои сиёсӣ дар кишварҳо, бахусус дар марҳалаи арафаи бархурди тамаддунҳо, метавонад ҳамчун

имконияти стратегӣ ва падидаи муҳими рушди устувори низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ гардад. Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва мураккабшавии равандҳои байналмилалӣ, ки бо зуҳуроти низоъҳои тамаддунию фарҳангӣ ва таҳдидҳои глобалӣ ҳамроҳанд, ин равандҳо бояд бо ҳамдигар мутавозин ва ҳамоҳанг амал кунанд, то вазифаҳои калидии худ - аз ҷумла ҳифзи айният ва таъмини устувории фарҳанги миллӣ - бо сифати баланд ва самаранок иҷро шаванд.

Дар ин контекст, ҳифзи айният ҳамчун унсури стратегӣ ва решавии рушди миллат ва давлат бояд дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ҷойгоҳи муҳим дошта, барқарорсозии ҳамоҳангии байни тамаддунҳо ва фарҳангҳои гуногунро ба манзури пешгирӣ аз низоъҳо ва таҳкими ҳамзистии осоишта таъмин намояд. Устувории фарҳанги миллӣ дар ин раванд на танҳо ба ҳифзи мероси таърихӣ ва арзишҳои беназири миллӣ равона шудааст, балки ҳамчун воситаи муҳими таъмини субот ва амнияти миллӣ ва таҳкими истиқлолият ва худшиносии миллӣ нақши ҷузъӣ мебозад.

Аз ин нуқтаи назар, муносибати муносиб ба раванди ҳамзистии тамаддунҳо дар фазои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд бо истифодаи механизмҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ дар доираи сиёсати давлатӣ ба роҳ монда шавад, ки ин барои таҳкими иқтидори сиёсӣ, густариши ҳамкорӣ ва пешгирии бархӯрдҳои эҳтимолӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, иҷрои вазифаҳои мазкур дар доираи таҳкими фарҳанги миллӣ ва мавқеи сиёсӣ устувор, таҳкими фазои сиёсӣ ва идораи муваффақонаи таҳдидҳои глобалӣ метавонад ҳамчун омили муҳими таъмини рушди устувор ва суботи кишварҳо ва минтақаҳо шинохта шавад.

Ташаббусҳои стратегӣ дар доираи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун асоси таъмини таҳкими заминаҳои сиёсатӣ-ҳуқуқии соҳа ва таҳкими муносибатҳои ҳамкории мутақобила байни давлат ва шаҳрвандон нақши ҳалкунанда мебозанд, ки ин омил дар рушди самараноки бахшҳои гуногуни ҷомеа, ки бо истифодаи технологияҳои муосир алоқамандӣ доранд, таъсири амиқ мерасонад; татбиқи чунин ташаббусҳо имконият фароҳам меорад, ки

шароити мусоид барои пешбурди рушди инноватсионӣ, тақвияти шаффофият, баланд бардоштани сатҳи ҷалби аҳолӣ ба равандҳои идоракунӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки ин, дар навбати худ, барои таъмини устувории сиёсӣ, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи амнияти иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ заминаи мустаҳкам мегузорад.

Масъалаи татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ки ба рушди соҳаи иттилоот, иртиботот ва расонаҳо дахл дорад, барояш аҳамияти вижае медиҳад. Ин масъала метавонад дар чаҳорчӯби бахшҳои мухталифи ҷомеа ва давлат мутамарказ шавад. Ҳукумати Тоҷикистон тавассути мақомот ва вазоратҳои гуногун сиёсати иттилоотиро амалӣ мекунад, ки якҷо бо тарҳрезии стратегиҳои миллии расонаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ ба анҷом мерасад. Ба ин мувофиқ, дар кишвар қонунгузорӣ ва механизмҳои назоратӣ ба татбиқ мерасанд, ки бештар ҳадафи таъмини амният ва тартиботи иттилоотиро доранд. Мухтасар, сиёсати иттилоотии Тоҷикистон ба таъмини амният, муҳофизат аз таъсири манфии маълумот, ва таъмини рушди технологии кишвар равона шудааст. Масалан, дар самти таъмини амнияти миллӣ ва татбиқи равандҳои иттилоотонӣ мақомоти асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ва иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи хифзи сирри давлатӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати мудофиа ва Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият доранд. Барои мубориза бо киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, дар Маркази муқовимат ба терроризм ва экстремизм Вазорати корҳои дохилӣ, як воҳиди махсуси муборизаи зидди киберҷиноятҳо таъсис ёфтааст, ки амнияти иттилоотиро дар ҳамоҳангии бо дигар мақомоти давлатӣ таъмин менамояд.

Таҳкими амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, ки таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои киберӣ рӯ ба афзоиш аст, вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан мақомоти корҳои дохилӣ ва бахши институтсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Заминаҳои техникию барномавии татбиқи сиёсати иттилоотикунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти калон доранд. Татбиқи муассири сиёсати иттилоотикунонӣ вобаста ба ду ҷузъи асосӣ мебошад: заминаи техникию инфрасохторӣ ва барномавии мутобиқ бо стандарти ҷаҳонӣ. Ин заминаҳо кӯмак мекунанд, ки инфрасохтори муносиб барои рушди соҳаи иттилоот ва интернети кишвар ташкил шавад ва истифодаи технологияҳои муосир ва ҳамаҷониба барои таҳкими сиёсати иттилоотонӣ таъмин гардад.

Заминаи техникии татбиқи сиёсати иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон ба рушди инфрасохтори интернет ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин ба истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир барои таъмин кардани дастрасии босифат ва бехатари маълумот ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо нигаронида шудааст.

Яке аз омилҳои асосии татбиқи сиёсати иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон, бунёд ва такмил додани инфраструктураи интернет мебошад. Бо афзоиши талабот ба хидматҳои интернет ва фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ, Тоҷикистон бояд суръат ва сифатро дар пешниҳоди хидматҳои интернет беҳтар созад. Заминаи техникии амниятӣ барои ҳифзи маълумот ва муҳофизат аз таҳдидҳои киберҳуҷумҳо ва хавфи ишғол кардани маълумотҳои шахсӣ ва махфӣ бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Тоҷикистон бояд механизми амнияти иттилоотии муассирро истифода барад, ки ба муҳофизати шабакаҳо, мессенҷерҳо, ва саҳифаҳои веб, инчунин таъмин кардани амният дар интернет равона шуда бошад.

Хулоса, сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як раванди мукаммали рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва иттилоот дар кишвар аст, ки бо мақсади таъмини дастрасии баробар ба маълумот, таҳкими амнияти иттилоотӣ, ва истифодаи муассири интернет ва расонаҳо ба роҳ монда шудааст. Ин сиёсат бо такя ба стратегияи миллӣ ва байналмилалӣ таҳия шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи иттилоот ва истифодаи он дар

тамоми соҳаҳо, аз ҷумла маориф, иқтисод, сиёсати давлатӣ ва фарҳанг мусоидат мекунад.

Меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иттилоот, интернет, ва амнияти иттилоотӣ, нақши муҳими сохтани инфраструктураи интернети баландсуръат, ва таҳкими заминаи ҳуқуқии истифодаи иттилоот дар кишварро дар бар мегиранд. Тоҷикистон барои таъмини амният дар интернет ва мубориза бо таҳдидҳои киберӣ, инчунин барои рушди соҳаи расонаҳо ва интернети электронӣ қонунҳои муайян ва барномаҳоро қабул намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотонӣ вобаста ба давру замон ва тағйирпазирии ҷомеа дар кишвари мо риоя шуда, дар пешрафти соҳаи иттилоотикунонӣ муҳиммияти худр дорад.

# БОБИ 3. СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ

Истифодаи васеъ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ки аллакай ба унсури муҳими амалиёти идоракунӣ ва таҳкими қудрати сиёсӣ табдил ёфтааст, нишондиҳандаи дарки амиқ ва эътирофи нақши беназир ва афзалиятҳои стратегӣ мебошад; бо вуҷуди ин, механизмҳои мураккаби таъсиррасонии ин технологияҳо дар сатҳи идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ то ҳол ба таври систематикӣ ва амиқ таҳқиқ нагардидаанд, ки ин омил боиси ҳодисаҳои баҳсҳои сиёсӣ ва тарғибу ташвиқи дидҳои ғайривоқеӣ ё нодуруст дар ҳуҷҷатҳои расмӣ мегардад. Аз ин рӯ, муайян ва таҳлил намудани хусусиятҳои таъсири низоми «ҳукумати электронӣ» ба иқтидори идоракунӣ ва самаранокии фаъолиятҳои субъектҳои сиёсӣ аз ҷумла вазифаҳои фаврӣ ва стратегӣ ба ҳисоб рафта, таҳлили он на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалии калон дошта, барои таҳкими сохторҳои идоракунии муосир ва таҳияи механизмҳои самараноки сиёсати давлатӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

«Барои дарки пурраи мафҳуми самаранокӣ мавқеи асосиро категорияи “мақсад” – ҳо муҳим аст. Он самаранок гардонидани идоракунии сиёсӣ ҳолате эътироф карда мешавад, ки бояд ба амал бароварда шавад. Ба амал баровардани мақсад ифодаи самаранок гардонидани идоракунии сиёсӣ буда наметавонад. Самаранокӣ аз дараҷаи иҷрошавандагии мақсадҳо бармеояд. Дар дараҷаи иҷрошавандагии мақсадҳо аҳамияти иттилоот ва технологияи иттилоотӣ дар шароити муосири инкишофи иттилоот ва ҷомеаи иттилоотӣ беш аз пеш меафзояд.

Идоракунии самаранокро метавон ҳамчун фаъолияти беҳтарини натиҷаҳои бадастомада, доир ба қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои аъзоёни он дар шароитҳои танзими захираҳои сиёсӣ мебошад.

Яъне самаранокӣ ин нишондоди то чӣ андоза субъектони идоракунӣ барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда саҳми худро оид ба татбиқшавии масъалаи иҷтимоӣ роҷеъ ба ноил шудан ба натиҷаҳои рушд сарфа кардаанд, мебошад.

Самаранокии идоракунии сиёсӣ моҳиятан таносуби натиҷаҳо ва дастовардҳои мақсадҳои иҷтимоиро бо истифода бурдани захираҳои ҳокимиятӣ мебошад. Идоракунии самаранок - ин фаъолияти бо натиҷаҳои имконпазири беҳтарин қонеъ намудани талаботҳо ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар шароити танзими захираҳо мебошад».

Самаранокии идоракунии сиёсӣ ҳамчун категорияи комплексӣ ва мултифакторӣ таҳлил мешавад, ки дар баробари арзёбии сатҳи дастёбӣ ба мақсадҳои стратегии ҷомеа, таҳлили натиҷаҳои амалӣ ва дараҷаи қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ низ ҷойгир аст. Ин категорияҳо на танҳо хусусиятҳои назариявии идоракунии давлатӣ ва сиёсатро инъикос менамоянд, балки дар амалишавии функсияҳои асосии давлатдорӣ ва равандҳои таҳкими низоми сиёсӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Аз ҷиҳати методологӣ, самаранокии идоракунии сиёсӣ бояд бо истифодаи низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои гуногунсанҷӣ арзёбӣ гардад, ки дар бар мегиранд сатҳи татбиқи мақсадҳои сиёсӣ - аз қабили таъмини суботи сиёсӣ, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва рушди демократия. Дар ин раванд, натиҷаҳо ба унсури муҳими арзёбӣ табдил ёфта, аз сифати хизматрасонӣ ба ҷомеа, иҷрои уҳдадориҳои қонунгузорӣ, самаранокии барномаҳои давлатӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои сиёсӣ вобаста мебошанд.

Қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои ҷамъиятӣ ба унсури муҳимтарини системаи идоракунии сиёсӣ табдил ёфта, ҳамзамон таҷассумгари эҳтиёҷоти воқеӣ ва орзуҳои стратегии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Талабот ва манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шароити муосир шаклҳои гуногун пайдо намуда, барои таъмини амалӣ гардидан ва пешбурди устувори онҳо зарур аст, ки захираҳои ҳокимиятӣ бо роҳҳои

самаранок ва мақсаднок истифода шаванд. Ин захираҳо, ки маҷмуи мураккаби захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ, фарҳангӣ ва иттилоотиро дар бар мегиранд, бояд дар доираи як низоми фарогир ва ҳамоҳанг бо механизми тақсимоти салоҳиятҳо ва таҳкими институтҳои давлатӣ ба кор бурда шаванд. Дар ин раванд, таъсиси механизми мутобиқ ва муассири назорати байнисоҳавӣ ба баланд бардоштани қобилияти идоракунии субъектҳои сиёсӣ ва мутобиқшавии онҳо ба шароитҳои тағйирёбандаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ки ин омил дар таҳкими пояҳои давлатдории муосир ва рушди устувори ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, таҳлил ва истифодаи стратегии захираҳои ҳокимиятӣ бояд дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва баррасии амалии омилҳои гуногун дар сатҳи баланди назариявӣ ва татбиқии сиёсӣ амалӣ гардида, барои таъмини самаранокии идоракунӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳамчун рукни муҳим эътироф гардад.

Илова бар ин, самаранокии идоракунии сиёсӣ бояд аз лиҳози динамикӣ ва стратегӣ баррасӣ шавад, ки дар он раванди танзим, тағйирёбӣ ва такмилёбии доимии механизмҳои идоракунӣ, мутобиқсозии онҳо ба таҳаввулоти дохилӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин таҳкими шаффофият ва масъулияти субъектҳои сиёсӣ ҷузъи муҳими низоми сиёсӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, арзёбии мунтазами самаранокӣ на танҳо ба мақсадҳои кӯтоҳмуддат, балки ба таъмини рушди устувори кишвар ва таҳкими пояҳои давлатдории демократӣ нигаронида мешавад.

Самаранокии идоракунии сиёсӣ дар заминаи таҳлил ва ҳамгироии категорияҳои мақсадҳо, натиҷаҳо, талабот ва захираҳои ҳокимиятӣ, ки ба таҳкими устувории низоми сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона шудаанд, ҳамчун унсури муҳимми таҳкими идоракунӣ ва рушди сиёсати давлатӣ эътироф мегардад. Ин раванд дар марҳалаҳои гуногуни қабули қарор, татбиқ ва назорати сиёсати давлатӣ нақши марказӣ дошта, заминаи амалии таъмини субот, рушди иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ мебошад.

О.Ф. Шабров бар ин назар аст, ки «ҳар сиёсатро метавон вобаста ба он арзёбӣ кард, ки оё ба рушди шахсият ва ҷомеа мусоидат мекунад ё не. Олим боварии комил дорад, ки самаранокии идоракунии сиёсиро андоза намудан чандон мушкилӣ надорад. Дар асоси таҳлили фаъолияти мақсадвоқеъкунонаи тамоми таркиботи институтсионалии системаи сиёсӣ, ки дараҷаи муносибатҳои ҳокимиятӣ – идоракунии сиёсиро дар амал татбиқ мекунанд, метавон нишондоди самаранокии онро муайян намуд» [85]. Муҳокимаи самаранокии идоракунии сиёсӣ дар шароити муосир бояд на танҳо дар заминаи назариявӣ, балки бар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ченшаванда сурат гирад, ки дар навбати худ имкони арзёбии воқеии фаъолияти сиёсатмадорон ва институтҳои давлатӣ дар таъмини манфиатҳои умумимиллиро фароҳам меорад. Мафҳуми «манфиати умум», ки дар муҳити сиёсӣ то андозае абстрактӣ ва ҳатто идеалистӣ маънидод мешавад, дар раванди таҳлили системавии сиёсати давлатӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ хусусиятҳои мушаххас ва возеҳро касб менамояд. Дар чунин ҳолат, ин мафҳум ҳамчун унсури калидии нишондиҳандаи самаранокии идоракунии сиёсӣ хизмат мекунад, ки ба таври мустақим ба қобилияти институтҳои давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, таъмини суботи сиёсӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва ниҳоят, тақвияти низоми арзишҳои миллӣ ва ҳувияти сиёсӣ пайвандӣ дорад. Аз ин рӯ, арзёбии мантиқӣ ва илмии самаранокии идоракунӣ бояд дар асоси ҳамгироии омилҳои объективӣ - аз ҷумла сатҳи эътимоди ҷомеа ба ҳокимият, шаффофияти қарорҳо, ҷавобгарии сиёсӣ ва муассирии воситаҳои сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ - анҷом дода шавад. Ин равиш на танҳо барои таҳкими муносибати илмӣ нисбат ба омӯзиши сиёсат, балки барои рушди амалӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ низ аҳамияти муҳим дорад.

Барои баҳодиҳии самаранокии идоракунии сиёсӣ на танҳо мақсади раванди идоракуниро донистан, балки хусусиятҳои субъектҳои онро низ донистан зарур аст. Вобаста ба ин масъала муҳим аст, ки андешаҳои муҳаққиқ А.М. Старостинро, ки «ба масъалаи самаранокии ҳокимият ва

идораи давлатӣ аз ҷиҳати элитарӣ баҳо медиҳад, дида баромада шавад» [127; 91]. Элитаро субъекти асосии сиёсӣ дониста, А.М. Старостин чунин мешуморад, ки «самаранокии фаъолияти онҳо бо ду ҷиҳат алоқаманд аст: ҳокимиятӣ ва идоракунӣ. Ҷанбаи қудрати самаранокӣ бо қобилияти элитаҳо барои нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ дар дасти худ, дараҷаи қонунӣ будани онҳо, сатҳи эътимод ва дастгирии аҳолӣ алоқаманд аст. Ҷанбаи идоракунии самаранокӣ аз рӯи сатҳи тамоюли ҳадафҳо, ташкилӣ, самаранокӣ ва арзиши фаъолияти ҳукумат муайян карда мешавад ва бо динамикаи шахсии рушди инсонӣ ва ҷомеа алоқаманд аст. Аслан, ин ду ҳадафи фаъолияти идоракунӣ мебошанд: нигоҳ доштани қудрат (ҷанбаи қудрат) ва «беҳбудии мардум» ба маънои сифати зиндагии аҳолӣ ва дигар сифатҳои иҷтимоию иқтисодии давлати муваффақ (ҷанбаи идоракунӣ)» [138].

Бо дарназардошти зарурати таҳлили таъсири истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба самаранокии идоракунии сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсии муосир, мувофиқи мақсад аст, ки модели иттилоотӣ-кибернетикии К. Дойч ҳамчун воситаи назариявӣ ва методологӣ дар арзёбии равандҳои идоракунӣ истифода шавад [152; 153]. Ин модели инноватсионӣ низоми сиёсиро ҳамчун як системаи мураккаби кушода дар фазои муошироти иттилоотӣ ба таври марҳилавӣ таҳлил мекунад, ки дар он ҳар як унсур ва ҷараёни иттилоотӣ бо муҳити иҷтимоиву сиёсӣ дар алоқаи пайваста қарор дошта, худи давлат ҳамчун муҳаррик ва танзимгари раванди иттилоотӣ дар маркази система қарор мегирад. Модели мазкур иборат аз чор зинаи функсионалии асосист, ки тавассути онҳо идоракунии сиёсии муассир амалӣ мегардад: воридкунии иттилоот тавассути шабакаҳои ресепторӣ ва фишангҳои қабул, коркарди иттилоот бо шомил кардани таҳлил ва арзёбӣ, қабули қарорҳои сиёсии стратегӣ ва ниҳоят, марҳилаи "фикри бозгашт" дар шакли вокуниш ва мутобиқсозии сиёсати давлатӣ нисбат ба шароити муҳити иҷтимоӣ.

Ҷиҳати муҳимтарини ин модели назариявӣ дар он зоҳир мегардад, ки идоракунии сиёсӣ на танҳо як раванди механикӣ, балки як низоми мураккаби

иттилоотӣ мебошад, ки ба ҳамоҳангсозии донишу тасаввуроти иҷтимоии ҷомеа, қобилияти худтанзимкунӣ ва мутобиқшавӣ вобаста аст. К. Дойч дар таҳлилҳои худ мафҳумҳои техникӣ, монанди иқтидори шабака, сарборӣ ва динамикаи иттилоотиро истифода мебарад, ки фаҳмиши механизми гузариши иттилоот байни унсурҳои системаи сиёсиро имконпазир мегардонад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир, ки дар он «ҳукумати электронӣ» ҳамчун шакли нави идоракунии рақамӣ зуҳур намудааст, истифодаи ин равиши кибернетикӣ барои арзёбии сатҳи таъсир ва натиҷавияти қарорҳои сиёсӣ, самаранокии фаъолияти институтҳои давлатӣ ва вокуниши ҷомеа ба онҳо дорои аҳамияти калидӣ мебошад [152; 153].

Дар маҷмуъ, мутобиқати самараноки шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва системаи арзишҳои маънавию иттилоотии ҷомеа метавонад ба устувории сиёсии давлат ва такмили механизмҳои демократикунонии идоракунии давлатӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, татбиқи таҷрибаи амалии модели иттилоотӣ-кибернетикӣ дар таҳияи стратегияҳо ва сиёсатҳои давлатии иттилоотонӣ ва идоракунии муосир метавонад на танҳо ба беҳсозии идоракунӣ, балки ба таҳкими эътимоди байни давлат ва ҷомеа ҳамчун заминаи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ мусоидат намояд.

«Ҳамин тавр, Н.Винер ба арзишмандии иттилоот ва воситаҳои иттилоотӣ дар раванди ба амал баровардани сиёсат ва идоракунии сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, онро омили таҳким ва мутаҳаррики ин раванд таъриф додааст. Баровардани параллелҳо байни фаъолияти системаи иттилоотии фаъол ва сохтори ҷараёнҳои иттилоотӣ дар системаи сиёсӣ аз назари технолонӣ як усули хеле маъмули шарҳдиҳӣ дар адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди идоракунӣ мебошад» [48, с. 187]. Г. Лассвелл ба сифати мисол кори дипломатҳоро оид ба иттилоърасонӣ ба роҳбарияти сиёсии кишвар оварда, қайд кардааст, ки «хатҳои алоқае, ки аз муҳити берунии давлат меоянд, эквиваленти функсионалии шабакаи марказӣ мебошанд» [166; 167]. Ҷ.Е. Фонтейн

ҷанбаҳои институтсионалии иттилоотикунонии мақомоти давлатиро ба назар гирифта, бевосита менависад: «технологияи иттилоотӣ мағзи сар ва системаи асаб мебошад» [123, с. 66]. Аз назари муҳақиққони зикргардида назарияи шабакаҳои сиёсӣ дар идоракунии давлатиро тақвият мебахшад.

Т. Гоббс дар асари машҳураш «Левиафан, ё Материя, шакл ва қудрати давлат, калисо ва шаҳрванд» низ ба шабоҳати давлат ва махлуқи афсонавӣ - ҳайвони библиявии «Левиафан»-ро истифода кардааст. Т.Гоббс ин ташбеҳро инкишоф дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки «мансабдорон ва дигар намояндагони ҳокимияти судӣ ва иҷроия узвҳои сунъӣ мебошанд; подош ва ҷазо асабҳое мебошанд, ки дар бадани табии якхела вазифаро иҷро мекунанд» [52, с. 3] Файласуфи машҳури англис Томас Гоббс дар тафсири низоми муосири сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ, хизматчиёни давлатиро ҳамчун «асаб ва рагҳои» ҷисми ягонаи давлат баён менамояд, ки масъулияти асосии онҳо таъмин намудани пайвастагии сохтории давлат, интиқоли амрҳо аз марказ ба минтақаҳо ва татбиқи функсияҳои идоракунӣ мебошад. Ба андешаи Гоббс, хизматчиёни давлатӣ танҳо дар сурате ҳақ доранд, ки дар низоми идоракунии сиёсӣ фаъол бошанд ва дар амалӣ гардондани иродаи ҳокимияти олӣ иштирок намоянд, ки агар амалҳои онҳо аз номи «соҳибихтиёр», яъне ҳокими муҷаҳҳази сиёсӣ сурат гирад. Ин маънои онро дорад, ки манбаи асосии қонуният ва машрӯъияти амалҳои хизматчиёни давлатӣ маҳз иродаи сиёсии марказист, ки ба воситаи онҳо дар амал татбиқ мегардад.

Мафҳуми хизматчии давлатӣ дар андешаи Гоббс на танҳо ба маънои техникӣ - бюрократӣ, балки ба унсури идеологии ҳифзи низоми давлатдорӣ табдил ёфта, амали онҳо ҳамчун кафолати субот, ягонагӣ ва татбиқи мақсадҳои сиёсати умумимиллӣ арзёбӣ мегардад. Ба ин маънӣ, хизматчиёни давлатӣ на танҳо иҷрокунандагони иродаи ҳокимиятанд, балки унсурҳои ҳаётан муҳими сохтори идеологии давлат мебошанд, ки тавассути онҳо низоми «баданмонанд»-и давлат, ки Гоббс онро тасвир мекунад, ба ҳаракат медароянд ва амнияти сиёсӣ таъмин мегардад.

Аз дидгоҳи таҳлили сиёсӣ ва мафкуравии муосир, чунин муносибати Гоббс нисбат ба хизматчиёни давлатӣ муҳимияти бузурге дар ташаккули назарияи идоракунии давлатӣ, таъмини мутамарказсозии ҳокимият ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ дорад. Дар ин замина, масъулияти хизматчиёни давлатӣ бояд на танҳо ҳамчун амри маъмурӣ, балки ҳамчун як навъ масъулияти шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар назди ҷомеа арзёбӣ гардад. Ба ҳамин тартиб, фаҳмиши ин мафҳум дар замони муосир барои таҳкими низоми давлатдории ҳуқуқбунёд ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои назорат ва тавозуни ҳокимиятҳо аҳамияти назаррас дорад.

Дар китоби «Тиҷорат бо суръати фикр. Чӣ гуна муваффақ шудан дар асри иттилоот", ки соли 1999 дар ИМА ба нашр баромадааст. Соҳибкор ва арбоби ҷамъиятии маъруфи амрикоӣ Б. Гейтс ба масъалаҳои аҳамияти иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро дар бахши тиҷоратӣ арзишманд дониста, идорашавандагии тамоми раванду ҳодисаҳо сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо истифодаи иттилоот ва технологияи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳн кардани он таъкид мекунад» [50].

Мафҳуми «ширкат», ки дар доираи иқтисодиёти бозорӣ маъмулан ба ташкилоти тиҷоратӣ дахл дорад, агар дар заминаи таҳқиқоти низоми давлатӣ ва сиёсӣ бо мафҳуми «давлат» ё «системаи сиёсӣ» ва категорияи «мизоҷон» бо мафҳуми «шаҳрвандон» иваз карда шавад, ин таъриф пурра мувофиқ ба муҳити таҳаввулёбандаи идоракунии муосири давлатӣ, махсусан дар шакли «Ҳукумати электронӣ» мебошад. Ин маърифати назариявӣ таърифи системаи сиёсӣ ва равандҳои идоракунии давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозии босуръатро инъикос менамояд.

Аз назари Билл Гейтс - яке аз пешвоёни соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки таҷрибаҳои корбурди технологияҳои муосирро дар ҳама соҳаи тиҷорат ва ҳам идоракунии давлатӣ таҳлил намудааст, аксари мушкилоти ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир хусусияти иттилоотӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки барои ҳалли мушкилот истифодаи

воситаҳои рақамӣ, иртиботӣ ва технологияҳои коркарди иттилоот бо сифати баланд муҳим аст.

Консепсияи идоракунии нави давлатӣ (New Public Management), ки дар таҳаввули муносибатҳои муосири идоракунӣ ва давлатсозӣ нақши барҷаста дорад, дар ин ҷода барои татбиқи моделҳои муваффақи идоракунӣ дар бахши ҷамъиятӣ, ки аз таҷрибаҳои соҳаи тиҷорат бармеоянд, ҳамчун таҳаввули ҷадид ва равиши нави идоракунӣ эътироф шудааст.

Бо истифодаи таҷриба ва пешниҳодҳои Билл Гейтс ва таҳқиқоти марбут ба идоракунии нави давлатӣ, татбиқи «Ҳукумати электронӣ» дар сатҳи сиёсӣ ва маъмурӣ имконият медиҳад, ки равандҳои идоракунӣ бо усулҳои нав ва механизми рақамӣ оптималишуда, босуръат, шаффоф ва боэътимод амалӣ гарданд. Ин равиш ҷиҳати беҳтар кардани муносибати байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани сатҳи иштироки фаъолонаи аҳолӣ дар раванди идоракунӣ ва қабули қарорҳо муҳим мебошад.

Илова бар ин, татбиқи «Ҳукумати электронӣ» бо дарназардошти принсипҳои идоракунии нави давлатӣ ба такмили низоми мониторинг ва баҳогузории сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки иқтидори идоракунии миллӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ самаранoктару босифаттар гардонида шавад. Ин раванд, ҳамзамон бо баланд бардоштани дараҷаи ҷавобгарӣ ва шаффофият, таъсири мусбат ба рушди демократия, суботи сиёсӣ ва устувории низоми давлатиро дорад.

Аз ин ҷиҳат, омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи афкор ва назарияҳои муосири равобити идоракунӣ, аз ҷумла фикру андешаҳои Билл Гейтс, барои таҳияи стратегияҳои рушди «Ҳукумати электронӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо муҳим, балки стратегӣ мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки кишвар дар марҳалаи глобализатсия ва рақамигардонии ҷаҳонӣ бо низоми идоракунии пешрафта ва самаранок барқарор гардад ва дар таъмини рушду таҳкими давлатдории муосир саҳми назаррас гузорад.

Дар шароити муосири ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди бесобиқаи технологияи рақамӣ, ки бо болоравии талабот ба самаранокии идоракунии давлатӣ, шаффофияти сиёсати расмӣ, ҷавобгӯ будан ба ниёзҳои иҷтимоӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамроҳ гардидааст, татбиқи ҳукумати электронӣ ҳамчун маҷмӯи низомҳои муташаккили иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо воситаи муҳими таъмини ҳамгироии сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои ҷамъиятӣ бо шаҳрвандон ба шумор меравад, балки унсури зарурии таҳкими иқтидори идоракунӣ ва мутобиқшавии ҳокимият ба шароити тағйирёбандаи сиёсиву иҷтимоӣ ва стратегияи устувори давлатдории муосир буда, дар заминаи он давлат имкони истифодаи босамар ва саривақтии иттилооти таҳлилшуда, баланд бардоштани суръат ва дақиқии қабули қарорҳо, инчунин танзими хирадмандонаи равандҳои иҷтимоӣ, сиёсию маъмурӣ ва иқтисодиро пайдо мекунад, ки дар маҷмӯъ, кафолати асосии амнияти иттилоотӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори миллӣ ба ҳисоб меравад.

«Давлате, ки дар татбиқи сиёсати иттилоотониаш аз татбиқӣ консепсияи «ҳукумати электронӣ» истифода мебарад, ба талаботи ҷомеаи иттилоотии рушдёбанда бештар мутобиқ мешавад, ба таври самарабахш ва саривақтӣ ҳамчун посухгӯӣ дархостҳои муҳити сиёсии дохилӣ ва беруна гардида, хароҷоти вақт ва молиявӣ барои фаъолияти идоракунӣ кам мешавад. Аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ таъсири технологияҳо ва воситаҳое, ки самаранокӣ ва эътимоднокии мубодилаи иттилоотро зиёд мекунанд, қобилияти коркарди ҳаҷми зиёди иттилоотро фароҳам меоранд, боиси баланд шудани самаранокии фаъолияти идоракунӣ мегардад» [94, с. 177].

Яке аз омилҳои муҳими таъмини самаранокии фаъолияти идоракунӣ дар шароити татбиқи васеи технологияҳои иттилоотию электронӣ, таҳкими қобилияти институтсионалӣ ва ташаккули механизмҳои устувори идоракунии давлатӣ ва сиёсиро ташкил медиҳад, ки он имкони коҳиши сатҳи номуайяниҳо ва ноустувориҳои раванди идоракуниро, ки аз норасоии иттилоот ва набудани ҳамоҳангии байни сохторҳои идорӣ ба вуҷуд меоянд,

фароҳам сохта, дар навбати худ заминаҳои таҳкими шаффофият, вокунишгароии система ба талаботи иҷтимоӣ ва рушди идоракунии таъсирбахшро муқаррар месозад. Г.Саймон ҳанӯз дар соли 1977 ба таъсири назарраси технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, аз ҷумла дар мавриди онҳо қайд карда буд: «Ҷорӣ намудани компютерҳо тарзи қабули қарорҳоро тағйир дод. Ҳоло менеҷерон метавонанд маҷмӯи бештари масъалаҳои ҷории идоракунии бо ҳам алоқамандро назар ба пештара баррасӣ кунанд. Худи баҳодиҳии шароит ҳангоми қабули қарори мушаххас аз манбаъҳои иттилоот ва қобилияти менеҷер дар қабули ҳисобҳо вобастгии калон дорад» [115, с. 27]. Бояд қайд намуд, ки татбиқи консепсияи «ҳукумати электронӣ» ҳамчун омиле барои беҳтар намудани низоми идоракунии давлатӣ ва сиёсӣ, бо афзоиши қобилияти қабул ва коркарди иттилооти муҳими стратегӣ ва оперативӣ, ки барои таҳияи қарорҳои муассири сиёсӣ ва идоракунӣ заруранд, имконияти бартарафсозии маҳдудиятҳои амалӣ ва монеаҳои ташкилию иттилоотиро фароҳам оварда, ҳамзамон таҳкими ҳамкории байни субъектҳои давлатӣ ва ҷомеаро таъмин намуда, ба баланд гардидани самаранокӣ, шаффофият ва посухгӯии низоми идоракунӣ мусоидат менамояд, ки ин омилҳо дар маҷмӯъ барои таъмини ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдории демократӣ ва устувории иҷтимоиву сиёсӣ дар шароити муосири мураккабу фарогир нақши калидӣ доранд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таъсири ин технологияҳо ба самаранокии сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсӣ ҳамчун омиле стратегӣ ва муҳими таҳкими системаи идоракунии муосир ва устувории сохтори давлатдорӣ шинохта мешавад; татбиқи васеи платформаҳои рақамӣ ва системаи «ҳукумати электронӣ» ба субъектҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки иттилооти зарурираро бо дақиқӣ, фаврият ва боэътимодӣ қабул ва коркард намуда, раванди қабули қарорҳои сиёсиро бо таҳлилҳои ҳамаҷониба ва пешгӯии оқилона тақвият бахшанд, ки ин, дар навбати худ, равандҳои

дохилии идоракуниро оптималӣ месозад ва ҳамзамон робитаҳои байни ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандонро тавассути фароҳам овардани дастрасии васеи иттилоотӣ ва хизматрасониҳои босифат ва пайваста тақвият медиҳад; ин равандҳо заминаи устувори ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии сиёсӣ ва эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои давлатдориро фароҳам меоранд, ки дар маҷмуъ ба тақвияти суботи сиёсӣ, пешгирии фасод ва таҳкими пояҳои демократӣ мусоидат намуда, қобилияти мақомоти давлатӣ дар муқобила бо таҳдидҳои иттилоотӣ ва кибернетикиро тақвият мебахшанд; аз ҷиҳати стратегӣ, таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба самаранокии сиёсати давлатӣ бояд ҳамчун омили муҳими таҳкими иқтидори сиёсӣ ва идоракунӣ дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотӣ арзёбӣ гардад, ки онҳо бо мусоидат ба рушди устувори ҷомеа, таъмини суботи дохилӣ ва рушди иқтисодӣ нақши бунёдӣ дар муосиргардонии низоми сиёсӣ ва демократияи кишвар иҷро менамоянд; ҳамзамон, таҳлили марҳилаҳои функсионалии раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, ки аз муайян кардани мушкилоти афзалиятнок ва ташаккули масъалаҳои сиёсӣ, таҳияи роҳҳои алтернативии ҳалли онҳо, интихоби қарорҳои дахлдор ва қонунияту амалигардонии онҳо, то мониторинги иҷрои қарорҳои қабулшуда иборат аст, нишон медиҳад, ки истифодаи васеи системаҳои иттилоотии автоматӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои интернетӣ ва воситаҳои мониторинги ҷамъиятӣ дар ҳар як марҳила самаранокии раванди қабули қарорҳои сиёсиро бо кам кардани хароҷоти маъмурӣ ва таъмини ҷамъоварии саривақтии иттилооти объективӣ ба таври назаррас баланд мебардорад.

«Марҳилаи таҳия ва баррасии намунаҳои алтернативии қарорҳои сиёсӣ бо зарурати ташаккули маҷмӯи роҳҳои мувофиқ, ба мушкилоте, ки дар назди ҷомеа истодаанд, баҳодиҳии манфиатҳо ва хатарҳои гуногуни рушди рӯйдодҳои сиёсӣ, инчунин ҳамоҳангсозии онҳо бо гурӯҳҳои манфиатдор ва ҳалли ихтилофоти эҳтимолӣ тавассути истифодаи техноологияи иттилоотӣ мувофиқ карда мешавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва

коммуникатсионӣ дар ин равандҳо дар шароити ҳалли масъалаҳои банақшагирифтаи стратегӣ ва таҳлили оқибатҳои эҳтимолии хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асоси истифодаи системаҳои автоматии иттилоотӣ имконпазир аст. Самаранокии раванди мувофиқа кардани намунаҳои қабули қарорҳои сиёсӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ва ҳалли ихтилофҳо танҳо метавонад тавассути истифодаи унсурҳои дар амал татбиқи консепсияи "ҳукумати электронӣ» ба монанди гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байниидоравии мақомоти давлатӣ ва шабакаҳои бехатарии алоқаи давлатӣ таъмин карда шавад» [67; 85, с. 312-315; 89, с. 347-362 ].

«Ҳукумати электронӣ барои таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои сиёсӣ на танҳо аз ҷониби элитаи сиёсӣ, балки аз ҷониби ҷомеа воситаҳои мусоид фароҳам меорад ва шаҳрвандони алоҳида метавонанд ташаббускори баррасии ин лоиҳаҳоро дошта бошанд. Намунаи татбиқи чунин абзор дар аксар давлатҳои муосир метавонад, манбаи интернетии интишори ташаббусҳои ҷамъиятии шаҳрвандони ин давлатҳо ба ҳисоб равад ва барои ба миён гузоштани ташаббусҳои ҷамъиятӣ пешниҳодҳои шаҳрвандон оид ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин дар соҳаи такмили идоракунии давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ин, ҳангоми татбиқи унсурҳои демократияи электронӣ эҷоди механизм ба таъмини имконияти истифодаи самараноки он на ҳамеша мувофиқат мекунад. Дар адабиёти илмӣ аҳамияти мавқеъи мақомот нисбат ба чунин ташаббусҳо, бахусус лоиҳаи ташаббуси ҷамъиятии шаҳрвандон дар татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат ва амалӣ шудани ҳукумати электронӣ таъкид шудааст» [111, с. 47-51]. Маҳз омодагии мақомот барои ба инобат гирифтани иродаи ҷомеа тавассути шабакаҳои иртибототи электронӣ метавонад ба афзоиши самаранокии истифодаи ин воситаҳо такони бештаре бахшад.

«Марҳилаи интихоб, таҳия ва қонунӣ гардонидани қарори сиёсӣ, ки бо муайян кардани варианти ниҳоии қарор ва додани мақоми расмӣ ба ин қарор алоқаманд аст, дар марҳалаи кунунии рушди системаи идоракунии давлатӣ

ва дар маҷмӯъ системаи сиёсӣ аз таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дигаргун мешавад. Ҳамчун яке аз унсурҳои ин марҳала мо метавонем ташхиси ҷамъиятии лоиҳаҳои қарорҳои сиёсиро, аз ҷумла мавҷудияти меъёрҳои коррупсионӣ дар ин санадҳоро таъкид кунем. Талаботи кунунии ин соҳа бевосита ӯҳдадории интишори лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба хизматрасонии давлатиро дар вебсайтҳои расмии мақомоти давлатӣ ва ҷойгир кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар вебсайтҳои дигари давлатӣ, ки барои нашри лоиҳаҳои қарорҳо ва маълумот дар бораи натиҷаҳои муҳокимаи умумихалқии онҳо зарур аст, ишора мекунанд» [156].

Дар заминаи таҳаввулоти муосири технологӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, татбиқи системаи «ҳукумати электронӣ» ҳамчун унсури стратегии сиёсати давлатии идоракунӣ, махсусан дар марҳалаи амалигардонии қарорҳои сиёсӣ, нақши муассир ва фарогирро соҳиб гардида, имкониятҳои васеи таъмини мутобиқшавӣ ва муттасилии равандҳои маъмурии сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин таъмини шаффофият ва дастрасии оммавӣ ба иттилооти давлатӣ ва қарорҳо барои шаҳрвандон ва дигар субъектҳои алоқаманд фароҳам меорад; дар ин раванд, ҳамкории мутақобила байни мақомоти давлатӣ, ҷомеа, ташкилотҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ бо истифодаи технологияҳои муосири алоқа ва мубодилаи иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, коҳиш додани масрафи вақт ва захираҳо, ва таҳкими эътимод ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар равандҳои идорӣ ва сиёсӣ муҳимтарин ҷузъ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, татбиқи комплексии «ҳукумати электронӣ» дар доираи сиёсати иттилоотонии давлат на танҳо имкони рафъи монеаҳои анъанавӣ дар равандҳои маъмуриву идорӣ, балки таҳкими низоми демократӣ, таъмини устувории сиёсӣ ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандиро таъмин намуда, ба рушди устувори ҷомеа ва давлат мусоидат мекунад.

Ошкорбаёнии ҳокимият, ки дар марҳилаи татбиқи қарорҳои сиёсӣ таъмин мегардад, инчунин истифодаи шабакаҳои иртибототи интернетиро бо

ҷомеа тақозо мекунад. «Лоиҳаи «Ҳукумати кушод», ки дар шароити муосири татбиқи сиёсати иттилоотонии давлатҳои муосир ва татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ амалӣ мешавад, «механизмҳои технологияҳои иттилоотӣ»-ро ҳамчун самтҳои рушд, аз ҷумла таҳияи системаҳои коркарди электронии мактубҳо, шикоятҳо ва дархостҳо, таъсиси порталҳои мақомоти иҷроия, вебсайтҳои шӯъбаҳо дар назар дорад, ки дар онҳо маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, таҳияи системаҳои идентификатсия ва аутентификатсия ва ғайра ҷой дорад» [51, с. 154-160].

«Яке аз унсурҳои марҳилаи татбиқи қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ расонидани хадамоти давлатӣ мебошад. Аксари муҳаққиқон нақши назарраси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани самаранокии ин соҳаи муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷомеаро қайд мекунанд» [101, с. 89-92; 108, с. 5-6; 109, с. 30-33]. Дар баробари ин, дар адабиёти илмӣ «маҳдудиятҳои мавҷудаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла ба хусусиятҳои хизматрасониҳои инфиродии давлатӣ, ки имкон намедиҳад, ба таври комил ба хизматрасониҳои давлатии шакли электронӣ дахл доранд, қайд карда шудаанд» [107, с. 52-56].

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки маҳдудиятҳои мавҷуда хусусияти маҳаллии хусусӣ дошта, ба ҷанбаҳои муҳими ислоҳоти хизматрасонии давлатӣ дар доираи татбиқи механизмҳои «ҳукумати электронӣ» таъсири ҷиддӣ намерасонанд, зеро пешниҳоди хидматҳои давлатӣ дар шакли электронии онҳо на танҳо хароҷоти вақти шаҳрвандонро бо ҷиҳати зарурати ташрифи мустақим ба мақомоти давлатӣ коҳиш медиҳад, балки сифати равандҳои маъмуриро дар дохили мақомоти давлатиро тавассути автоматикунонии бештари равандҳо беҳтар месозад, ҳамзамон хароҷоти молиявии кормандони маъмуриро кам менамояд ва сатҳи эътимоди ҷомеаро нисбат ба ниҳодҳои давлатдорӣ ба таври назаррас баланд мебардорад. Дар ҳамин ҳол, марҳилаи ниҳоии сикли идоракунӣ, ки равандҳои назорат ва

баҳогузории иҷрои қарорҳои сиёсиро дарбар мегирад ва ҳамзамон таҳлилу баррасии афкори оммавӣ дар робита ба ин қарорҳо ва самти фаъолияти сиёсию идоракунии мақомоти ваколатдорро фаро мегирад, ҳамчун рукни таърихӣ ва стратегӣ дар низоми идоракунии муосири давлатӣ нақши калидӣ дошта, на танҳо барои муайян намудани мутобиқат ва ҳамоҳангӣ дар амалишавии қарорҳои сиёсӣ бо моделҳои аслии қабули онҳо муҳим мебошад, балки барои таъмин намудани шаффофият, ҷавобгарӣ ва афзоиши эътимоди ҷомеа нисбат ба институтҳои давлатдорӣ низ аҳамияти беназир дорад. Истифода ва татбиқи технологияҳои муосири «ҳукумати электронӣ» дар ин марҳила имкониятҳои васеъ ва фарохеро барои субъектҳои тасмимгиранда ва идоракунӣ фароҳам меорад, ки тавассути дастрасии фаврӣ, пайваста ва боэътимод ба маълумоти пурра ва дақиқ дар бораи ҳолати иҷрои қарорҳо, чорабиниҳо, муҳлатҳои муқарраршуда ва шахсони масъул, имкон медиҳад назорати самаранок ва мунтазами равандҳои идоракунӣ ба таври босамар амалӣ гардад, ки ин омил дар таъмини ҳокимияти қонун ва идоракунии муассири давлатӣ нақши муҳим мебозад.

Ин механизмҳо бо истифодаи платформаҳои рақамӣ, технологияҳои таҳлилӣ ва мониторингӣ, ки қобилияти ҷамъоварӣ ва таҳлили миқёси васеи иттилоотро доранд, имкон медиҳанд, ки масъалаҳои дахлдор дар сатҳи оперативӣ ва стратегӣ таҳлил ва ҳалли худро ёбанд.

Илова бар ин, татбиқи васеи механизмҳои «Ҳукумати электронӣ» дар марҳилаи назоратӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини ҳамоҳангӣ, шаффофият ва муоширати самаранок байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеа нақши калидӣ мебозад, ки ин амалан ба афзоиши сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба низоми давлатдорӣ ва равандҳои қонунгузорӣ мусоидат намуда, боиси баландшавии сифати идоракунӣ ва назорати иҷрои қарорҳои сиёсӣ мегардад; инчунин, ин раванд на танҳо ба таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва рушди демократия равона шудааст, балки дар устувории сохтори сиёсӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар сатҳи миллӣ нақши стратегӣ ва бунёдӣ дошта, заминаи устувори рушди ҷомеаи шаҳрвандиро фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ин марҳила имкони фароҳам овардани муҳити ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоотии бисёрсатҳӣ байни мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори омма ва муассисаҳои таҳқиқотӣ, ро фароҳам меоранд. Ин ҳамкорӣ барои таҳкими фазои иттилоотии озод, ташаккули маърифати сиёсӣ ва ахлоқии ҷомеа, инчунин ба амал баровардани ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини суботи дохилӣ муҳим мебошад.

Татбиқи васеи технологияҳои «Ҳукумати электронӣ» дар марҳилаи ниҳоии сикли идоракунӣ бо мақсади таъмини назорати комплексӣ, самаранок ва шаффоф ба иҷрои қарорҳои сиёсӣ бояд ҳамчун омил ва механизми стратегӣ дар раванди таҳкими низоми идоракунии демократию ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, бо мақсади таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва таҳкими эътимоди ҷамъиятӣ доимо такмил ёбад ва таҷдиди назар гардад.

«Намунаи ташкили системаи иттилоотии ҳамаҷониба, ки равандҳои мониторинги иҷрои қарорҳои сиёсиро низ таъмин менамояд, ташаккул ва рушди системаи давлатии автоматикунонидашудаи иттилоотии идоракунӣ мебошад. Яке аз ҳадафҳои ин система назорат, таҳлил ва назорати иҷрои қарорҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қабулшуда, инчунин назорат, таҳлил ва назорати ноил шудан ба арзишҳои мақсадноки нишондиҳандаҳои пешбининамудаи фармонҳои элитаи сиёсиро дар бар мегиранд, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа ва беҳбуди вазъи татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат, таҳияи сиёсат ва идораи давлатӣ, системаи идоракунии давлатӣ нигаронида шудааст» [151].

Маҳз бо дарназардошти нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таҳкими идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақамигардонӣ ҳоло ҳамчун унсури стратегӣ ва асосӣ шинохта мешаванд, татбиқи низомҳои муосири идоракунии молияи давлатӣ ва идоракунии буҷетӣ, мисли «Буҷети электронӣ», ҳамчун

механизми асосии мониторинг ва таҳлили самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ нақши таърихӣ ва муассирро мебозад; ин системаҳо бо фароҳам овардани дастрасии фаврӣ ва шаффоф ба маълумоти фаъолияти молиявӣ, имкон медиҳанд, ки назорати қатъӣ ва муназзами раванди иҷрои барномаҳои давлатӣ ва идораи маблағҳо амалӣ гардад ва боиси баландшавии масъулиятпазирӣ ва самаранокии умумии идоракунӣ шавад. Илова бар ин, унсури «фикри ҷамъиятӣ» нисбати фаъолияти мақомоти идоракунӣ дар марҳилаи татбиқи қарорҳои сиёсӣ ҳамчун василаи таҳкими робитаи байни ҷомеа ва давлат ва пешбурди ислоҳоти идоракунӣ нақши муҳими стратегӣ дорад, ки тавассути татбиқи технологияҳои «Ҳукумати электронӣ» самаранокии он боз ҳам афзуда, имкониятҳои рушди демократияи электронӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар раванди идоракуниро васеъ мегардонад. Аз ин рӯ, арзёбии таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бояд дар доираи ду ҳадафи асосии субъектҳои идоракунӣ - дастрасӣ ба захираҳои қудрати сиёсӣ ва нигоҳдории мавқеи қудратӣ, инчунин ҳалли мушкилоти миллии иҷтимоӣ ва беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ - бо назари систематикӣ ва таҳлили мукаммал сурат гирад, то ки амалӣ намудани сиёсати иттилоотӣ тавассути низомҳои «Ҳукумати электронӣ» ба таври устувор ва боэътимод ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди демократӣ мусоидат намояд.

Дар ҷанбаи қудрат, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва амалисозии «Ҳукумати электронӣ» имконият медиҳад, ки субъектҳои сиёсӣ бо дастрасии фаврӣ ва боэътимод ба иттилооти зарурӣ таҳкими мавқеъ ва такмили иқтидори рақамии худ дар муҳити сиёсиро таъмин намоянд. Ин раванд ба баланд бардоштани сатҳи назорат ва мониторинги равандҳои сиёсӣ, пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ ва идоракунии афкори оммавӣ мусоидат намуда, иқтидори субъекти сиёсиро дар нигаҳдории ва тақвияти қудрати сиёсӣ тақвият мебахшад.

Аз ҷониби дигар, дар ҷанбаи идоракунӣ, татбиқи сиёсати иттилоотӣ тавассути «Ҳукумати электронӣ» равандҳои идоракунии иҷтимоӣ ва

иқтисодиро самаранок мегардонад, дастрасии шаҳрвандон ба хадамот ва иттилоотро осон мекунад ва имкониятҳои беҳтари қабули қарорҳоро дар сатҳи маҳаллӣ ва марказӣ фароҳам меорад. Ин модел сатҳи бозгардонии иттилоот байни ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаро тақвият дода, баҳогузории самаранокии сиёсати давлатӣ ва ҳалли мушкилоти миллӣ, аз қабили беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва рушди иҷтимоии аҳолиро таъмин менамояд.

Татбиқи сиёсати иттилоотӣ тавассути «Ҳукумати электронӣ» бояд ҳамчун абзори комплексӣ ва ҳамоҳанг барои мутобиқсозӣ ва ҳамзамон тақвияти ду ҷанбаи асосии фаъолияти субъектҳои сиёсӣ нигаҳдории қудрат ва ҳалли масъалаҳои идоракунии миллӣ шинохта шуда, ба рушди устувори системаи идоракунии давлатии Тоҷикистон ва таҳкими иқтидори сиёсӣ ва иҷтимоии он равона гардад. Ин раванд бояд дар доираи стратегияи миллии иттилоотӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва механизми мукаммали идоракунӣ татбиқ гардад, то ки самаранокии сиёсати давлатӣ ва устувории низоми сиёсӣ таъмин гардад.

Самаранокии сиёсати давлатӣ ва идоракунии он дар шароити муосир ба дараҷаи баланди моликият ва истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ, ки қобилияти ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти мукаммал ва дақиқро барои субъектҳои сиёсӣ таъмин менамоянд, бевосита вобаста аст. Чунон ки олим ва назарияпардози маъруфи коммуникатсия Г. Лассвелл таъкид кардааст, «яке аз вазифаҳои аслии равобити коммуникатсионӣ ин таъмин намудани маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои элитарӣ ва имкониятҳои онҳо мебошад, ки барои идомаи фаъолияти сиёсӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ аҳаммияти калидӣ дорад» [166].

Технологияҳои муосири электронӣ, махсусан воситаҳои рақамӣ ва платформаҳои интеллектуалӣ, имкониятҳои васеъро барои мониторинг ва назорати равандҳои сиёсӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ фароҳам меоранд. Ин технологияҳо бо истифодаи системаву абзорҳои таҳлилӣ метавонанд ҳолати сиёсӣ, таҳаввулот ва таҳдидҳои эҳтимолиро бо дақиқии

баланд таҳлил ва пешгӯӣ намоянд, ки ин ба субъектҳои сиёсӣ дар қабули қарорҳои оперативӣ ва стратегӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳамин замина, истифодаи технологияҳои «Ҳукумати электронӣ» бояд бо дарназардошти таҳлилу баррасии мукаммали сиёсати иттилоотии давлатҳо ва мутобиқ ба шаклҳо ва ҳолатҳои пешбинишудаи амалигардонии он дар доираи системаи идоракунии миллии иттилоотӣ ба роҳ монда шавад. Яъне, татбиқи «Ҳукумати электронӣ» наметавонад ё танҳо бо истифодаи технологияи муосир маҳдуд гардад, балки бояд бо мақсади таъмин намудани ҳамоҳангӣ, шаффофият ва самаранокии сиёсати иттилоотӣ ва идоракунии давлатӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд ва таҳаввулоти сиёсӣ амалӣ шавад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқ ва мутобиқсозии механизмҳои татбиқи «Ҳукумати электронӣ» дар ҳар як давлати муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи стратегӣ ва муҳими таҳкими иқтидори иттилоотии давлат ва рушди устувори низоми сиёсӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосири рушди иҷтимоиву сиёсӣ ва технологӣ, самаранокии татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва рушди низоми «ҳукумати электронӣ» бо тавсеа ва такмили истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар самти таъмин ва фароҳам овардани дастрасии фаврӣ, дақиқ ва боэътимод ба иттилооти муҳим ва зарурӣ барои қабули қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, муайян ва таҳким меёбад; ин раванд боиси баланд гардидани сатҳи ҳамкорӣ ва шаффофияти равандҳои идоракунӣ, тақвияти боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатдорӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад, ки дар маҷмуъ ба устувории сиёсии миллӣ ва рушди демократӣ мусоидат менамояд. Бо ин маънӣ, татбиқи васеи воситаҳои электронии идоракунӣ, ки равандҳои мубодила, коркард ва таҳлили иттилоотро дар тамоми марҳилаҳои сикли идоракунӣ оптимал ва автоматӣ месозанд, ба коҳиши хароҷоти моддӣ, вақту нерӯи инсонӣ ва кам кардани номуайянӣ дар равандҳои қабули қарор мусоидат намуда, ҳамзамон қобилияти давлатро барои мутобиқшавӣ ба шароитҳои зудтағйирёбанда ва

таҳдидҳои навин, аз ҷумла таҳдидҳои кибернетикӣ, тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва мукаммалгардонии низоми иттилоотии давлатдорӣ бояд ҳамчун унсури стратегии сиёсати давлатӣ ва идоракунии миллӣ дар Тоҷикистон дар асри иттилоотӣ пазируфта шуда, бо дарназардошти манфиатҳои миллию иҷтимоӣ ва хусусиятҳои институционалӣ бо мақсади таҳкими иқтидори идоракунии сиёсӣ ва рушди устувори ҷомеа амалӣ гардад.

Дар ин замина, «Ҳукумати электронӣ» ҳамчун заминаи низомманд ва технологӣ-ташкилотии рушди модели муосири идоракунии давлатӣ, дар шароити густариши равандҳои рақамисозии ҷомеа, нақши калидӣ мебозад. Он на танҳо як шакли навоваронаи муносибати идоракунӣ мебошад, балки муҳаррики асосии мутобиқшавии сохторҳои давлатӣ ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва самараноксозии равандҳои идоракунии ҷамъиятӣ ва ҳукуматдорӣ маҳсуб меёбад. Маҳз тавассути ташаккули «Ҳукумати электронӣ», шароити мусоиди иртиботи дуҷониба ва шаффофи байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ таъмин мегардад, ки он ба баланд бардоштани сатҳи эътимоди иҷтимоӣ ва таҳкими устувории низоми давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар доираи сиёсати иттилоотии миллӣ, истифодаи платформаҳои рақамии идоракунӣ имконият медиҳад, ки мониторинг ва таҳлили афкори умумӣ ба таври дақиқ ва мунтазам амалӣ гардида, заминаи воқеӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ ва тадбиқи саривақтии барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ фароҳам оварда шавад. Ин раванд, ки дар асоси маълумоти объективӣ ва таҳлили омории дақиқ ба роҳ монда мешавад, самаранокии сиёсатгузорӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин қобилияти мутобиқшавии мақомоти ҳокимиятро ба талаботи тағйирёбандаи ҷомеа афзоиш медиҳад. Ба ин тартиб, «Ҳукумати электронӣ» бояд ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва муҳими низоми сиёсии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар раванди татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотии кишвар мақоми стратегиро ишғол намояд.

Хулоса, самаранокии идоракунӣ ва амалишавии раванди иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ пеш аз ҳама, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳимояи марзу буми кишвар, тозаву бегазанд нигоҳ доштани забони давлатӣ ва дигар арзишҳои миллӣ муҳиммияти худро дорад.

Масъалаи иттилоотикунони аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ сар карда, то муҷаҳҳаз гардонидани техника ва технологияи иттилоотию комуникатсионӣ мақсади рушду инкишофи давлатдории миллӣ равона карда шудааст.

## 3.2. Дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳиммияти амаликунонии он

Сиёсати иттилоотӣ як падидаи бисёрҷанба буда, мисли дигар самтҳои сиёсати давлатӣ аз худи заруранияти татбиқ ва мушаххассозии дурнамои рушдро талаб мекунад. Дар баробари он доимо тағйир меёбад, инкишофро мепазирад. Струговец В. бар ин андеша аст, ки «Муайян намудани самтҳои дурнамои рушди инкишофи он, дидани зарурият ва хусусияти системавии дигаргунсозиҳои имконпазир дар соҳаи сиёсати иттилоотонӣ - ин вазифа дар шароити ҳозира талаботи таъхирнопазир буда, на танҳо аҳамияти илмӣ, балки мазмуни амиқи амалӣ ҳам дорад» [60, с. 95].

Дар шароити рушд ва самаранокгардонии низоми идоракунии сиёсӣ зарурати нигоҳдории манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, таъмини амният ва муҳофизат аз таъсири номатлуби иттилоотӣ, ки метавонад ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар таъсири манфӣ расонад, амиқ ҳис мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф, таҳияи як ҳуҷҷати консептуалӣ, ки сиёсат ва роҳнамоии давлатӣ дар соҳаи иттилоотиро муайян кунад, аҳамияти калон дорад.

Он дар заминаи таҳия ва қабули стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии рушди сиёсати иттилоотонӣ ба амал бароварда мешавад. Ин роҳҳои рушд ва таъмини дурнамои инкишоф, роҳнамои муҳим барои татбиқи сиёсати муассири иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз тарафи дигар, сиёсати давлатии иттилоотонии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, бахши муҳими таълимотӣ ва стратегии Тоҷикистон ва алоқаи он бо таҳкими мақом ва мақсади амният дар соҳаи иттилоот муайян карда мешавад. Он доираи фаъолиятҳои мақомоти давлатӣ, ки масъулияти ҳимоя ва таҳияи иттилооти дуруст ва самаранокро бар уҳда доранд, ишора мекунад.

Сиёсати иттилоотиро оид ба муқовимат ба чолишҳои муосир ва таҳдидҳои амниятӣ метавон аз ҷумлаи унсурҳои муқовимат ба терроризм ва дигар зуҳуроти ифротгароӣ, мубориза бо таҳдиди нашъамандӣ, муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ баррасӣ кард [60, с. 96].

Бояд тазаккур дод, ки ВАО дар ҳаёти инсон нақши хеле муҳим бозиданд ва мебозанд, зеро онҳо талаботи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаро инъикос мекунанд. Имрӯз ВАО на танҳо воситаи интиқол ва коркарди маълумоти муайян, балки субъекти фаъол, экспонент ва таҳрикдиҳандаи нуқтаҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ мебошад. Маҳз тавассути васоити ахбори умум дар бораи муҳимтарин ислоҳоти замони охир ба оммаи васеъ маълумот расонида мешавад. Душвории асосӣ дар он аст, ки ба аҳолӣ фаҳмидани воқеаҳо душвор аст [60, с. 141].

Сиёсати иттилоотӣ дар низоми мураккаби сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии стратегии рушди миллӣ, бар асоси зарурати фароҳам овардани шароити мусоиди илмӣ-техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилии қонеъ гардонидани ниёзҳои афзояндаи иттилоотии субъектҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, тарҳрезӣ ва татбиқ мегардад.

Ин сиёсат дар заминаи ташкили низоми муназзами ҷамъоварӣ, коркард, ҳифз, интиқол ва паҳнсозии иттилоот бо истифода аз захираҳои иттилоотии рақамӣ ва технологияи муосир, бо дарназардошти принсипҳои шаффофият, дастрасии баробар, эътимоднокӣ ва самаранокӣ амалӣ мешавад. Дар шароити

муосири ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ, ки дар он иттилоот ба унсури калидии рақобат, таъсиргузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил ёфтааст, сиёсати иттилоотӣ на танҳо як воситаи танзими муносибатҳои иттилоотӣ, балки ҳамчун механизми муҳими таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва маърифатии ҷомеа, амнияти иттилоотӣ ва истиқлолияти иттилоотии давлат арзёбӣ мегардад.

Ҳадафи асосии ин сиёсат ташаккули фазои ягонаи иттилоотии миллӣ, густариши саводи иттилоотӣ ва рақамии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи иштироки шаҳрвандон дар равандҳои идоракунии давлатӣ, тақвияти эътимоди ҷамъиятӣ ба институтҳои ҳокимият ва мусоидат ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Бо назардошти афзоиши таҳдидҳои иттилоотӣ ва рақобати глобалӣ дар фазои иттилоотӣ, роҳандозии сиёсати самарабахши иттилоотӣ дар Тоҷикистон бояд дар доираи муносибати комплексӣ, ҳамоҳангшуда ва илман асосёфта амалӣ гардад, то ки шароити устувори рушди миллиро дар шароити асри иттилоот таъмин намояд. Ин аҳамияти мавқеъҳоеро, ки бо ба назар гирифтани манфиатҳои шаҳрвандон алоқаманданд, меафзояд ва ин ба сиёсати иҷтимоӣ дар мамлакат пешгирифта мувофиқ аст.

Дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯшишҳои фаъол оид ба ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои асосии ҷомеа: сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маданӣ алоқаманд аст. Сарфи назар аз он, ки кишвар дар марҳилаи ибтидоии рушд ва таҳаввулоти рақамӣ қарор дорад, натиҷаҳои аввалин аллакай дида мешаванд. Фазои интернет тадриҷан васеъ мешавад, аммо дар соли 2023 танҳо тақрибан 35% аҳолӣ ба шабака, бахусус дар деҳот ва кӯҳистон дастрасии мунтазам доштанд. Барои ҳалли ин мушкилот лоиҳаҳои рушди шабакаҳои нахи оптикӣ ва алоқаи мобилии 4G/5G бо дастгирии шарикони хориҷӣ, аз қабили Чин ва Русия амалӣ мешаванд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми солонаи худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (2024) ишора

намдуанд, ки: «Дар панҷсолаи минбаъда бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот» [18]. Ин барои рушди минбаъдаи инфрасохтори рақамӣ замина фароҳам меорад.

Қадами муҳим ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, аз ҷумла портали ҳукумати электронӣ буд, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад то хидматҳои давлатӣ, аз қабили бақайдгирии тиҷорат ё пардохти андозро ба таври онлайн дастрас кунанд. Ҳамзамон, системаҳои идентификатсияи рақамӣ таҳия карда шудааст, ки ҳамкории байни аҳолӣ ва сохторҳои давлатиро осон мекунад. Дар соҳаи маориф академияҳо ва курсҳои технологияҳои иттилоотӣ шудаанд. Теъдоди ихтисосҳои технологияи иттилоотӣ дар донишгоҳҳо, аз ҷумла Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон меафзоянд, ки ин ба омода кардани кадрҳои баланди самти иттилоот ва технологияи муосири иттилоотӣ, барномасозиву ихтирои зеҳни сунъӣ мусоидат мекунад. Аммо мушкили «фирори мағзҳо» боқӣ монда, мутахассисони соҳибихтисос барои кор ба хориҷа мераванд.

Ҳамкории байналмилалӣ дар рақамисозии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафҳои бузург гузошта шудаанд.

Бо афзоиши рақамисозӣ, киберамният ба як масъалаи муҳим табдил меёбад. Тоҷикистон стратегияи миллии ҳифзи иттилоотро таҳия ва ҳамкориҳоро бо созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ ва Иттиҳодияи

Байналмилалии Телекоммуникатсия (ИТБ) барои мубориза бо ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ таҳия мекунад.

Агар бӯҳронҳои кунунӣ – технологӣ, кадрӣ ва иҷтимоӣ – самаранок бартараф карда шаванд, иттилоотонӣ метавонад як муҳаррики рушди сиёсӣ, ҳимояи амнияти иттилоотӣ ва тамаддунӣ, иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардад.

Дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мо то андозае тавонистем дар чанд бахш муайян намоем. Аввал, бахши самарабахшии ВАО ҳамчун субъекти раванди итилоотонӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон.

ВАО дар шароити ташаккули ҷомеаи кушоди демократӣ ва иттилоотӣ мақоми махсуси таъсиррасон ва созандаи афкори ҷамъиятиро ба анҷом мерасонад. Сабаби асосии ба даст овардани чунин мақоми баланд дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир дар он аст, ки бо кӯмаки ВАО давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсӣ на танҳо ба аҳолӣ аз ҳадафу арзишҳои сиёсати худ маълумот дода метавонанд, балки муносибатҳои намунавӣ бо ҷомеа оид ба ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимият ва элитаи ҳукмрон, нигоҳ доштани ҳокимият, ҳадафҳои мувофиқ, анъанаҳо ва қолабҳо кӯмак мерасонанд.

Ин ба худи табиати сиёсат ҳамчун фаъолияти коллективӣ, мураккаб, ба мақсад мувофиқ, шакли махсуси алоқаи байни одамон барои ноил шудан ба мақсаду манфиатҳои гурӯҳӣ, ки ба тамоми ҷамъият дахл мекунад, вобаста аст. Моҳияти коллективии мақсадҳое, ки дар сиёсат ба амал меоянд, дарки ногузирии онҳоро аз тарафи аъзоёни ҷамъият ё конгломерати муайян (давлат, миллат, гурӯҳ, ҳизб ва ғайра), ки дар фазо ҷудо шудаанд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти одамон ва ташкилотҳоро дар назар дорад.

ВАО нақши як абзори тавонои бунёди ҳадафмандонаи фармоишҳои сиёсӣ доранд ва василаи эҷоди робита ва алоқаҳое ҳастанд, ки мақомот бо ҷомеа ба он ниёз доранд. Дар робита ба ин, метавон тахмин кард, ки агар

интиқоли иттилоот ҳамчун як амали сиёсӣ, яъне бо ягон ҳадаф ва ба хотири ноил шудан ба тағйироти пешбинишуда дар аудиторияи қабулкунандаи он сурат гирад, пас метавон гуфт, ки сиёсати иттилоотонӣ бо ҳамин роҳ ба амал бароварда мешавад.

Функсияи иттилоотии ВАО, бешубҳа, вазифаи асосӣ дар ҳаёти сиёсии ҳар як давлат буда, барои ташаккули воситаи муҳимтарини таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ – идоракунии рӯзнома амал мекунад. Маълумоти сиёсӣ тавассути намунаҳо ва ё жанрҳои гуногун пешниҳод карда мешавад.

Чунон ки Е. Прохоров таъкид менамояд, воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар раванди ташаккули муносибати иҷтимоӣ нисбат ба ҳодисаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳим ва калидӣ доранд. Фаъолияти иттилоотии оммавӣ на танҳо ба паҳн намудани маълумот маҳдуд намешавад, балки ба низоми идеологӣ ва мафкураҳои ҷомеа таъсири мустақим мерасонад, ки ин омил дар шаклгирии ақидаҳо, ғояҳо ва тарзи рафтори аудитория нақши муассир мебозад. Ба воситаи иттилооти фарогир ва муназзам, қабулкунандагони маълумот - яъне гирандагон - дарк ва тасвири воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоиро таҳти таъсир қарор дода, вокунишҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро мутобиқ месозанд.

Ин равиш нишон медиҳад, ки ВАО ҳамчун элементе аз муҳити иҷтимоӣ ва сиёсӣ вазифаи таъсиргузории идоракунӣ ба афкори умум ва шаклгирии муҳити иттилоотиро иҷро менамояд. Аз ин рӯ, воситаҳои ахбори омма ҳамчун субъектҳои фаъол дар раванди таҳкими иртиботи байни давлат ва ҷомеа, ташаккули мафкураҳои сиёсӣ ва мутобиқгардонии рафторҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд, ки ин омилҳо барои таҳкими сохторҳои демократӣ ва устувории сиёсӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

Самаранокии ВАО ҳамчун субъекти раванди иттилоотикунонӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон дорои аҳамияти назаррас ва нақши калидӣ мебошад. ВАО дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотӣ, ки дар он иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши бузург пайдо кардаанд, як абзори муҳим барои паҳн кардани маълумот, таъсир ба афкори умум ва амалӣ кардани сиёсати давлатӣ аст. Дар

замони муосир, ки рушди технологиҳои рақамӣ ва интернети баландсуръат ба як қисми зарурӣ ва асососии ҳокимияти сиёсӣ фаъолияти рӯзмарра пайдо намудааст, ВАО бояд ба як субъекти муҳими раванди иттилоотикунонӣ ва амниятии кишвар табдил ёбад.

Дар шароити имрӯз, ки ҷомеаҳои ҷаҳонӣ бо ҳаҷми азими иттилооти паҳншаванда, бахусус тавассути интернет ва расонаҳои иҷтимоӣ, рӯбарӯ шудаанд, ВАО дар Тоҷикистон вазифаи хеле муҳимро иҷро мекунад, ки на танҳо ба паҳн кардани иттилоот, балки ба таъмини дурустии он, пешгирии манипулятсияҳои иттилоотӣ ва мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ равона мешавад. ВАО на танҳо ҳамчун воситаи паҳн кардани иттилооти дуруст ва ба сӯи мақсадҳои давлатӣ роҳнамоӣ кардан ба ҳисоб меравад, балки як механизми калидӣ барои муҳокима ва таҳлили масъалаҳои муҳим, ки барои рушди ҷомеа ва давлат зарур мебошанд, шуморида мешавад.

Иттилоот дар замони ҳозира ҳамчун як воситаи таҳкими қудрати сиёсӣ ва таъсиррасонӣ хизмат мекунад. Дар ин замина, ВАО бояд бо истифода аз қобилият ва зарфиатҳои худ барои ба ҷомеа расонидани иттилооти дуруст, ки метавонад барои рушди демократия, таҳкими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва таъмини амният дар кишвар мусоидат кунад, масъулиятшинос бошад. ВАО, дар ҳоле ки нақши муҳими гузоштан ва таъмини дурустии иттилоотро дорад, дар баробари ин бояд ҳамеша ба ҳифзи истиқлолияти иттилоотӣ, пӯшида нигоҳ доштани маълумоти ҳассос ва манфиатҳои миллӣ диққат диҳад. Дар ин шароит, ВАО метавонад омили асосии раванди иттилоотикунонӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон бошад, ки бехатарии иттилоотиро таъмин кунад ва пайвастагӣ байни давлат ва ҷомеаро таъмин намояд. Дар шароити Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» [8] (2013) амал мекунад, ки асосҳои ҳуқуқиву ташкилии ВАО-ро ба танзим медорорад ва фаъолияти онҳоро дар заминаи ба эътибор гирифтани рушд ва инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти иттилоотиву татбиқи сиёсати иттилоотонии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

ВАО дар шароити глобаликунонии иттилоотӣ, ки иттилоот ҳамчун як манбаи асосии қудрат ва таъсиррасонӣ шудааст, метавонад барои муҳофизати манфиатҳои миллӣ ва амнияти кишвар низ нақши муҳими иҷро кунад. Тоҷикистон бо вуҷуди ҳама имкониятҳо ва захираҳои табиӣ ва инсонӣ дар шароити глобаликунонии иттилоотии муосир маҷбур аст, ки ҳар чӣ бештар ба таҳкими инфрасохтори иттилоотии худ таваҷҷӯҳ кунад, то ҷомеа ва давлат дар баробари таҳдидҳои иттилоотӣ ва манипулятсияҳои глобалии гуруҳҳои террористиву радикалӣ муҳофизат шаванд. ВАО бо истифода аз технологиҳои муосир ва таъсиргузорӣ ба муҳити иттилоотӣ бояд ба мақсадҳои стратегии кишвар дар соҳаи иттилоотонӣ мусоидат кунад. Ин на танҳо ба паҳн кардани иттилоот, балки ба таҳияи муҳити иттилоотии соф, ҷалби ҷомеа ба омӯзиш ва тарғиб кардани арзишҳои демократӣ ва миллӣ равона мешавад. ВАО бояд метавонанд дар пайваст кардани Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дастрас кардани иттилооти дуруст дар бораи сиёсати хориҷӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар нақши муҳим гузоранд.

Дар шароити афзоиши аҳаммияти иттилоот ҳамчун захираи стратегӣ ва абзори таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, нақши воситаҳои ахбори омма ҳамчун муҳаррики маърифати ҷамъиятӣ ва субъекти фаъоли сиёсати иттилоотии давлатӣ беш аз ҳарвақта зарур ва ҳалкунанда мегардад. ВАО, ҳамчун манбаи ташаккулдиҳандаи афкори умум ва платформаи муҳими интиқолу таҳлили иттилоот, вазифадоранд дар самти таҳкими таҳсилоти иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангии аҳолӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникиву рақамии ҷомеа саҳми назаррас гузоранд.

Татбиқи имкониятҳои технологияи муосир ва усулҳои нави омӯзишӣ ба ВАО имкон медиҳад, ки муҳтавои самаранок, таълимӣ ва дорои хусусияти тарбиявиро омода ва пахш намоянд, ки он махсусан барои баланд бардоштани саводи иттилоотии аҳолӣ, аз ҷумла дар миёни насли ҷавон, аҳаммияти калидӣ дорад. Ин раванд ба ташаккули тафаккури интиқодӣ,

қобилияти таҳлили мустақили манбаъҳои иттилоотӣ ва қобилияти муқовимат бо иттилооти бардуруғу манипулятивӣ мусоидат мекунад.

Дар замони ҷаҳонишавии ҷараёнҳои иттилоотӣ, ки дар он фазои маҷозӣ на танҳо макони мубодилаи иттилоот, балки муҳити рақобати геополитикӣ ва арзишӣ гардидааст, саводи иттилоотии аҳолӣ ба унсури муҳими таъмини амнияти иттилоотӣ ва суботи ҷомеа табдил ёфтааст. Ҷомеае, ки қобилияти шинохти дурусти иттилоот ва таҳлили мустақили муҳтавои онро доро аст, метавонад дар қабули қарорҳои огоҳона ва муваффақ дар арсаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ фаъолона ширкат варзад.

Аз ин лиҳоз, ВАО бояд на танҳо нақши расонандаи иттилоотро иҷро кунанд, балки ҳамчун платформаи ташаккулдиҳандаи маърифати миллӣ, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ, густариши ҷаҳонбинии муосир ва таҳкими ҳувияти иттилоотии ҷомеа фаъолона баромад намоянд. Танҳо тавассути чунин муносибати масъулона ва стратегӣ ба фаъолияти иттилоотӣ метавон рушди устувори маънавию фарҳангӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони муосир таъмин кард.

Барои муваффақ шудан дар таҳкими самаранокии ВАО дар раванди иттилоотикунонӣ, Тоҷикистон бояд ба ин соҳа таваҷҷуҳ ва сармоягузории бештар кунад. Ин маъзарат ҷорӣ кардани инфраструктураи иттилоотии муосир, таъмини дастрасии баробар ба иттилооти сифатнок ва амалӣ кардани сиёсати иттилоотонии давлат дар самти муосир шудани воситаҳои ахбори омма ва таҳкими сиёсати иҷтимоии иттилоотӣ барои тамоми шаҳрвандон мебошад. Дар ин роҳ, ВАО метавонанд барои тақвияти ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амният ва мустаҳкам кардани эътимод байни давлат ва ҷомеа дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд.

Дуюм, бахши самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти раванди итилоотонӣ дар таҳкими сиёсати иттилоотикунонӣ.

Самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти таъсиргузори раванди иттилоотикунонӣ дар шароити муосири ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба яке аз рукнҳои муҳими таъмини амнияти иттилоотӣ ва

таҳкими рушди устувори миллӣ табдил ёфтааст. Дар фазои мураккабу зудтағйирёбандаи глобалии иттилоот, ки дар он интиқоли иттилооти саҳеҳ ва ё, баръакс, иттилооти бардуруғ, таҳрифшуда ва дорои хусусияти манипулятивӣ метавонад дар сарнавишти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо нақши калидӣ бозад, аҳаммияти нақши мақомоти давлатӣ дар танзими сиёсатҳои иттилоотӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Мақомоти давлатӣ, ҳамчун ниҳодҳои муҳими ташаккулдиҳандаи муҳтавои стратегӣ, масъули таҳияи сиёсати миллии иттилоотӣ ва назорати татбиқи самараноки он буда, дар зинаи амалисозии стратегияҳои давлатӣ барои муқовимат ба таҳдидҳои гибридӣ, ҷилавгирӣ аз ҷараёнҳои дезинформатсионӣ ва таҳкими масунияти ахлоқию маънавии ҷомеа нақши муассир мебозанд. Ин ниҳодҳо, тавассути истифодаи абзорҳои рақамӣ, платформаҳои муосири иттилоотӣ ва ташаккули механизмҳои мутақобилаи иртиботӣ бо ҷомеа, бояд дар боло бурдани сатҳи маърифати иттилоотӣ, рушди фарҳанги масъулияти иттилоотӣ ва ҳимояи фазои иттилоотии миллӣ талош намоянд.

Зимни ин раванд, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дахлдор, таъмини шаффофияти иттилоотии мақомоти давлатӣ ва тақвияти робитаи онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма аз омилҳои муҳими баланд бардоштани эътимоди иҷтимоӣ ва густариши нуфузи иттилоотии давлат маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, фаъолияти мақомоти давлатӣ бояд дар заминаи стратегияи иттилоотии миллӣ ва дар партави манфиатҳои умумимиллӣ танзим ёфта, ба таҳкими суботи дохилӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва густариши мавқеи геостратегии кишвар дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ равона гардад.

Аммо, барои татбиқи самараноки сиёсати иттилоотикунонӣ, мақомоти давлатӣ бояд ба сифати субъектҳои муҳим ва фаъол дар раванди иттилоот дарк шаванд. Ҳадафи асосии мақомоти давлатӣ дар ин раванд ин аст, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамкории пурсамарро байни сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ҷомеа дар соҳаи иттилоотонӣ таъмин намоянд. Мақомоти давлатӣ дар

таҳкими сиёсати иттилоотикунонӣ бояд равандҳои иттилоотии ҷомеа ва кишварро таҳқиқ ва коркард кунанд, ки ин, дар навбати худ, ба амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат мекунад.

Таъмини амнияти иттилоотии кишвар, пешгирии манипулятсияҳои иттилоотӣ ва овозаҳои манфӣ, инчунин расонидани иттилооти дуруст ба шаҳрвандон ва ҷомеа, яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ дар таҳкими сиёсати иттилоотикунонӣ мебошад. Мақомоти давлатӣ бояд аз тамоми воситаҳои иттилоотии муосир истифода баранд, аз ҷумла интернет, радио, телевизион ва дигар манбаъҳои расонаҳои ахбори омма, то ки иттилооти боэътимод ва дуруст ба ҷомеа расонида шавад. Агар фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи иттилоот самаранок бошад, онҳо метавонанд таъсири манфии иттилооти бардурӯғ ва манипулятсионӣ, ки метавонад ба суботи давлат ва ҷомеа хатар эҷод кунад, пешгирӣ намоянд.

Дар шароити рушди технологияҳои муосир, ки иттилоот ба шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ, паҳн мешавад, давлат бояд бо роҳандозии сиёсати иттилоотии мутамаддин ва таъсиси сохторҳои мавҷуд дар соҳаҳои ахбори омма ва технологияҳои иттилоотӣ ба воситаҳои иттилоотии дуруст ва эътимоднок дастрасӣ пайдо кунад. Ин ба таҳкими эътимоди ҷомеа ва суботи иҷтимоии кишвар кӯмак мекунад.

Мақомоти давлатӣ бояд ҳамчунин ташаббусҳои муҳимро дар самти рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар ба роҳ монанд. Барои таҳкими сиёсати иттилоотикунонӣ, зарур аст, ки таҳлилҳо ва ба роҳ мондани стратегияҳои дуруст дар самти таъмини дастрасии боэътимод ва сифатноки иттилоот ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа роҳандозӣ карда шаванд. Баргузории барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин, дастрас кардани маълумот дар заминаи сиёсати иттилоотӣ, дар зеҳни шаҳрвандон таъсир мегузорад ва онҳо метавонанд дар интихоби дуруст ва фаъолонаи қарорҳои сиёсии рӯзмарра иштирок намоянд.

Ҳамзамон, мақомоти давлатӣ бояд дар шароити муҳити иттилоотии муосир аз рӯи таҳлилҳои шахсиятӣ ва таҳқиқоти дахлдор ба самаранокии

сиёсатҳои иттилоотии давлатӣ аҳамияти махсус диҳанд. Ҳадафи асосӣ аз коркард ва амалӣ кардани сиёсатҳои иттилоотии самаранок ин нест, ки танҳо иттилоотро паҳн кунем, балки, ки чӣ гуна манбаъҳои иттилоотии дуруст ва боэътимод ба мардум дастрас мегарданд, то онҳо тавонанд хатарҳои манипулятсионӣ ва таъсири манфии иттилоотиро пешгирӣ намоянд.

Мақомоти давлатӣ ва созмонҳои марбут ба соҳаи иттилоот, бояд аз тамоми роҳҳо истифода баранд, то ба паҳн кардани иттилооти дуруст дар дохили кишвар ва дар муносибатҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, кӯмак кунанд.

Бо дарназардошти ин, самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар раванди иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон на танҳо ба паҳн кардани иттилооти дуруст, балки ба таъмини амният ва рушди устувори ҷомеа, пешгирии манипулятсияҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ, ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва таҳкими инфрасохтори иттилоотии кишвар равона мешавад.

Сеюм, башхи тақвияти саноати кино ҳамчун дурнамои рушди сиёсати иттилоотӣ ва иттилоотонии аҳолӣ баҳри ҳимояи таърих ва тамаддун дар хотираи шаҳрвандон дар шароити бархурди тамаддунҳо.

Тақвияти саноати кино ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иттилоотӣ ва иттилоотикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи таҳкими маърифати миллӣ, ҳифзи таърих ва тамаддун дар хотираи шаҳрвандон, аҳамияти калон дорад. Санъати кино, ки як воситаи муассири паҳн кардани иттилоот, арзишҳо ва фарҳанг аст, дар шароити бархурди тамаддунҳо ва таҳаввулоти муосир нақши муҳим мебозад. Ба ҳангоми глобаликунонии иттилооти сиёсӣ, ки маълумот ва арзишҳои фарҳангӣ бо суръат ва осонӣ ба саросари ҷаҳон паҳн мешаванд, истифодаи самаранок аз саноати кино метавонад дар таъмини амният ва идомаи шароити ором ва мутавозин дар кишвар нақши калидӣ дошта бошад.

Кино, дар баробари дигар воситаҳои ахбори омма, як омили муҳим дар баён кардани арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии як миллат аст. Барои Тоҷикистон, ки таърих ва фарҳанги бой ва пурғановат дорад, саноати кино

метавонад воситаи муассир барои таъмини ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва хотираи таърихии миллат бошад. Ин восита метавонад шахсият ва рӯҳияи миллатро нишон диҳад, нишон додани муаммоҳо, таҷрибаҳои гузашта ва таҳаввулоти фарҳангӣ, ки ба шомили миллати тоҷик рабт дорад, хеле муҳим аст.

Дар шароити бархӯрди тамаддунҳо, ки эҳсоси ватандорӣ ва эҳтиром ба фарҳанг ва таърих хеле муҳим аст, саноати кино метавонад як воситаи қавӣ барои таъмини эҳтироми миллат ба хеш ва мусоидат ба дарки дурусти таърих ва тамаддуни хеш бошад. Ба ин маънӣ, кино на танҳо як воситаи фароғат, балки як воситаи таълим ва маърифати миллӣ мебошад, ки ба ҷомеа кӯмак мекунад, ки аз арзишҳои фарҳангии худ огоҳӣ пайдо кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Дар шароити глобализатсия, ки арзишҳо ва фарҳангҳои мухталиф бар ҳам муқобила мекунанд, кино метавонад ҳамчун як воситаи таълимии муассир ва сарчашмаи омӯзиш ва маълумот дар бораи таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ хизмат кунад.

Таҳкими санъати кино дар Тоҷикистон, дар ҳоли амалишавии сиёсати иттилоотикунонӣ, метавонад як роҳи муассир барои таъмини ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва дар ҳамоҳангӣ бо барномаҳое, ки ҳадафи онҳо эҳё кардани рамзҳои миллӣ ва мероси фарҳангии тоҷикон аст, ба ҳисоб равад. Кино метавонад бо тасвир кардани хислатҳои асосии мардуми тоҷик ва арзишҳои фарҳангӣ, ки таърихи давраи аҷдодии онҳоро инъикос мекунад, шодии қавмиро эҳсос кунад ва ғурури миллӣ ба вуҷуд орад.

Рушду такомули соҳаи кино дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи иттилоотикунонии давлатӣ арзёбӣ кард, ки дар замони ҳозира бо суръати баланди ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ ва густариши платформаву шабакаҳои рақамии паҳнсозии иттилоот аҳаммияти боз ҳам бештар касб мекунад. Дар шароите ки воситаҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки маҳсулоти визуалӣ, аз ҷумла филмҳои бадеиву мустанад дар доираи васеи ҷаҳонӣ ба осонӣ ва зуд паҳн гарданд, истифодаи самараноки санъати кино метавонад ба яке аз абзорҳои

муассири муаррифии ҳувияти таърихӣ, тамаддунӣ ва фарҳангии халқи тоҷик мубаддал гардад. Кино ҳамчун василаи таъсиргузории оммавӣ қодир аст дар самти таҳкими маърифати фарҳангии ҷомеа, рушди зеҳнӣ ва бедорсозии ҳувияти миллӣ нақши назаррас бозад. Ҳамзамон, он воситаи муҳими ҳифзи арзишҳои маънавии миллӣ ва муқовимат ба равандҳои глобалии гусастаи фарҳангӣ низ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, саноати кино метавонад ба сифати абзори «дипломатияи мулоим» (soft power) амал намуда, дар тарғиби симои мусбати кишвар, таҳкими равобити фарҳангии байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ, дар боло бурдани мавқеи геомадании Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузорад. Ҳамин тавр, зарур аст, ки рушди соҳаи кино дар доираи сиёсати иттилоотии миллӣ ҳамчун самти афзалиятноки стратегӣ ба роҳ монда шавад. Ин маънои онро дорад, ки барномарезии сиёсати давлатӣ дар бахши кино бо дарназардошти истифодаи имкониятҳои технологияи рақамӣ, ташаккули инфрасохтори замонавӣ, тарбияи мутахассисони соҳа ва дастгирии лоиҳаҳои муҳтавои миллӣ бояд амалӣ гардад. Танҳо тавассути чунин муносибати таҳлилгарона ва низомманд имкон дорад, ки соҳаи кино ба як қувваи воқеии таъсиррасон ба равандҳои иттилоотӣ ва фарҳангии дохилӣ ва хориҷии кишвар табдил ёбад.

Дар шароити бархӯрди тамаддунҳо, ки вокунишҳои эмотсионалӣ ва мафкуравӣ метавонад боиси шиддат ё худ маҷбур шудан ба ҳифзи арзишҳо ва рамзҳои фарҳангӣ шавад, саноати кино метавонад як воситаи муҳим барои сохтани паёми ягона ва муттаҳидкунанда дар бораи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ хизмат кунад. Кино метавонад ҳамчунин як манбаъи муҳими таълим дар самти таърих ва тамаддуни кишвар бошад, ки аз он одамон метавонанд фаҳмидан, қабул кардан ва эҳтиром ба таърих ва ёдгориҳои фарҳангии хеш кунанд.

Дар ин раванди рушди сиёсати иттилоотикунонӣ ва таҳкими саноати кино, давлат бояд чораҳои мусоидаткунанда ва дастгирии саноатиро ба роҳ монад. Итиҳоди филмсозон, таҳияи нақшаҳои миллӣ ва минтақаӣ барои

рушди кино, ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ метавонанд дар раванди рушди саноати кино дар Тоҷикистон нақши муҳим дошта бошанд.

Чорум, ташкили кори самараноки дастаҳои таблиғкунандагони интернет-шабакавӣ.

Ташкили кори самараноки дастаҳои таблиғкунандагони интернет-шабакавӣ дар шароити муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ ва интернет воситаҳои асосии паҳн кардани иттилоот ва таъсир ба афкори умум мебошанд, аҳаммияти калон дорад. Дар замони муосир, интернет ба як платформаи муҳими расонаӣ барои расонидани иттилоот ба аҳолӣ ва ташаккули назарияҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст. Барои таъсиргузорӣ ба ҷомеа ва истифодаи самараноки интернет барои таъмини манфиатҳои миллӣ, дастаҳои таблиғкунандагони интернет-шабакавӣ бояд ба усулҳои самаранок ва стратегияи кори худ такя намоянд. Барои ташкили кори самараноки дастаи таблиғкунандагон, муҳим аст, ки ҳадафҳои аниқи таблиғотӣ ва стратегияи равшан таҳия шаванд. Ҳар як дастаи таблиғкунанда бояд миқёс ва хусусиятҳои хосаеро, ки ба аудиторияи мақсадии худ дахл дорад, мушаххас кунад. Стратегияҳои таблиғотӣ бояд на танҳо барои паҳн кардани иттилооти дуруст, балки барои муҳофизат кардани манфиатҳои миллӣ, рушди фарҳанг ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ дар ҷомеа равона шаванд. Ҳамчун маҳоратҳои муҳим барои дастаҳои таблиғкунанда, омода кардани аъзои гурӯҳ барои истифодаи самараноки воситаҳои интернет, таҳлили аудиторияи онлайн ва навоварии шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Инчунин, дастаҳо бояд бо тахассусҳои муҳими технологӣ ва таҳлилӣ, ки барои фаҳмидани рафтори корбарон ва таъсири таблиғот ба онҳо зарур аст, шинос шаванд. Бо вуҷуди мавҷудияти миқдори зиёди воситаҳои интернетӣ, на ҳама шабакаҳо барои ҳар як гурӯҳи таблиғотӣ мувофиқанд.

Дастаи таблиғкунанда бояд миқёси шабакаҳои иҷтимоии маъруфи интернет (чӣ дар кишвар ва чӣ дар миқёси байналмилалӣ) ва тарзи истифодаи онҳо барои расонидани паёми зарурӣ ва мувофиқ бо арзишҳои миллӣ,

фарҳангӣ ва таърихӣ шенос шаванд. Ин маъзарат маънии кор кардан бо шабакаҳо, ки дар он эҳтимолияти васеи қабулкунандагон ва амалӣ кардани паёми дуруст вуҷуд дорад, мебошад. Мақсади асосии дастаҳои таблиғкунанда ин аст, ки ба истифодаи самаранок ва бехатар паҳн кардани иттилооти дуруст ва боэътимод таъмин кунанд.

Дар шароити муосир, ки иттилоот метавонад хеле зуд ва осон хосияти манипулятсионӣ ва ё бардуруғро гирад, кори дастаҳои таблиғкунанда бояд ба пешгирии паҳн кардани иттилооти бардуруғ ва таъсирҳои манфӣ, ки метавонанд сабабгори нофаҳмӣ ё марг ва ҷудоии иҷтимоии ҷомеа шаванд, равона шавад. Интизор шудани натиҷаҳои таблиғот ва фаҳмидани таъсироти иттилоот дар ҷомеа танҳо бо роҳандозии системаи мониторинг ва таҳлили амиқи маводи интернетӣ ба даст меояд.

Дастаҳои таблиғкунанда бояд натиҷаҳои ҳар як маъракаи таблиғотиро таҳлил ва баррасӣ кунанд, то пешгӯии самаранокии онҳо ва шинос кардани манбаъҳои нави таблиғотӣ имконпазир шавад. Таъмини хулосаҳои дуруст дар бораи рафтори онлайн ва барои пешгирии хатогиҳо бояд асоси ояндаи такмил ва ба беҳтар кардани стратегияи таблиғотӣ дар оянда қарор гирад. Барои таъсири назаррас, дастаҳои таблиғкунанда метавонанд бо дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, расонаҳои умумӣ, ё гурӯҳҳои таъсиргузор ҳамкории мустаҳкам ба роҳ монанд. Ба ғайр аз паҳн кардани паёми худ, ин ҳамкориҳо метавонад боиси таъсирпазирии бештар дар байни пайравони шабакаҳои иҷтимоӣ ва алоқамандони дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ гардад. Дар ҳар гуна корҳои таблиғотӣ, дастаҳои таблиғкунанда бояд маърифати ахлоқӣ ва иҷтимоиро риоя кунанд. Таҳдидҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳассос ва манипулятсионӣ дар интернет бояд бо ёрии қонунгузорӣ ва санҷишҳои мутахассисон пешгирӣ карда шаванд. Агар дастаҳо ҳамчун манбаъҳои иттилоотии дуруст ва боэътимод шинохта шаванд, онҳо метавонанд дар таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар нақши муҳим гузоранд.

Истифодаи технологиҳои иттилоотӣ, аз ҷумла таҳлили маълумот, таҳияи воситаҳои рақамии пешрафта барои шинос кардани мизоҷон ва коҳиш додани равандҳои таблиғотӣ муҳим аст. Воситаҳои интеллектуалӣ ва тарзи таҳлили таъсироти таблиғот дар фазоҳои интернетӣ метавонанд нақши муҳиме дар таъсири амалии таблиғот ба ҷомеа дошта бошанд. Ташкили кори самараноки дастаҳои таблиғкунандагони интернет-шабакавӣ бояд аз роҳандозии стратегияи дуруст, омодасозии мутахассисони таблиғотӣ, истифодаи воситаҳои технологӣ, таъмин намудани дурустии иттилоот ва таҳлили самаранокии таблиғот бархӯрдор бошад, то ки онҳо тавонанд дар шароити интернетӣ таъсири мусбии худро ба ҷомеа гузоранд.

Панҷум, саводноккунии иттилоотӣ ва зарурати рушди бахши барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ.

Саводноккунии иттилоотӣ ва зарурати рушди бахши барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ ҳамчун татбиқи сиёсати иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир аҳамияти хеле муҳим дорад. Дар ҷаҳони рақамии имрӯза, ки ҳаррӯза ҳаҷми аниматикӣ ва динамикии иттилоот афзоиш меёбад, ҳатто кишварҳои хурд низ ба технологиҳои муосир ва сиёсати иттилоотикунонӣ эҳтиёҷ доранд, то дар мубориза барои таҳкими амният, равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дуруст, бо дигар давлатҳо дар ҷаҳони нав рақобатпазир бошанд. Зарурати тақвияти барномасозӣ ва зеҳни сунъиро Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми солонаи худ иброз дошта қайд намуданд, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурд бояд ба самти истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад [18].

Бар асоси ин, рушди саводнокии иттилоотӣ ва бахши барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ барои рушди кишвар нақши ҳалкунанда дорад.

Саводнокии иттилоотӣ дар замони муосир ҳамчун як унсури муҳими таълимӣ ва маъмурии ҳар як ҷомеа мебошад. Саводнокии иттилоотӣ на танҳо ба дониш оиди истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва роҳҳои ҷустуҷӯи иттилоот, балки дарки асолати иттилооти дуруст ва қобилияти ҷудо кардани

он аз иттилооти бардурӯғ, манипулятсионӣ ва баромадҳои хатарнок вобаста аст. Дар Тоҷикистон, ки ба таври рушдёбанда дар роҳи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорад, саводнокии иттилоотӣ метавонад ҳамчун як восита барои муқобила бо манипулятсия ва бардурӯғҳо, инчунин барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди устувор, нақши муҳим дошта бошад. Дар ин замина, дарки асоси истеҳсол ва интиқоли иттилоот, имконияти истифодабарии технологиҳои рақамӣ барои шаҳрвандон муҳим аст.

Рушди бахши барномасозӣ дар Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҷузъҳои стратегияи рушди сиёсии иттилоотикунонӣ, барои баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва рушди соҳаҳои технологӣ аҳамияти махсус дорад. Барномасозӣ на танҳо барои таҳияи системаҳои иттилоотӣ ва таҳлили маълумот муҳим аст, балки барои таъмини амнияти кибернетикӣ, беҳтар кардани равандҳои идорӣ, татбиқи эҷодии ҳадафҳои сиёсӣ-миллӣ ва иқтисодӣ низ зарур мебошад. Ин соҳа дар самти эҷоди шебу фарози дастгоҳҳои рақамии ба инобат гирифташуда барои истифодаи соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ёрии калон мерасонад.

Зеҳни сунъӣ ё “AI” дар робита бо татбиқи сиёсати иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон метавонад барои таҳлили дақиқи маълумот, шиносоии хатарҳо ва таҳдидҳо, ва ҳамчунин барои ба роҳ мондани барномаҳое, ки дар рушди сиёсати иттилоотӣ кӯмак мекунанд, истифода шавад. Зеҳни сунъӣ ба таври амиқ ва суръатбахш метавонад дар миқёсҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутахассисонро дар таҳлили хатарҳо, амалиётҳои мудириятӣ ва қароргузорӣ дастгирӣ кунад.

Хулоса, масъалаи дурнамои сиёсати иттилоотонӣ ва муҳимияти амаликунии он дар замони соҳибистиқлолӣ дар худ заруриятҳои худро дорад. Сиёсати дурусти иттилооти ин ҳимояи фазои иттилоотӣ ва рушди бемайлони дигар ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар зербоби мазкур моҳияти иттилоотонӣ ва самаранокии фаолияти мақомоти давлатиро дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба хавфу хатарҳои манипулиатсионӣ баррасӣ гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки татбиқи сиёсати иттилоотикунонӣ дар Тоҷикистон бо истифода аз тавоноии саводнокии иттилоотӣ ва рушди бахши барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ метавонад боиси баланд бардоштани маърифати ҷомеа дар ҳамаи сатҳҳои фаъолият, аз ҷумла дар соҳаи маориф, тандурустӣ, амният, ва идоракунии давлатӣ шавад. Ҳамзамон, саводнокии иттилоотӣ барои амалишавии сиёсати муфид ва созанда ба назар мерасад, ки шаҳрвандон дар истифодаи воситаҳои иттилоотии дуруст ва самаранок ва дарк кардани хатарҳо ва манипулятсияҳои иттилоотӣ қобилияти бештар пайдо мекунанд.

Бинобарин, ба андешаи мо дар дурнамоӣ сиёсати иттилоотонӣ ташкили системаи самаранок барои омодасозии ҷавонон ва шаҳрвандон дар соҳаи саводнокии иттилоотӣ, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ бояд роҳандозӣ карда шавад. Ин на танҳо барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, балки барои таъмини рушди давлати демократӣ, адолат ва амният кӯмак хоҳад кард.

# ХУЛОСАҲО

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Сиёсати иттилоотӣ дар замони муосир бо хусусиятҳои хоси худ, ки ба рушди технологӣ, глобализатсия ва ниёз ба шаффофият доранд ҳамчун омили муҳими самаранокии идоракунӣ ва татбиқи сиёсати муваффақ ба ҳисоб меравад. Он бояд дар контексти инноватсия ва рақамикунонӣ ҷорӣ шавад, ки кӯмак мекунад, то фаъолияти давлат, таркиботи сохтории давлат ва хидматрасониҳо самараноктар шаванд. Дуруст аст, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва мутобиқсозии сиёсати иттилоотӣ ба шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иҷтимоӣ ба таҳкими эътимод дар миёни мардум ва қавитар кардани механизмҳои идоракунӣ бояд мусоидат кунад.

Ҳамзамон, бо вуҷуди пешрафти илму техника, сиёсати иттилоотӣ бояд ҳифзи амният ва мубориза бо хатарҳои киберӣ ва таҳдидҳои иттилоотиро дар бар гирад. Ташаккул ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар замони муосир як равандест, ки барои беҳтар кардани раванди идоракунӣ, бозсозӣ, рушди давлат ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти калон дорад. Вобаста ба ин, ҷанбаҳои зеринро дар шакли хулосаи таҳқиқоти илмӣ пешниҳод намудан аҳамиятнок аст:

